ҚОНУНИЯТ

Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии
Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№2
2011

ҚОНУНИЯТ

Маҷаллаи илмию амалӣ
ва назариявии Прокуратураи генералии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

№2 2011

ЗАКОННОСТЬ

Теоретический и научно-практический
журнал Генеральной прокуратуры
Республики Таджикистан

№2 2011

САРМУҲАРРИР

САЛИМЗОДА Шерхони Одина
Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

МУҲАРРИРИ МАСЪУЛ

ИСОЕВ Мадвалӣ Шайдуллоевич
Сардори Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ

КАРИМОВ Файзимад Каримович
Сардори Раёсати кадрҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ОЛИМОВ Мадиброҳим Матосимович
Сардори Раёсати назорати умумии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ХАЛИФАЗОДА Муҳаммадризои Ниёз
Сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва назорати маводи нашъаовари Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДОДОБОЕВ Абдусамӣ Содиқович
Сардори Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ ва таблиғоти ҳуқуқии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВАЛИЕВА Барно
Журналист, муҳаррири навбатдор

МУАССИС

Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи ба номи Абӯалӣ ибни Сино, 126

Мақомоти прокуратура дар низоми идоракунии давлат яке аз ниҳодҳои муҳим буда, дар ҷомеа нақш ва мавқеи хоси худро доранд. Конститутсия ба зиммаи онҳо вазифаҳои таъмини волоияти қонун, назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлат ва ҷомеаро вогузор намудааст.

Эмомалӣ РАҲМОН

САВГАНДИ КОРМАНДИ ПРОКУРАТУРА

«Дар роҳи хизмати содиқонаи қонун қадам ниҳода, тантанавор савганд ёд мекунам, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро софдилона риоя менамоям, ба ягон хел каҷравӣ аз он роҳ намедиҳам, бар зидди ҳар гуна қонунвайронкунӣ, сарфи назар аз он ки онро, кӣ содир кардааст, мубориза мебарам, барои самаранок бурдани назорати прокурорӣ ва тафтишоти пешакӣ ҷидду ҷаҳд менамоям, манфиати шахс, ҷамъият ва давлатро фаъолона ҳимоя мекунам; нисбати таклифҳо, аризаҳо ва шикояти шаҳрвандон бо ҳушёрӣ ва диққат муносибат мекунам, ҳангоми ҳал кардани тақдири одамон бегаразӣ ва адолатро риоя менамоям, сирри давлатӣ ва сирри дигарро, ки қонун ҳифз менамояд, қатъӣ нигоҳ медорам, тахассуси худро мунтазам такмил медиҳам, шарафи касбии худро азиз медорам, дар садоқатмандӣ, тозагии ахлоқӣ, хоксорӣ намунаи ибрат мешавам ва беҳтарин анъанаҳои прокуратураро муқаддас дониста, боз ҳам ривоҷ медиҳам.

Эътироф мекунам, ки агар ин савгандро шиканам, минбаъд барои дар мақомоти прокуратура будан муносиб нестам».

(Моддаи 53-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»).

САЛИМЗОДА Шерхони Одина
Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3

Баромади Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3 Салимзода Шерхони Одина дар маҷлиси тантанавӣ ба ифтихори 20 - солагии мақомоти прокуратураи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон

Мӯҳтарам ҳамкасбон, меҳмонони азиз, собиқадорони мақомоти прокуратура!

Ҳамаи шумоёнро аз номи роҳбарият ва ҳайати мушовараи Прокуратураи генералӣ бахшида ба ҷашни 20 - солагии фаъолияти пурсамари мақомоти прокуратураи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва 87 - солагии рӯзи таъсисёбии ин мақомоти бонуфуз табрику муборакбод менамоям.

Имсол, аз рӯзҳои аввали фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун мақомоти воқеан ва комилан мустақил, ҳамчун мақомоти давлати соҳибихтиёр ва соҳибистиқлоли Тоҷикистон 20 сол сипарӣ шуд. Ин сана ва воқеаи таърихӣ ба таъсисёбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита алоқамандӣ дорад.

Мақомоти прокуратураи ҷумҳурии мо бевосита бо таъсисёбии давлати мустақили Тоҷикистон, тадриҷан дар як вақт ва баробари он, мустақилияти амалии худро пайдо намуда, ба фаъолияти воқеъан мустақили мақомоти соҳибистиқлол шурӯъ намуд. Мутаассифона то имрӯз мо ягон сол фаъолияти мақомоти прокуратураи мустақили Тоҷикистонро ҷашн нагирифтаем. Ба омӯзиши ин масъала низ таваҷҷӯҳ зоҳир накарда, то имрӯз пурра муайян ва аниқ накардаем, ки прокуратура кай ва аз кадом тариқ ба фаъолияти мустақили давлати соҳибихтиёр шурӯъ намуд, кай ва аз кадом тариқ Прокуратураи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон барҳам хурд ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, кай ва аз кадом тариқ аввалин Прокурори генералии Ҷумҳурии соҳибихтиёри Тоҷикистон таъин гардид ва ба фаъолият шурӯъ намуд.

Дар арафаи омодагии ҷашни мақомоти прокуратура дар ин хусус таклиф пешниҳод гардида буд, ки 20 - солагии фаъолияти мақомоти прокуратураи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бояд ҷашн гирифта шавад. Мутаассифона, таклиф аз ҷониби баъзе кормандон пазируфта нашуд. Аммо оиди ин назардошт ҳатто ягон

мақолаи таҳлилӣ ва ё ин ки характери омӯзишӣ доштаро, дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ба тавсиб нарасонидем, ҳарчанд ки он мавзӯи муҳим буд.

Хушбахтона, ҳайати мушовараи Прокуратураи генералӣ чанд рӯз пеш ба чунин қарор омад. Соли равон 20 - солагии фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта шавад. Инчунин дар қарори мазкур таъкид гардид, ки паҳлӯҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии масъалаи мустақил гардидани мақомоти прокуратураи Тоҷикистон ҳамчун мақомоти давлатӣ омӯхта шуда, оиди муайян кардани рӯзи иди касбии кормандони мақомоти прокуратура таклиф пешниҳод карда шавад. Боиси ифтихор буд, ки қарори ҳайати мушоваран Прокуратураи генералӣ аз ҷониби маҷлиси тантанавии имрӯза пазируфта шуд ва дар ин замина аввалин маротиба ҷашни 20 солагии фаъолияти пурсамари мақомоти прокуратураи Тоҷикистони соҳибистиқлолро таҷлил менамоем.

Ин лаҳза баъзе паҳлӯҳои масъалаи мазкурро мехоҳам ба самъи Шумо бирасонам.

Дар ҳар як ҷомеаи инсонӣ пазируфтани арзишҳо ба дараҷаи маълумотнокӣ, хираду маърифати баланд ва ақлу заковати мардум ва шахсиятҳо сахт вобастагӣ дорад. Маҳз шахсиятҳои бузург, ки комилан соҳиби чунин арзишҳо мебошанд, бо такя ба замини меросӣ, марзу бум ва бо соҳиб будани забони модарӣ давлати мустақил бунёд мекунанд. Сипас дар доираи волоияти маҷмӯи қавонин, ки бо назардошти хусусиятҳои миллӣ, урфу одат, фарҳангу идеологияи миллӣ таҳия шудаанд, миллат соҳиби давлати мустақили хеш гардида, онро мустақилан бунёду марҳила ба марҳила комил месозад.Тоҷикистони мо низ дар ҳамин замина ва соҳиб будани чунин арзишҳо ҳамчун кишвари соҳибистиқлол ташкил ёфта, ки ҳоло мустақилияти онро 20 сол мешавад. Дар ин муддати кӯтоҳ мардум дар сохтмони давлатдории ҷадид ба комёбиҳои беназир муваффақ гардида, ҳоло дар як шоҳроҳи бузурги ҷомеадорӣ қарор дошта, устуворона қадам мегузорад. Ҳадаф аз саъю талошҳои мардум ин бунёди давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд, ташкили ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, таъмини фазои орому осуда ва ҳамгироӣ бо ҷомеаи мутамаддини ҷаҳон мебошад.

Беш аз ҳазор сол муқаддам мардуми тоҷик ин орзуҳои некро дар замири хеш парварида, дар ин русто пайваста барои амалӣ намудани он бо саъю талош мубориза мебурданд. Бо ҳукми тақдир ормони беш аз ҳазорсолаи гузаштагонамон дар интиҳои асри XX амалӣ гашт ва ин неъмат ба мо - насли нав муяссар шуд. Аз нав соҳиби давлати мустақил шудем. Имрӯз мардуми бонангу ори тоҷик аз файзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист бо анҷом додани комёбиву муваффариятҳои зиёд тақдири худро дар китоби таърихи башарият бо ҳарфҳои заррин сабт гардонад.

Бояд гуфт, ки таърихи прокуратурасозӣ ва прокуратурадории ҷомеаи Тоҷикистон ҳанӯз аз давраи Иттиҳоди Шӯравӣ сарчашма мегирад. 14 декабри соли 1924 Кумитаи Инқилобии Ҷумҳурии Худмухтори Сотсиалистии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси Комиссариати халқии адлия ва Прокуратураи давлатии Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон" қарор қабул менамояд ва прокуратураи ҷумҳурӣ яке аз шӯъбаҳои мустақили Комиссариати халқии адлияи Ҷумҳурии Худмухтори Сотсиалистии Тоҷикистон арзи ҳастӣ пайдо мекунад. Аз ҳамон рӯз инҷониб кормандони мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон 14 декабрро ҳамчун рӯзи иди касбӣ ҷашн мегиранд.

Агар ба роҳи тайнамудаи мақомоти прокуратура дар зарфи солҳои сипаригардида назар афканем, фаъолияти ӯ басо сангину ибратомӯз аст. Кормандони мақомоти прокуратура дар таъмини волоияти қонун, пойдории сулҳу осоиш дар кишвар кору фаъолият нишон дода, заминаи ҳуқуқии давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро ҳамаҷониба ҳифз наму-

да меоянд.

Мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон, ки соли равон 20 - солагии фаъолияти мустақили хешро дар даврони соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва 87 - солагии таъсисёбии худро ҷашн мегирад, дар ин давраи сарнавиштсози ҷомеа, дар пойдории давлату миллат ва пойдории қонуну қонуният корҳои басо назаррасро ба ҷо овардааст.

Дар солҳои аввали таъсисёбии мақомот кормандони соҳибмаълумоти соҳаи ҳифзи ҳуқуқи маҳаллӣ ангуштшумор буда, бо гузашти вақт сафи кормандони он аз ҳисоби ҷавонони қобилиятноки маҳаллӣ пурра гардид ва онҳо дар қураи ҳаёт обутоб ёфта, минбаъд ҳамчун ходимони намоёни ҳифзи ҳуқуқ сабзида камол ёфтанд ва ин ҷо номи А. Ализода, И. Неъматов, М.Ҷобиров, И. Қаландаров, М. Алиев, М. Дониёров ва бисёр дигаронро метавон ёдовар шуд.

Ба шароити вазнини сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии он солҳо нигоҳ накарда, кормандони прокуратураи ҷумҳурӣ ҳар як супоришро бо ҳисси баланди масъулият, кордонӣ ва фидокорӣ ба халқу Ватан ба иҷро мерасонанд.

Мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1924 то соли 1936 дар ҳайати Комиссариати халқии адлияи ҷумҳурӣ ва минбаъд то соли 1991 дар низоми ягонаи марказонидашудаи прокуратураи ИҶШС қарор дошт ва бевосита ба он тобеъ ва ҳисоботдиҳанда буд. Танҳо ба Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон аз рӯи баъзе масъалаҳои сиёсӣ ҳисоботдиҳанда буду халос. Дигар ба ягон мақомоти давлатии Тоҷикистон итоат намекард ва ҳисобот низ намедод.

Солҳои 1991-1992 табаддулот ва ислоҳотҳои собиқ давлати абарқудрати (империя)-и Иттиҳоди Шӯравӣ шурӯъ шуд. ИҶШС барҳам хӯрда, ҷумҳуриҳои иттифоқӣ мустақилият ва соҳибихтиёрӣ ба даст оварданд.

24 августи соли 1990 Совети Олии РСС Тоҷикистон Эъломия "Дар бораи истиқлолияти Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон" қабул карда бошад ҳам, Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ қарор дошт ва дорои соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти воқеӣ ва комил набуд. Асоси ҳуқуқии ташкилёбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати мустақил ва соҳибихтиёр ин қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи эълон намудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" №392 аз 9 сентябри соли 1991 гардид. Шурӯъ аз ҳамин сана Ҷумҳурии Тоҷикистон дар харитаи сиёсии ҷаҳон ҳамчун давлати мустақилу соҳибихтиёр арзи вуҷуд кард.

Барои иҷро намудан ва пеш бурдани вазифаҳо ва функсияҳои давлати навтаъсиси Тоҷикистон зарур буд, ки мақомотҳои давлатӣ фаъолият баранд ва амал намоянд. Дар арафаи таъсисёбӣ ва солҳои аввали мавҷудияти давлати навини Тоҷикистон мақомотҳои давлатии собиқ ҶШС Тоҷикистон дар як вақт вазифаҳои давлати соҳибихтиёрро иҷро намуда, баробари он ислоҳотҳо дар худи ин мақомотҳои давлатӣ гузаронида мешуд. Аз ҷумла, раванди ислоҳотҳо дар мақомоти прокуратураи Тоҷикистон низ гузаронида мешуданд.

Ҳанӯз моҳи июни соли 1991 дар Конститутсия чунин тағйиротҳо ворид гардид. Таъин ва озод намудани Прокурори ҶШС Тоҷикистон ба салоҳияти Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон гирифта мешавад ва бо қарори Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон №305 аз 28 июни соли 1991 аввалин маротиба Прокурори ҷумҳурӣ (Н. Ҳувайдуллоев) аз ҷониби мақомоти олии давлатии Тоҷикистон ба вазифа таъин карда мешавад.

Бо қарори Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон №472 аз 25 июли соли 1991 ҳайати коллегияи Прокуратураи ҶШС Тоҷикистон иборат аз 6 нафар тасдиқ карда мешавад. Дар ин давра ҳоло ИҶШС ва мақомотҳои давлатии он (аз ҷумла Прокуратураи ИҶШС) барҳам нахӯрда буданд ва Тоҷикистон ҳанӯз соҳибихтиёрии комил ва пурраро доро набуд.

Баъди аз эълон гардидани соҳибистиқлолии Тоҷикистон (9 сентябри соли 1991) якумин маротиба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷи-

кистон "Дар бораи Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳти № 652 аз 30 апрели соли 1992 қабул карда шуд. Он вазифаҳо, принсипҳои ташкил ва фаъолият, низом ва дигар самтҳои асосии фаъолияти мақомоти додситони (прокуратура) давлати соҳибихтиёрро муайян намуд ва ба танзим дароварад. Ба Қонун аввалин маротиба маҳфум ва мансаби Додситони кулл ворид карда шуд. Дастгоҳи марказӣ мутобиқи ин Қонун "Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ном дошт, системаи (низоми) мақомоти додситонии ҷумҳуриро Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, додситониҳои ВАБК, вилоятҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо, додситониҳои махсусгардонидашуда ва ҳарбӣ ташкил медод. Додситони куллро бо пешниҳоди Раиси Шӯрои Олӣ, ки бо Президент мувофиқа гардидааст, Шӯрои Олӣ таъин мекард ва он дар фаъолияташ дар назди Шӯрои Олӣ масъулият дошт ва танҳо ба он тобеъ буд, ӯ дар як сол як маротиба дар назди Шӯрои Олӣ ҳисобот медод.

Аз ин рӯ, пешниҳод менамоям, ки моҳи апрели соли 2012 вобаста ба қабули аввалин Қонуни мақомоти прокуратураи Тоҷикистон конференсияи илмию амалӣ гузаронида шуда, масъалаҳои мақомоти мустақили прокуратураи Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳокима карда шавад.

Баъди иҷлоисияи XVI таърихии Шӯрои Олӣ истиқлолият ва соҳибихтиёрии воқеъии Тоҷикистон рӯи кор омад. Аввалин Конститутсияи ҷумҳурии мустақил ва соҳибихтиёри Тоҷикистон таҳия гардида, 6 ноябри соли 1994 аз тариқи райъпурсии умумӣ қабул карда шуд ва бори аввал дар Конститутсия ба мақомоти прокуратура боби махсус бахшида шуд, ки он то имрӯз ба низом, ваколат ва фаъолияти мақомоти прокуратура танзими конститусионӣ бахшида омада истодааст. Дар асоси Конститутсия Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳти 289 аз 11 марти соли 1996 қабул карда шуд, баъд 25 июли соли 2005 Қонуни имрӯз амалкунанда дар бораи мақомоти прокуратура қабул гардид, ки фаъолияти мақомоти прокуратураро ба танзим медарорад. Дар Қонуни соли 1996 маҳфуми Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо шуд.

Бо мақсади ба роҳ мондани фаъолияти мунтазами мақомоти прокуратура дар ба амалбарории назорати дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ бо пешниҳоди Прокурори генералӣ ва дастгирии Сарвари давлат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 1994 бори аввал баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон сохтори мақомоти прокуратура дар ҳайати роҳбарият, 13 раёсату шӯъбаҳои дастгоҳи марказӣ, 3 прокуратураи вилоятӣ, 15 прокуратураи шаҳрӣ, 53 прокуратураи ноҳиявӣ ва махсусгардонидашуда, Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 5 прокуратураҳои ҳарбии гарнизонҳо бо шумораи умумии 629 нафар кормандони фаврӣ тасдиқ карда шуд.

Дар сохтори мақомоти прокуратура аввалин маротиба бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 47 аз 14 апрели соли 1994 прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон таъсис дода, ваколатҳои он бо прокуратураи вилоятӣ баробар карда шуд.

Илова бар ин, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №122 аз 26 декабри соли 1994 дар сохтори Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон курсҳои такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура ташкил карда шуд, ки он дар баланд бардоштани дараҷаи касбии кормандони мақомоти прокуратура нақши сазовори худро гузошт.

Бо дастгирии бевоситаи Сарвари давлат, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 1996 75 воҳиди корӣ ва соли 2010 15 воҳиди корӣ ба мақомоти прокуратура ҷудо карда шуд.

Баъди соҳибистиқлол гардидан ва ба эътидол омадани вазъи сиёсию иҷтимоии ҷумҳурӣ Прокуратураи генералӣ барои ба

кор баргардонидани кормандони соҳибтаҷриба, ки бо сабабҳои муайян аз мақомот рафта буданд, инчунин аз ҳисоби мутахассисони ҷавон пурра намудани шумораи воҳидҳои корӣ чораҳои зарурӣ андешид.

Қайд намудан лозим аст, ки як теъдод кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла кормандони прокуратураи вилояти Хатлон дар ибтидои Истиқлолияти кишвар қурбони ин дасисаҳои сиёсӣ гардида, ҷони хешро аз даст додаанд.

Мақомоти прокуратура бо назардошти вазъи баамаломада фаъолияти худро барои боз ҳам беҳтар намудани ҳолати қонуният, ба танзим даровардан ва мӯътадил бахшидани вазъият равона намуданд. Барои он ташкили дурусти кор дар самтҳои асосии назорати прокурорӣ, баланд бардоштани ҳисси масъулияти кормандон ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ, дар сатҳи баланди касбӣ бардоштани дараҷаи тарғибу ташвиқи қонунҳои амалкунанда ва сиёсати қонунэҷодкунии давлатӣ ва аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ намудани онҳо равона карда шуд.

Дар назди мақомоти прокуратура вазифа гузошта шудааст, ки тамоми фаъолияти худро барои таъмини қонуният дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёти давлатӣ равона созад. Бо ин мақсад ҳамаи самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура бо дарназардошти назорати умумии риояи қонунҳо, тафтишоту таҳқиқоти амалу кирдорҳои ҷиноятӣ, фаъолияти фаврию ҷустуҷӯйӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар муборизаи бар зидди ҷиноятқорӣ инкишоф дода мешаванд.

Ҳамкасбони азиз!

Савганд ёд кардани Президенти мамлакат ба ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба ҳар як корманди мақомоти прокуратура бечунучаро дахл дошта, сармашқест баҳри қасам ёд намудани мутахассисони ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла мутахассисони ҷавони мақомоти прокуратура, баҳравар будани кормандони прокуратура аз ин Савганд ва дар амал татбиқ намудани амали он, ба пешравии кор дар таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мамлакат мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, кормандони мақомоти прокуратура, аз он ҷумла мутахассисони ҷавоне, ки имрӯз Савганд ёд мекунанд, бояд бо дасти поку дили гарм фаъолияти худро давом диҳанд.

Ҳозирини гиромӣ !

Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, як теъдод кормандони масъули мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои Истиқлолияти кишвар бо қиммати ҷони хеш дар таҳкиму пойдории он, суботи комили ҷомеъаи шаҳрвандӣ ва барои ба ҳам омадани ваҳдати миллат ҷоннисориҳои зиёде нишон додаанд. Айни замон бо пайравии чунин кормандони ҷоннисор, ҷумлае аз кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо талошу заҳматҳои пайгирона зери ҳидояту раҳнамоии сарвари давлат Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон масъалаи таҳкими Истиқлолияти давлатиро яке аз самтҳои афзалиятноки кору фаъолияти содиқонаи худ мешуморад. Ва бо ин васила дар ҳифзи дастовардҳои Истиқлолият ва суботи комили ҷомеъа хидмати арзанда намуда, шаъну эътибори ин мақомотро боэътимод баланд мебардоранд.

Бо назардошти дастуру супоришҳои Президенти мамлакат ҳимояи ҳуқуқи инсон, бахусус баррасии муроҷиати шаҳрвандон ва тафтишу таҳқиқи ҷиноятҳо, назорати риояи қонунгузории замин, андоз, муборизаи бар зидди коррупсия, ҳифзи муҳити зист ва санитарию эпидемиологӣ, муҳофизати меҳнат ва техникаи бехатарӣ, муборизаи бо омилҳои террористию экстремистӣ ва иҷрои воқеъии санадҳои эътиноии прокурорӣ ва дар амал бартараф намудани қонунвайронкуниҳо дар марҳилаи ҳозираи таҳкими қонуният самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти прокуратура эътироф шудаанд.

Новобаста аз авзои вазнини ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ, мақомоти прокуратура ҳангоми фаъолияти худ ҳамаи мушкилиҳоро паси сар карда, дар таъмини назо-

рати иҷроиши қонунҳо, решакан кардани ҷиноятқорӣ саҳм мегузорад.

Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои арзанда дар таҳкими конуният, тарбияи кадрҳо, таблиғи қонунгузорӣ, иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятии давлат аз соли 1993 ин ҷониб 151 нафар кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармонҳои ба мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои фахрии Тоҷикистон, аз ҷумла бо орденҳои Исмоили Сомонӣ, Спитамен, Шараф, медалҳои Ҷасорат, Хизмати шоиста, 20- солагии истиқлолияти давлатӣ, Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҳои фахрии Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон ва Корманди шоистаи Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Мо, кормандони мақомоти прокуратура дар оянда низ аз сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлатамон пуштибонӣ намуда, баҳри гулгулшукуфии Ватани маҳбубамон ва дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд гардидани мақоми он саҳм мегузорем.

Дар охир ба ҳамаи Шумо тани сиҳат, хотири ҷамъ, хонаи ободу осуда, файзу баракати ҳаёту зиндагӣ, саодати рӯзгор, саховатмандӣ, шарофати инсонӣ, фарахмандию шодкомӣ ва дар адои вазифаи пурмасъулияту бошарафатон муваффақиятҳоро хоҳонам.

Иди касбӣ, 20 - солагии фаъолияти мақомоти прокуратураи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва 87- солагии таъсисёбии мақомоти прокуратураи ҷумҳуриро ба Шумо бори дигар муборакбод мегӯям!

Ба диққататон ташаккур!

Кормандони мақомоти Прокуратура дар ҷаласаи тантанавӣ бахшида ба 20 - солагии Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон (14 декабри соли 2011)

Замин - сарвати бебаҳо

ВОҲИДОВ Ҳабибулло Сайдуллоевич
муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии
Тоҷикистон мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3

Замин ганҷи асосӣ ва сарвати бебаҳо ба ҳисоб рафта, беҳуда онро ба Модар, ки олиҳаи ҳастӣ ва мавҷудоти муқаддас аст, баробар накардаанд. Мо низ дар рӯи замин ҳаёт ба сар бурда истода, бояд дарк намоем, ки замин гаҳвораи ҳастӣ ва боигарии асосӣ мебошад ва ба он муносибати эҳтиётқорона ва ғамхорона дошта бошем. Аҷдодони мо ҳар як вақаби заминро чун гавҳараки чашм гиромӣ дошта, онро ҳифз намуданд ва мо низ ӯҳдадорем, ки истифодаи самараноку оқилонаи заминро таъмин намоем.

Аҳолии сайёра зиёда аз 40 сол аст, ки 22 апрелро ҳамчун Рӯзи Замин тақлил менамоянд. Соли 2009 бо қатъномаи Ассамблеяи Созмони Милали Муттаҳид 22 апрел ҳамчун рӯзи байналмилалии Модар-Замин эълон карда шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи ҷуғрофӣ яке аз кишварҳои камзамин ба ҳисоб рафта, 93 фоизи онро кӯҳсор ва ҳамагӣ 7 фоизашро ҳамворӣ ташкил медиҳад. Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари аграрӣ буда, бегуфтугӯ замин боигарии асосии он маҳсуб меёбад.

Таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ ва таъмини аҳолӣ бо манзили истиқоматӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эътироф гардидааст, ки амалӣ сохтани он бе истифодабарии самаранок ва мақсадноки замин имконнопазир аст.

Бо назардошти чунин омиҳло танҳо дар давоми солҳои 2008-2011 дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиёда аз 30 000 гектар замин ба фонди манзил гузаронида, баҳри беҳтар намудани шароити некӯаҳволии халқ кӯшишу талошҳо ба харҷ дода, вобаста ба ислоҳоти замин як қатор барномаҳои давлатӣ таҳияву амалӣ карда шудаанд, ки бешубҳа ба пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа мусоидат намудаанд. Ин амалҳо шаҳодати идомаи сиёсати пайгиронаи роҳбарияти давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ баҳри баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии халқ ва таъмини он бо манзилҳои зист мебошад.

Пӯшида нест, ки айни ҳол омилҳои коррупсионӣ бисёре аз соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар, аз ҷумла соҳаи кишоварзиро низ дар самти истифодаи замин фаро гирифта, ба яке аз омилҳои муҳими эҷодкунандаи монеа ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд табдил ёфта, мубориза бар зидди он самти афзалиятноки назорати прокурорӣ эътироф гардидааст.

Ҳамзамон, бояд эътироф намоем, ки мубориза зидди коррупсия танҳо кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Ин мубориза шарти асосии рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар аст. Аз ин хотир, он бояд ба кори тамоми ҷомеа табдил дода шавад. Фақат бо фишангҳои таъқиби ҷиноятӣ коррупсияро решакан кардан имконнопазир аст.

Вобаста ба қонунвайронкуниҳои дар соҳаи заминистифодабарӣ ҷойдошта зарур аст фазое ба вуҷуд оварда шавад, ки тамо-

ми мақомоти идораи давлатӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва шаҳрвандон худро масъул ҳисоб кунанд.

Назорати прокурорӣ низ дар ин самт сол аз сол пурзӯр гардида, ҳамарӯза ҷиҳати пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани камбудию қонунвайронкуниҳо чораҳои судманд андешида шуда истодааст, ки натиҷаҳои бадастомада шаҳодати ин гуфтаҳоянд.

Аз ҷумла, аз натиҷаҳои санҷишҳои дар давоми солҳои 2006-2010 гузаронидаи мақомоти прокуратура мутаносибан 266, 377, 496, 327, 494 пешни?од, 418, 585, 787, 521, 1752 амр, ба асноди ғайриқонунӣ қабулшуда 983, 1672, 3176 1387, 1800 эътироз бароварда, нисбати ашхоси гунаҳкор 1284, 1786, 2610, 1600, 3346 истеҳсолотҳои интизомӣ, моддӣ, маъмурӣ оғоз карда, барои баррасӣ ба мақомоти дахлдор фиристода шудааст. Дар ин давра мутаносибан 80, 85, 255, 157, 445 парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуданд, ки дар давоми як соли охир 2 баробар зиёд оғоз кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва зиёда аз 925 гектар ба ҳолати аввала баргардонидани қитъаҳои замини худсаронаю ғайрионунӣ тақсимшуда инъикоскунандаи кори хуби мақомот мебошад.

Агар дар давоми солҳои пеш ба қарорҳои ғайриқонунӣ қабулнамудаи раисони шару ноҳияҳо вобаста ба қонунгузории замин миқдори ночиз эътироз оварда шуда бошанд, танҳо дар давоми соли 2010 ва нимаи аввали соли 2011 ба қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳо мутаносибан 660 ва 288 эътироз оварда шуданд, ки вазъияти ногувори то ин вақт ҷойдошта то ҳадди муайян ба эътидол оварда шуд.

Беҳтар гардидани вазъият дар ин самт маҳз аз пурзӯр намудани талабот ва ҳамчун самти афзалиятноки назорати прокурорӣ эътироф намудани ҳолати иҷрои қонунгузории замин мебошад.

Вале чӣ тавре ки мебинем, бархе аз шахсони масъул аз ин хулосаҳои даркорӣ набароварда, вазифаҳои муқаддаси хизматии хешро пеши по зада, ба ин сарвати бебаҳо, ки гузаштагони мо барои ҳар як вақаби он набарду заҳматҳои зиёд кашида, онро ба мо мерос гузоштаанд, хиёнат карданд.

Агар ба маълумотҳои оморӣ назар афканем, дар давоми 20 соли охир дар миқёси ҷумҳурӣ майдони 129 000 гектар қитъаҳои замини корам, аз ҷумла, 86 600 гектар заминҳои корами обӣ кам гардидаанд, ки дар оянда идома ёфтани чунин ҳолат метавонад ба иқтисодиёти мамлакат ва таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа таъсири манфии худро расонад.

Вазъи мелиоративии заминҳо низ чандон ба талабот ҷавобгӯ набуда, дар ҷумҳурӣ майдони зиёда аз 80 000 гектар заминҳо дар ҳолати бади мелиоративӣ қарор доранд.

Дар сурати самаранок истифодабарии ин миқдор заминҳо ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани он иқтисодиёти кишвар тадриҷан рӯ ба беҳбудӣ оварда, дар як вақт боиси зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ, бо нархҳои нисбатан арзон дастрас намудани озуқаворӣ ва кам ворид намудани маҳсулот аз хориҷи кишвар мегардад.

Боиси нигаронии ҷиддӣ мебошад, ки аксаран шахсони масъули мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо сабабгори асосии содиршавии кирдорҳои ғайриқонунӣ вобаста ба ҷудо ё ин ки хариду фурӯши замин мегарданд. Яъне ин қабил афрод ба ҷои амалӣ кардани сиёсати давлат дар самти истифодаи самараноку оқилонаи замин, баръакс худ ба ин амалҳои нангин даст задаанд, ки чунин рафтори онҳо нобахшиданӣ ва боиси ба тамоми масъулият ҷавоб гуфтан дар назди вичдон ва қонун мебошад.

Худ қазоват намоед, замоне водии Вахш бо замини зархез ва ҳосили пурфайзи худ дар миқёси ҷумҳурӣ ва ҳатто берун аз он овозадор буд. Имрӯз бинед, ки қисми назаррасии заминҳои зархези ин водӣ ғайриқонунӣ тақсим ё худсаро-

на ишғол карда шудаанд, ки ба ин қабил заминҳои ғайриқонунӣ тақсимшудаи шаҳру ноҳияҳои Қӯрғонтеппа, Бохтар ва Вахш рост меоянд.

Ё ин ки ба зиёда аз 3 500 нафар шаҳрвандон аз ҳудуди заминҳои корами обӣ ва боғоти хоҷагии С. Ӯрунхоҷаеви ноҳияи Бобоҷон Ғафуров майдони 250 гектар итъаи замин ғайриқонунӣ ҳамчун замини наздиҳавлигӣ ҷудо ва фурӯхта шудааст. Албатта, чунин амали ҷиноятқорона дар пеши чашми тамоми мақомоти давлатии ноҳия ва вилоят, гузашта аз ин бо дахолат ва мусоидати бевоситаи онҳо сурат гирифтааст.

Маҳз аз ҷавобгарӣ дар канор мондани чунин ашхоси ҷиноятпеша ва аз бемасъулиятиву бепарвоии мақомоти назоратӣ шаҳрвандони алоҳида истифода бурда, ба тариқи оммавӣ дарахтони мевадиҳандаи боғотро бе иҷозати мақомоти дахлдор худсарона бурида, несту нобуд карда, дар он таҳкурсӣ, девор ва манзилҳои истиқоматӣ бунёд намуда, ба табиат зарари бебозгашт ва ба давлат зарари ҷиддии моддӣ расонидаанд.

Ба ин монанд, даҳҳо мисолҳои дигар овардан мумкин аст.

Бо назардошти ин гуфтаҳо ба хулоса омадан мумкин аст, ки чунин амалҳои ҷиноятқорона тайи даҳсолаи охир ба таври силсилавӣ идома дошта, як қатор шахсони масъули мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо сабабгори асосии содиршавии кирдорҳои ғайриқонунӣ вобаста ба ҷудо ё ин ки хариду фурӯши замин гаштаанд.

Дар баробари ин, новобаста аз чораҳои ҳамарӯза андешида имрӯзҳо заминҷаллобон тарзу усулҳои нав ба нави тақсим ва фурӯши қитъаҳои заминро эҷод кардаанд, ки ин омил кормандони мақомоти ҳифзи ҳуҳуқро водор месозад, ҳушёрӣ ва зиракиро аз даст надода, дар ин самт фаъолиятро пурзӯр намуда, тартибу усули пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани ин қабил қонунвайронкуниҳоро омӯхта, нисбати ашхоси гунаҳкор чораҳои мушаххас андешанд.

Санҷиш ва таҷрибаҳои андӯхта нишон медиҳанд, ки асосан ин қабил қонунвайронкуниҳо аз ҷониби мақомоти мҳаллии ҳкимияти давлатӣ, худидораи маҳаллӣ (ҷамоатҳо), мақомоти назоратӣ, (заминсозӣ, меъморӣ ва дигарон), роҳарияти корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ, ассосиатсияи хоҷагиҳои дҳконӣ содир мегарданд.

Содиркунии қонунвайронкуниҳои замин аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, заминсозӣ, меъморӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ, ин сари вақт баррасӣ накардани муроҷиатҳои шаҳрвандон дар бораи ҷудо ва вобасткунии замин ва беасос рад намудани онҳо, пинҳон намудани маълумот дар бораи мавҷуд будани фонди махсуси замин, ғайриқонунӣ аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани замин, вайрон намудани тартиби гирифтани қитъаҳои замин барои эҳтиёҷоти давлатию ҷамъиятӣ, ғайриқонунию беасос бар хилофи талаботи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи замин, вайронкунии ҳуқуқи аъзоёни хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳангоми тақсим намудани саҳми замин, рад ё тақсимоти нобаробар ва ноадолатонаи саҳми замин, амвол ва қарзҳои ташкилоту корхонаҳои кишоварзии таҷдидшуда байни хоҷагиҳои деҳқонӣ, дахолат кардан ба фаъолияти заминистифодабарандагон ва маҳдудияти мустақилияти онҳо, риоя накардани талаботи қонунгузории ҷорӣ ҳангоми ҷудо намудани қитъаи замин барои ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳолатҳои аз ҳисоби заминҳои корами обӣ ҷудо намудани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзил ва иншоотҳои ғайриистеҳсолӣ, ҳолатҳои аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ғайриқонунӣ муқаррар намудани имтиёзҳо дар мавриди пардохти андози замин, тақсими қитъаҳои замини истифодаи умум, заминҳои

шаҳр, маҳали аҳолинишин, саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа, ҳифзи табиат, солимгардонию рекреатсионӣ, таърихию фарҳангӣ ва таъиноти дигар, ҷудокунии қитъаҳои замин аз ҳисоби заминҳои фонди давлатии ҷангал, об ва ғайра мебошад.

Солҳои пеш шаҳрвандон танҳо қитъаҳои заминро худсарона ишғол намуда, дар онҳо ғайриқонунӣ сохтмони манзилҳои истиқоматӣ ва дигар иншоотҳоро анҷом медоданд. Аммо вақтҳои охир содиркунии қнунвайронкуниҳои замин, аз ҷумла, таъсиси гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятқорона бо мақсади ба роҳ мондани хариду фурӯши қитъаҳои замин, бо роҳи қаллобӣ ва сохтакории ҳуҷҷатҳо азхуд кардани заминҳо ба таври васеъ паҳн гардида, вазъияти ташвишоварро ба миён овардааст, ки пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани онҳо вазифаи муқаддаси мост.

Бо ҳамин мақсад ва пурзӯр намудани мубориза бар зидди қонунвайронкуниҳои ҷойдошта 25 марти соли 2011 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, ки мутобиқи он ба моддаи 338 Кодекси мазкур қисмҳои 2, 3 илова ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ин қабил ҷиноятҳо пурзӯр карда шудааст.

Ҳамчунин, бори аввал ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи нав 3381 илова карда шудааст, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғайриқонунӣ додани қитъаи замин пешбинӣ намудааст.

Истифодабарии оқилонаи замин масъалаи дирӯзу имрӯз набуда, сол аз сол зиёд шудани шумораи аҳолӣ аз ҳар як фард сари ин масъала таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намуданро тақозо менамояд.

Боварӣ дорам, ки мақомоти прокуратура дар оянда низ назоратро оиди истифодаи самаранок ва оқилонаи замин пурзӯр намуда, ҷиҳати бартараф намудани қонунвайронкуниҳои дар ин самт ҷойдошта чораҳои мушаххас меандешад.

Исоев Мадвали Шайдуллоевич,
Начальник Управления по надзору за законностью судебных актов по уголовным делам Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан государственный советник юстиции 3 класса

Некоторые вопросы совершенствования санкционирования меры пресечения судом

Обобщив практику применения нового уголовно - процессуального закона по вопросам избрания меры пресечения сотрудниками Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан были выявлены определенные несогласованности положений нового закона, действующего уже более одного года. Проведенный анализ УПК с учётом положений Конституции Республики Таджикистан и другого национального законодательства, приводит к следующим выводам.

Применимость залога как меры пресечения

Часть 1 статьи 109 УПК1 определяет, что мера пресечения "Залог" применяется при условии полного возмещения имущественного вреда, причинённого преступлением. Получается, что лицо, которое не осуждено, а только подозревается или обвиняется в совершении преступления, уже обязано возместить ущерб, причинённый совершённым преступлением, после чего к нему может быть применена такая мера пресечения. На наш взгляд, в стадии предварительного расследования недопустимо ставить в зависимость возможность применения меры пресечения, в том числе "Залог" при условии погашения вреда. Поскольку вина лица в совершении преступления ещё не доказана и на подозреваемого в полном объеме распространяется принцип презумпции невиновности. Согласно первого предложения ч.1 ст.109 УПК залог применяется для обеспечения явки подозреваемого, обвиняемого, подсудимого по вызову органа ведущего процесс. Более того, в порядке ст.102 УПК, мера пресечения применяется не для устранения последствий совершённого преступления, а в целях предотвратить возможность подозреваемого/обвиняемого: скрыться от органа уголовного преследования и суда; воспрепятствовать предварительному расследованию или рассмотрению дела судом; скрыть или фальсифицировать доказательства; воздействовать на свидетелей или потерпевших; совершить другое преступление.

Исходя из изложенного, было бы целесообразно из части 1 ст.109 УПК исключить предложение: "Залог применяется при условии полного возмещения имущественного вреда, причиненного преступлением".

1Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан. - Душанбе:2010.

Часть 1 ст.109 УПК изложить в следующей редакции: "Залог заключается во внесении денежных средств или других ценностей самим подозреваемым, обвиняемым, подсудимым либо другими физическими и юридическими лицами на депозит органа уголовного преследования и суда в обеспечение явки подозреваемого, обвиняемого, подсудимого в орган уголовного преследования или в суд по их вызову. Доказывание ценности залога возлагается на залогодателя".

Определение размера залога и компетентность органов применять его

"Часть 1 статьи 109 УПК определяет, что сумма залога определяется с учётом тяжести преступления, личности подозреваемого, но в размере не менее трехсот минимальных заработных плат. (далее МЗП). Закон устанавливает нижний предел в размере 300 МЗП (что на сегодня составляет 10.500 сомони). Поскольку, учитывая личность подозреваемого (дехканина, рабочего или обычного служащего) в нынешних условиях массовой безработицы и низкого уровня доходов населения, семейный бюджет подозреваемого вряд ли будет предусматривать суммы в размере 300 МЗП. Более того, закон не разграничивает размер залога в зависимости от категории преступления в котором подозревается или обвиняется лицо.

Часть 2 ст.109 УПК позволяет следователю и дознавателю определить размер залога и с разрешения прокурора применить меру пресечения залог.

Предлагается часть 2 ст.109 УПК изложить в следующей редакции: "Сумма залога определяется с учетом тяжести преступления, личности подозреваемого, обвиняемого, подсудимого, имущественного положения залогодателя. Размер залога не может быть меньше: пятидесяти показателей для расчётов по категориям преступлений небольшой тяжести; ста показателей для расчётов по категориям преступлений средней тяжести; двухсот показателей для расчётов по тяжким преступлениям. Залог не применяется в отношении лиц, подозреваемых или обвиняемых в совершении особо тяжких преступлений".

Два термина одного значения

В русском варианте УПК применяется два термина означающего меру пресечения Арест. Так статья 6 не предусматривает понятия "заключение под стражу", зато определяет Арест как меру пресечения, применяемую по решению судьи или определению суда только в отношении подозреваемых, обвиняемых или осужденных лиц. Далее в статье 11 УПК употребляется понятие Арест. В других статьях УПК применяется понятие "заключение под стражу". Например ст.101 УПК предусматривающая виды меры пресечения упоминает "заключение под стражу", в том числе и статьи 111 и 112 УПК. Возникает вопрос, какой термин необходимо предусмотреть в УПК для определения такой меры пресечения?

Применимость "Ареста" как меры пресечения

В содержании части 1 ст.111 УПК предусмотрены три противоречия взаимоисключающие друг друга. Во - первых, указанная норма в качестве критерия допустимости предписывает, что заключение под стражу в качестве меры пресечения применяется по делам о преступлениях, не ниже категории средней тяжести. Далее эта норма гласит, что к подозреваемым, обвиняемым или подсудимым в совершении тяжкого или особо тяжкого преступления мера пресечения в виде заключения под стражу может быть применена по мотивам одной лишь тяжести преступления. В третьих, указанная норма допускает в исключительных случаях применять эту меру пресечения к категориям преступ-

лений небольшой тяжести, если подозреваемый/обвиняемый не имеет постоянного места жительства на территории РТ или не установлена их личность, либо они скрылись от органов уголовного преследования или суда, или нарушили меру пресечения. Возможность применения к подозреваемым, обвиняемым или подсудимым в совершении тяжкого или особо тяжкого преступления меры пресечения в виде заключения под стражу только по мотивам одной лишь тяжести преступления, противоречит положениям ст.102 УПК РТ и практике Комитета ООН по правам человека, который разрабатывает свои рекомендации на основе прецедентов, вытекающих из международных обязательств государств участников Международный Пакт о Гражданских и Политических Правах[1].

Таким образом, из части 1 ст.111 УПК следует исключить предложение "К подозреваемым, обвиняемым или подсудимым в совершении тяжкого или особо тяжкого преступления мера пресечения в виде заключения под стражу может быть применена по мотивам одной лишь тяжести преступления".

Ознакомление подследственного и защитника с материалами, направляемыми в суд для применения меры пресечения - Арест

Часть 2 ст.111 УПК предусматривает, что материалы, подтверждающие обоснованность ходатайства, должны быть представлены судье, не позднее чем за 8 часов до истечения срока задержания. При этом, часть 3 ст.111 УПК гласит, что постановление о возбуждении ходатайства об избрании в качестве меры пресечения заключения под стражу подлежит рассмотрению судьёй в течение 8 часов с момента поступления материалов в суд. Вероятно, что закон предусмотрел 8 часов для того, чтобы суд имел возможность спланировать свою деятельность и очерёдность рассмотрения дел. Однако, практика показывает, что некоторые судьи используют этот срок для предварительного изучения приложенных к постановлению материалов, а также требуют у следователей/дознавателей материалы, подтверждающие вину подследственного. То есть требуют доказательства, подтверждающие обоснованность подозрения/обвинения лица в совершении преступления (в том числе протоколы: осмотра места происшествия, допросов потерпевших и свидетелей, очных ставок и иные документы) не взирая на то, что при решении вопроса о целесообразности применения Ареста на стадии предварительного расследования, не- допустимо предрешать вопрос о виновности подозреваемого/обвиняемого, поскольку это противоречит презумпции невиновности. Такая практика нарушает принцип беспристрастности суда, поскольку способствует формированию одностороннего мнения суда, также в это время защита ещё не ознакомилась с материалами и соответственно не может в это же время представить суду свои доводы и опровержения аргументов стороны обвинения. Более того, закон не оговаривает когда и кто обязан предоставить подследственному и защитнику такие материалы в целях предварительного ознакомления и возможности подготовки контраргументов и документов, опровергающих мотивы следователя, обосновывающие взятие подследственного под стражу. Сказанное означает, что действующая редакция не обеспечивает реализацию принципа состязательности и равенства сторон, который должен обеспечиваться во всех процедурах, где присутствуют суд и стороны. Также, ст.111 УПК не обязывает суд проверить наличие в постановлении о возбуждении ходатайства, оснований предусмотренных ст.102 УПК, который является фундаментальной по вопросам целесообразности избрания любой меры пресечения.

Таким образом, необходимо часть 2

1Международный пакт о гражданских и политических правах.

ст.111 УПК изложить в следующей редакции: "При необходимости избрания меры пресечения в виде заключения под стражу, следователь и дознаватель с согласия прокурора представляют суду соответствующее ходатайство в форме постановления. В постановлении о внесении ходатайства излагаются мотивы и основания, предусмотренные ст.102 настоящего Кодекса, в силу которых возникла необходимость заключения подозреваемого, обвиняемого под стражу и невозможности избрания иной меры пресечения. Постановление о возбуждении ходатайства направляется в суд с перечнем лиц подлежащих вызову. При этом, материалы, подтверждающие обоснованность ходатайства, представляются суду в судебном заседании. В отношении задержанного, постановление о возбуждении ходатайства должно быть представлено в суд не позднее чем, за 6 часов до истечения срока задержания. Постановление о возбуждении ходатайства с копиями материалов, подтверждающих обоснованность ходатайства, должны быть заблаговременно представлены подозреваемому, обвиняемому и защитнику под роспись, но не позднее чем, за 6 часов до рассмотрения постановления в суде".

Участие в заседании по вопросам Ареста

Часть 3 ст.111 УПК предусматривает, что неявка без уважительных причин сторон, своевременно извещённых о времени проведения судебного заседания, не является препятствием для рассмотрения ходатайства, за исключением случаев неявки подозреваемого или обвиняемого. Однако УПК не предусматривает общего порядка надлежащего уведомления. При этом, ст.198 УПК определяет порядок вызова на допрос, ст.ст.223 и 224 УПК определяет порядок вызова для предъявления обвинения, ч.4 ст.263 УПК гласит, что "стороны в срок, не менее чем за пять суток должны быть извещены о времени начала судебного разбирательства", но такой срок не применим к вопросам санкционирования ареста.

Считаем целесообразным, предусмотреть в УПК отдельную главу 16 прим.1, в которой прописать общий порядок вызова участников судопроизводства для участия в следственных действиях или судебном разбирательстве. Примером такой главы может выступить глава 10 ГПК Республики Таджикистан[1].

Процедура рассмотрения судом ходатайства о взятии лица под стражу

Часть 4 ст.111 УПК предусматривает, что в начале заседания судья объявляет, какое ходатайство подлежит рассмотрению, разъясняет явившимся в судебное заседание лицам их права и обязанности. Затем прокурор либо по его поручению лицо, возбудившее ходатайство, обосновывает его, после чего заслушиваются другие явившиеся в судебное заседание лица. Данная норма не разъясняет, ведётся ли протокол судебного заседания и когда с ним можно ознакомиться, а также вправе ли стороны задавать вопросы друг другу по существу ходатайства и его мотивировках; вправе ли защитник представить доказательства, опровергающие доводы, изложенные в ходатайстве следователя, по обстоятельствам вытекающим из ст.102 УПК Республики Таджикистан.

Тем самым, полагали бы часть 4 ст.111 УПК изложить в следующей редакции: "В начале заседания судья объявляет, какое ходатайство подлежит рассмотрению, разъясняет участникам судебного заседания их права и обязанности. Затем прокурор либо по его поручению лицо, возбудившее ходатайство, обосновывает его, после чего заслушиваются другие явившиеся в судебное заседание лица, которые вправе задавать вопросы и представлять

1Гражданско-процессуальный кодекс Республики Таджикистан,-Душанбе:Конуният; 2008.

доказательства по вопросу целесообразности применения меры пресечения, а также пользоваться другими правами, предусмотренными законодательством Республики Таджикистан. При рассмотрении ходатайства о взятии лица под стражу, суд ограничивается исследованием материалов, относящихся к обстоятельствам, учитываемым при избрании меры пресечения в порядке требований ст.102 настоящего Кодекса. В ходе заседания ведётся протокол, с которым участники процесса вправе ознакомиться сразу по завершению судебного заседания и подать замечания на него в течение суток".

Продление срока задержания судом

Часть 5 ст.111 УПК предусматривает, что суд при рассмотрении ходатайства о взятии лица под стражу вправе продлить срок принятия решения по ходатайству на срок, не более 72 часов для представления обоснованных доводов для задержания. Согласно данной нормы, суд может продлить срок задержания до 72 часов для предоставления обоснованных доводов для задержания. Поскольку, в таком заседании рассматривается вопрос о взятии лица под стражу, а не о задержании, то суд должен иметь право продлить срок задержания для представления сторонами доводов обоснованности или необоснованности избрания меры пресечения в виде заключения под стражу.

В связи с чем, пункт 3 части 5 ст.111 УПК необходимо изложить в следующей редакции: "О продлении срока задержания." Продление срока задержания допускается при условии признания судом задержания законным и обоснованным на срок не более 72 часов с момента вынесения судебного решения по ходатайству одной из сторон, для представления дополнительных доказательств обоснованности или необоснованности избрания меры пресечения в виде заключения под стражу. В постановлении о продлении срока задержания указываются дата и время, до которых продлевается срок задержания".

Полномочия суда при рассмотрении ходатайства об Аресте

Часть 5 ст.111 УПК предусматривает, что суд при рассмотрении ходатайства о взятии лица под стражу выносит одно из следующих постановлений: об избрании в отношении подозреваемого или обвиняемого меры пресечения в виде заключения под стражу; об отказе в удовлетворении ходатайства; о продлении срока принятия решения по ходатайству на срок, не более 72 часов. Однако, данная норма не предусматривает права суда избрать иную меру пресечения, если суд не усмотрел оснований для взятия лица под стражу.

Исходя из этого, пункт 2 части 5 ст.111 УПК следует изложить в следующей редакции: - "об отказе в удовлетворении ходатайства об избрании в отношении подозреваемого или обвиняемого меры пресечения в виде заключения под стражу. В таком случае, судья по собственной инициативе вправе при наличии оснований и обстоятельств, указанных в статье 102 настоящего Кодекса, избрать в отношении подозреваемого или обвиняемого иную меру пресечения.

Вручение постановления суда

Часть 6 ст.111 УПК предусматривает, что постановление судьи направляется лицу, представившему ходатайство, прокурору, подозреваемому или обвиняемому и подлежит немедленному исполнению. Однако, закон не обязывает судью предоставить копию постановления защитнику, у которого есть право обжалования такого постановления. Такая редакция нарушает принцип равенства состязающихся сторон поскольку в отличие от защитника прокурор и следователь получа-

Статья 110 УПК Кыргызстана 1.

ют такое постановление.

Предлагается, часть 6 ст.111 УПК изложить в следующей редакции: "Постановление судьи вручается под роспись лицу, представившему ходатайство, прокурору, подозреваемому или обвиняемому и их защитнику, которое подлежит немедленному исполнению".

Обжалование/опротестование постановления суда

Часть 9 ст.111 УПК предусматривает, что постановление судьи об избрании в качестве меры пресечения заключения под стражу или об отказе в этом может быть обжаловано или опротестовано в вышестоящий суд. При этом, закон не оговаривает возможность обжалования или опротестования постановления суда о продлении срока задержания до 72 часов.

Полагали бы часть 9 ст.111 УПК изложить в следующей редакции: "Постановление судьи, вынесенное в порядке части 5 настоящей статьи может быть обжаловано или опротестовано в вышестоящий суд в кассационном порядке в течение 3 суток со дня его вынесения. Суд кассационной инстанции принимает решение по жалобе или протесту не позднее, чем через 3 суток со дня поступления материалов и вправе применить любую меру пресечения или отменить ранее избранную, в том числе при продлении срока содержания под стражей. Судья, рассмотревший ходатайство органов уголовного преследования, обязан в течение двух суток с момента поступления протеста или жалобы направить материалы в суд кассационной инстанции".

Обязанность уведомления о вынесенном постановлении суда

Часть 10 ст.111 УПК предусматривает, что лицо, в производстве которого находится уголовное дело, обязан уведомить о применении в качестве меры пресечения заключения под стражу лиц, указанных в статье 100 настоящего Кодекса, а в отношении военнослужащих - командование воинской части. При этом, закон не разъясняет, кто обязан уведомить ИВС где содержался задержанный о принятом решении суда и когда это необходимо сделать..

Исходя из этого, часть 10 ст.111 УПК изложить в следующей редакции: "Следователь/дознаватель в производстве которого находится уголовное дело, обязан незамедлительно уведомить ИВС, командование воинской части в отношении военнослужащих, а также лиц, указанных в статье 100 настоящего Кодекса, о принятом решении суда.

Требования, предъявляемые к постановлению суда

Статья 111 УПК не оговаривает какие требования предъявляются к постановлению суда. Например, ст.333 УПК предписывает, что приговор должен быть законным, обоснованным и справедливым. Так, в ст.343 УПК сказано, что в приговоре приводятся доказательства, на которых основаны выводы суда в отношении подсудимого и мотивы, по которым суд отверг другие доказательства. Тем самым, закон требует, чтобы приговор был мотивированным. Однако, к постановлению суда УПК не предъявляет каких-либо требований. Более того, некоторые судьи составляют постановления и определения от руки неразборчивым почерком, что способствует произвольному внесению изменений в судебные акты после поступления кассационных жалоб и протестов.

Необходимо, часть 6 статью 111 УПК дополнить предложением следующего содержания: "Постановление суда должно быть законным и обоснованным, в котором приводятся доказательства, на которых основаны выводы суда, и мотивы, по ко-

1Сборник Уголовно-процессуальных кодексов стран Центральной Азии, ОБСЕ-БДИПЧ, 2010.

Казахский и Киргызский УПК1.

1Сборник Уголовно-процессуальных кодексов стран Центральной Азии, ОБСЕ-БДИПЧ, 2010.

торым суд отверг другие доказательства. Постановление суда изготавливается с помощью технических средств, каждая страница которого подписывается судьёй вынесшим постановление".

Возможность заочного применения меры пресечения - Арест

Часть 3 ст.232 УПК гласит, что при наличии оснований, указанных в ст.101 УПК, в отношении разыскиваемого обвиняемого может быть избрана мера пресечения. В случаях, предусмотренных ст.111 УПК, может быть применена мера пресечения в виде заключения под стражу. Руководствуясь указанной нормой, орган дознания требует предоставить постановление суда об избрании меры пресечения "Арест" для осуществления розыска и задержания лица. На наш взгляд, подобная практика вступает в противоречие с положениями ст.111 УПК которая гласит, что ходатайство о применении меры пресечения Арест рассматривается в присутствии подозреваемого, обвиняемого. Присутствие таких лиц при процедуре Ареста продиктовано необходимостью обеспечить подследственному возможность оспорить доводы следователя/дознавателя о необходимости Ареста лица. Более того, подследственный, которого задержат на основании постановления суда об избрании меры пресечения Арест, заочно не сможет обжаловать законность такого постановления, поскольку ст.111 УПК предусматривает короткий срок обжалования в течение 3 суток, а его могут задержать через месяц и при этом, такое лицо будет содержаться под стражей несколько месяцев и сможет обжаловать только продление срока его содержания под стражей. Таким образом, законом не обеспечивается право на обжалование заочного постановления суда об Аресте. Как гласит часть 1 ст.95 УПК розыск и задержание лица должно осуществляться на основании постановления следователя/дознавателя или суда о задержании конкретного лица.

Исходя из изложенного часть 1 статьи 232 УПК изложить в следующей редакции: "При неизвестности места нахождения подследственного, следователь выносит постановление об объявлении подозреваемого/обвиняемого в розыск и поручает производство розыска органам дознания. Об этом поручении указывается в постановлении о приостановлении предварительного следствия или выносится отдельное постановление". Часть 3 статьи 232 УПК изложить в следующей редакции: "Постановление об объявлении подозреваемого/обвиняемого в розыск является основанием для задержания лица и доставления его в суд, по месту фактического задержания для решения вопроса о применении к задержанному меры пресечения "Заключение под стражу".

"Лицо, задержанное по заочному постановлению суда в обязательном порядке должен предстать перед судом для проверки обоснованности взятия его под стражу".

Обжалование применения меры пресечения - Арест

Статья 363 УПК запрещает обжаловать избранную судом меру пресечения. Возникает вопрос, почему при избрании меры пресечения судом в стадии предварительного расследования у сторон есть право обжалования решения суда, а на стадии судебного разбирательства стороны лишены такого права?.

Полагали бы, что данные противоречия в решении вопросов санкционирования меры пресечения судом подлежат устранению в ходе дальнейшего совершенствования Уголовно - процессуального кодекса Республики Таджикистан.

Литература

Конституция Республики Таджикистан.-Душанбе: Ирфон; 2004.
Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан.-Душанбе,2010.
Уголовный кодекс Республики Таджикистан.-Д.: Конуният,2004.
Гражданско-процессуальный кодекс Республики Таджикистан.-Душанбе:Конуни ят;2008.
Сборник уголовно-процессуальных кодексов стран Центральной Азии.-ОБСЕ- БДИПЧ,2010.
Научно-практический комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации.-Москва: Юрайт;2010.
Комментарий к Федеральному закону "О содержании под стражей подозреваемых и обвиняемых в совершении преступлений".-Москва, юриспруденция:2005.
Федеральный закон Российской Федерации "О содержании под стражей подозреваемых и обвиняемых в совершении преступлений" от 21 июня 1995г., с изм.и доп.,-М.Ось-89.2009.
Комментарий к постановлениям Пленума Верховного суда Российской Федерации по уголовным делам.-М.Норма;2008.
МЕЖДУНАРОДНЫЙ ПАКТ О ГРАЖДАНСКИХ И ПОЛИТИЧЕСКИХ ПРАВАХ, 1966.
Смирнов А.В., Калиновский К.Б. Комментарий к уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации (постатейный), 5-е издание.-М.:Проспект,2009.
Герасимов С.И. Настольная книга прокурора.-М.:Экслит,2002.
Воскобитова Л.А.,Лукьянова И.Н., Михайлова Л.П. Адвокат: навыки профессионального мастерства.-М.:Волтерс Клувер,2006.
Конах Е.Н., Парфёнова М.В. Процессуальный статус и обеспечение прав подозреваемого.-М.:Юрлитин форм,2005.
Сергеев В.И. Образцы процессуальных документов по новому УПК РФ.-М.:Приор,2002.
Ахпанов А.Н., Насыров Г.Х. Арест в качестве меры пресечения: проблемы судебного контроля и санкционирования.- Алматы,2005.
Канафин Д.К. Гарантии прав личности в уголовном судопроизводстве.-Алматы,2005.
Мазюк Р.В. Институт уголовного преследования в российском уголовном судопроизводстве.-М.:Юрлитин форм,2009.
Никифоров А.В. Судебные документы.-М.:РИОР,2006.
Лебедев В.М. Практика применения Уголовно-процессуального кодекса РФ.-М.:Юрайт,2009.
Андреев В.Н. Содержание под стражей в СССР и России.-М.:Спарк,2000.
Обеспечение конституционных прав граждан в досудебных стадиях уголовного процесса (Материалы международной научно-практической конференции г.Астана, 26-27 августа 2005г.).-М.:Эдельвес,2006.
Труды Академии (научный журнал), №1 (15).-Д.:Академия МВД РТ,2011.
Ковалёв Н.П. Заключение под стражу по решению суда в ряде европейских стран.-2009.
Фармони Прокурори генералии Чумхурии Точикистон №30 аз 10 июни соли 2011 "Дар бораи пурзур намудани назорати прокурори оид ба риояи хукуку озодихои инсон ва шахрванд дар чараёни пешбурди тахкик, тафтиши пешаки ва ба амал баровардани адолати суди".-Д.2011.
Дастурамал "Оид ба иштироки прокурор хангоми татбики чораи пешгири дар намуди ба хабс гирифтан", аз 31 августи соли 2010.-Д.2010.
Намунахои карорхои суди марбут ба парвандахои чинояти, Шурои адлияи Чумхурии Тоикистон.-Д.2010.

МУҲАББАТОВ Қурбоналӣ
Прокурори шаҳри Вахдат
мушовири давлатии
адлияи дараҷаи 3

Фарқият ва умумияти одамкушӣ аз қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардидааст ва ҷинояти аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан (моддаҳои 104,108,110 қисми 3, банди "в")

Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи қонунгузории Тоҷикистон бори аввал мафҳуми одамкуширо баён намудааст. Дар КҶ РСС Т, ки аз 1.12.1961 сол то 01.09.соли 1998 амал мекард, дар моддаи 104 (одамкушӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда) мафҳуми ин ҷиноят умуман дода нашуда буд. Дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳоло амал карда истодааст, дар моддаи 104 мафҳуми одамкушӣ чунин баён карда шудааст. "Одамкушӣ, яъне қасдан аз ҳаёт маҳрум сохтани одами дигар". Чӣ тавре, ки аз мазмуни ин модда бармеояд, одамкушӣ фақат амалҳои қасдонае мебошад, ки шахси дигарро аз ҳаёт маҳрум месозад. Қонунгузории ҷорӣ аз беэҳтиётӣ ба марг расониданро (ст.108) аз гурӯҳи ҷиноятҳои одамкушӣ, ки пеш дар Кодекси ҷиноятӣ (моддаи 109) ҳамчун намуди алоҳидаи одамкушӣ ҳисоб карда мешуд, яъне одамкушӣ аз беэҳтиётӣ бардошта ба он номи нав "аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан гузошт". Дар ҳақиқат мафҳуми одамкушӣ кирдори қасдона мебошад ва амал ё беамалии ҷиноятие, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги одамон мегардад ба ин мафҳум мувофиқат намекунад, зеро ки одамкушӣ танҳо дар шакли қасди бевосита ё бавосита содир мешавад.

Бо вуҷуди он ки ҷиноятҳои дар моддаи 104, 110 қисми 3 банди "в" ва 108 дар боби ҷиноятҳои ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ дохил шуда бошад ҳам, ин ҷиноятҳо аз ҳамдигар бо аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективиашон куллан фарқ мекунанд.

Умумияти ин ҷиноятҳо пеш аз ҳама дар он аст, ки объекти одамкушӣ (моддаи 104) аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан ва (моддаи108) қасдан расонидани зарари вазнин, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардида бошад (моддаи 110, қисми 3, банди "в") ин он муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки бехатарии ҳаёти инсонро таъмин менамояд, яъне объекти бевоситаи ҷиноятҳои номбурда ин ҳаёти инсон мебошад. Дар бисёр мавридҳо оқибати кирдорҳои ба ҷамъият хавфноки ҷиноя-

тҳои дар боло номбаршуда бо ҳам монанд, яъне марги ҷабрдида мебошад. Аз ин рӯ, дар таҷрибаи тафтишотию судӣ дар масъалаи дуруст бандубаст кардани кирдори айбдоршаванда ва татбиқи қонуни чиноятӣ бо ин намуди ҷиноятҳо нофаҳмиҳо, хатогиҳо ва душвориҳои ҷиддӣ ба миён меояд.

Аз тарафи дигар, агар санксияи моддаи 108, қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон то 2-сол ҷазои аз озодӣ маҳрум намуданро пешбинӣ намуда бошад, пас моддаи110 қисми 3 банди "в" аз 12 то 15 сол аз озодӣ маҳрум намуданро пешбинӣ намудааст. Инчунин агар аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин (қисми 1 моддаи108) ва миёна (моддаи108 қисми 2) дохил шавад, ҷинояти қасдан расонидани зарари вазнин, ки боиси аз беэҳтиётӣ ба фавти ҷабрдида гардидааст (моддаи110 қисми 3 банди "в") ба категорияи ҷиноятҳои махсусан вазнин дохил мешавад. Аз ин рӯ, иштибоҳ дар вақти бандубасти ин намуди ҷиноятҳо ё худ бо майли айбдоркунию аз рӯи ғараз, ҳамчунон бе масъулиятона пешбурди тафтишотӣ пешакӣ боиси ғайриқонунӣ ба мӯҳлати дуру дароз аз озодӣ маҳрум шудани шаҳрвандон мегардад. Чунин амал ё беамалӣ боиси дағалона поймол намудани ҳуқуқу озодии инсон мегардад.

Акнун ба фарқияти ин се намуди ҷинояти дар боло номбаршуда ва сабабҳои дар тафтишоти пешакӣ ва амалияи судӣ ба хатогиҳо роҳ додан истода мегузарем.

Дар Кодекси ҷиноятии ҳозир амалкунанда меъёрҳои қонуни ҷиноятии пештара оиди ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ, ки боиси марги ҷабрдида гардидааст нигоҳ дошта шудааст.

Ҳамзамон, бояд зикр кард, ки тавлидкунандаи моддаи110 қисми 3 банди "в" КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Русия мебошад (дар таҳрири Қонуни Федералӣ аз 25.06.1998). Мазмуни моддаи 110 қисми 3 банди "в" яъне кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ва дуюми ҳамин модда, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардидааст, аз диспозитсияи моддаи 111 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳрири соли 1961 фарқ дорад. Дар моддаи номбурда ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунандаи (квалифицирующий) чиноят расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки боиси марги ҷабрдида гардидааст, нишон дода шуда буд, аммо дар диспозитсия ин модда шакли гуноҳ нишон дода нашуда буд.

Дар Кодекси ҳозир амалкунанда, яъне моддаи 110 қисми 3 банди "в" бошад, ҳамчун шакли алоҳидаи гуноҳ расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардидааст нишон дода шудааст. Мафҳуми "аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардидааст" ин навоварӣ мебошад, бинобар ин дар таҷрибаи тафтишотию судӣ дар баъзе мавридҳо чунин ҳолатро ҳамчун қуштори қасдона, дар дигар ҳолатҳо аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан бандубаст мекунанд.

Баръакси ҳол ҳолатҳое дида мешавад, ки қуштори қасдона ё ин ки аз беэҳтиётӣ ба марг расонданро ҳамчунин ҷинояти расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардидааст банду баст мекунанд.

Бояд дар назар дошт, ки дар вақти расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, аз ҳаёт маҳрум намудани шахси дигар, мақсад ва қасди (бевосита, бавосита) гунаҳгорро дарбар намегирад ва марги ҷабрдида дар натиҷаи беэҳтиётии гунаҳгор ба вуқӯъ меояд, бинобар ин, дар чунин ҳолатҳо дар бораи қуштори қасдона сухан гуфтан ҷоиз нест ва ин кирдори гунаҳгор дар чунин мавридҳо аз доираи ҷинояти моддаи 110 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон берун намебарояд.

Чӣ тавре, ки дар боло қайд карда шуд, қуштори қасдона аз расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардидааст, аз якдигар фарқ мекунад. Ҷинояти охирин аз тарафи объективӣ аз ду оқибати алоҳида иборат мебошад, якум, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (оқибати аввалин), ки дар навбати худ ин ба оқибати нисба-

тан вазнин (марги ҷабрдида) оварда мерасонад (оқибати дуюм).

Агар оддӣ карда гӯем, ҷинояти дар моддаи 110 қисми 3 банди "в" аз ду марҳила иборат мебошад. Марҳилаи якум, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ. Ин марҳила бо қасди бевосита ё бавосита содир мешавад, яъне гунаҳгор кирдорҳои ба ҷамъият хавфноки худро дарк ва эҳсос мекунад, оқибатҳои ба ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ мекунад ва хоҳони фаро расидани он мебошад ё ин ки дидаю дониста ба он роҳ медиҳад ё бепарвоёна амал мекунад (қасди бевосита).

Аз ин ҷо бармеояд, ки яке аз аломатҳои ҳатмии тарафи объективии ин ҷиноят қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ мебошад.

Аломати ҳатмии дуюми ин ҷиноят марги ҷабрдида мебошад ва он дар натиҷаи беэҳтиётӣ ба вуқӯъ меояд.

Мисол: Шаҳрванд Ш. дар вақти муноқиша шаҳрванд С.-ро бо корд қасдан дар рони пои чапаш мезанад, дар натиҷа Ш. ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ гирифта, рагҳои хунрави пояш бурида шуда, аз хунравии зиёд баъди як соат ба ҳалокат мерасад.

Ё ин ки шаҳрванд Ф. аз ҳиссиёти рашк Б.-ро бо дастаи бел бо зарбаи сахт ба дасти чапу росташ якчанд бор мезанад, ки дар натиҷа харду дастони С.-аз оринҷ боло шикаста, ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ гирифта, мувозинатро гум карда бо тахтапушт ба замин афтида, сараш дар санги қади роҳ зада, қисми қафои косахонаи сараш шикаста аз хунравӣ дар мағзи сар ба ҳалокат мерасад. Дар ҳарду ҳолат дар кирдори шахс моддаи 110 қисми 3 банди "в" дида мешавад.

Агар субъект бо корд ё дигар предмет ба қисмҳои ҳаётан муҳими ҷабрдида занад, ки он боиси марги ҷабрдида гардад дар ин ҳолат кирдори гунаҳгор ҳамчун кушторн қасдона бояд бандубаст карда шавад.

Қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардидааст аз ду шакли гуноҳ иборат мебошад. Якум шакли гуноҳ қасд мебошад (бевосита ё бавосита). Ин шакли гуноҳ дар расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ифода меёбад. Шакли дуюми гуноҳ ин беэҳтиётӣ буда, шахс ба оқибати кирдори қасдонаи худ бепарвоёна ё худбоварона муносибат мекунад. Дар ин ҷо гунаҳгор имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки кирдори худро пешбинӣ мекунад, лекин бе асосҳои кофӣ худбоварона ҳисоб мекунад, ки ин оқибатҳо ба миён намеояд ё пешбинӣ намекунад, ҳол он ки дар сурати бодиққатона муносибат кардан метавонист ин оқибатҳоро пешбинӣ кунад.

Ҳамин тариқ, дар ҷараёни тафтиш муфаттиш бояд ҳатман дақиқ кунад, ки дар натиҷаи қасдан расонидани ҷароҳати ҷисмонӣ ҷабрдида зарари вазнин ба саломатӣ гирифтааст ё не, дуввум аз беэҳтиётӣ ҷабрдида ба ҳалокат расидааст ё не. Байни кирдори қасдонаи гунаҳгор ва оқибатҳои ҷиноят ҳатман бояд алоқаи сабабӣ бошад.

Агар марги ҷабрдида дар натиҷаи аз беэҳтиётӣ расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ба вуқуъ омада бошад, дар ин ҳолат ҷиноят аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан ҳисоб мешавад (моддаи108).

Ё ин ки дар натиҷаи қасдан ба саломатӣ расонидани зарари сабук ё миёна ба ҷабрдида, ки он боиси аз беэҳтиётӣ фавти ҷабрдида гардидааст, дар ин ҳолат ҳам кирдори шахс бо моддаи 108 бандубаст карда мешавад.

Бояд зикр кард, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан бо қонуни ҷиноятии давлати Руссия ва дигар давлатҳои собиқ Иттифоқи Шӯравӣ мувофиқат мекунад. Оиди масъалае, ки дар ин мақола сухан меравад, яъне фарқияти моддаҳои 104,110 қисми 3 банди "в" ва 108 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҷрибаи тафтишотию судии Федератсияи Руссия низ душвориҳои зиёде дида мешавад, аммо олимони рус ин муамморо барвақтар мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, таҷрибаи тафтишотию судиро омӯхта, оиди камбудию нофаҳмиҳои дар ин самт мавҷуд

буда мақолаҳои илмӣ, аллалхусус Тафсири ин ҷиноятҳоро фаҳмою равшан маънидод намуданд.

Чунончӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ профессор Красиков Ю.А., доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Кругликов Л.Л., доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Побегоймо Э.Х. ва дигарҳо ин масъаларо омӯхта андешаҳои худро дар Тафсири Кодексҳои ҷиноятӣ дарҷ намудаанд.

Ин масъала низ дар Қарори Пленуми Суди Олии Федератсияи Руссия "Дар бораи таҷрибаи тафтишотӣ оиди парвандаҳои одамкушӣ" аз 27 январи соли 1999 низ хеле муфассал қайд карда шудааст. Фикру мулоҳизаҳои олимони номбаршуда ва Пленуми Суди Олии Федератсияи Русия дар ин масъала ҳаммазмуну ягона мебошад.

Боиси тааҷҷуб аст, ки дар "Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Душанбе-2006 ба ин масъала диққати ҷиддӣ надода, баръакс моддаи 110 қисми 3 банди "в" маҳдуд, нофаҳмо ва ҳамагӣ дар ним варақ маънидод карда шудааст ва ба ақидаи мо аз камбудиҳои хеле зиёд иборат мебошад.

Чунончӣ, дар саҳифаи 251 банди 8 Китоби номбаршуда гарчанде фарқияти қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатиро, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардидааст, аз одамкушӣ дуруст маънидод карда шуда бошад ҳам, аммо баъдан сухан дар бораи дигар ҷиноят, яъне "аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан" рафта, сипас дар бораи расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ва дар ҳамин ҷо муаллиф роҳгум шуда мисоле меорад, ки хонандаро ба иштибоҳ андохта, боиси хатогиҳои ҷиддӣ дар таҷрибаи тафтишотию судӣ мегардад.

Муаллиф мебоист фарқи моддаи 104-ро аз моддаи 110 қисми 3 банди "в" бо аломатҳои таркиби ҷиноят таҳлил намуда, фарқияти онро ба хонанда бо объект, тарафи объективӣ ва тарафи субъективӣ маънидод менамуд.

Инчунин андешаи муаллиф дар бораи он ки гуё ин ду ҷиноят аз ҳамдигар бо фосилаи байни расонидани ҷароҳати чисмонӣ ва фарорасии марг фарқ мекунад, хатост.

Дар Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқи профессор Ф.И.Скуратов ва доктори илмҳои ҳуқуқ Раиси Суди Олии Федератсияи Руссия Лебедев В.М. /Москва-2001/ омадааст, ки гузаштани фосилаи вақти зиёд байни расонидани зарару ҷароҳат ва марги ҷабрдида худ аз худ қасди шахсро оиди аз ҳаёт маҳрум намудани шахси дигар истисно намекунад. Ҳамзамон, баъди расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ, зуд фаро расидани марг ин ҳам на ҳама вақт шаҳодати мавҷуд будани қасди шахс ба куштор ҳисоб меёбад. Суди Олии ФР ҳам оиди ин ақидаи нодуруст борҳо таъкид намудааст.

Агар шахс қасди (бевосита, бавосита) расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ва марги ҷабрдидаро надошта бошад, аммо аз рӯи ҳолатҳои кор ӯ имконияти пешбинӣ намудани онро дошт, кирдори ӯ бояд ҳамчун аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан бандубаст карда шавад. Мисол: Субъект бо мушташ қасдан ба рӯи ҷабрдида мезанад, дар натиҷа охирин зарари миёна ба саломатӣ гирифта, мувозинатро гум карда, бо баландии қадаш ба замин афтида, косахонаи пушти сараш шикаста ба ҳалокат мерасад (Комментарий УК РФ Москва-2001, стр.262).

Мувофиқи ақидаи олимони рус дар чунин ҳолатҳо кирдори шахс бояд бо моддае, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан пешбинӣ намудааст, бандубаст карда шавад (моддаи 108 КҶ ҶТ).

Мисол: 8 сентябри соли 2010 дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Улуғбек бо сабаби муноқишаи оилавӣ Атахонов К.А. бо Кабиров С. баҳс карда, қасдан бо дасти чапаш ба рӯи охирин якто мезанад. Кабиров С. мувозинатро гум карда, бо баландии қад ва вазнаш ба болои сангпораҳо бо тахтапушт афтида, дар қисми кафои косахонаи сараш

ҷароҳати вазнин ба саломатӣ гирифта, баъди чанд лаҳза ба ҳалокат мерасад.

Аз хулосаи ташхиси судӣ-тиббӣ дида мешавад, ки Кабиров аз зарби мушти Атахонов, ки дар рӯяш зада буд, ягон ҷароҳати ҷисмонӣ намегирад ва сабаби ҳалокати ӯ аз хунрезии шадиди пардаҳо дар мағзи сар ба вуқӯъ омадааст. Дар ҷараёни тафтиши пешакӣ ягон далел оиди он ки Атахонов қасди расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ё аз ҳаёт маҳрум намудани ҷабрдидаро дошта бошад, муқаррар карда нашуд.

Баръакси ҳол, муносибати байни ҳамдигарии онҳо то ҷиноят, инчунин кирдори гунаҳгор дар вақти содир намудани ҷиноят ва баъди ҷиноят, бар замми ин истифода набурдани ягон олот (корд, чӯб, яроқ) аз он шаҳодат медиҳад, ки Атаханов К. қасди расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ва марги ҷабрдидаро надошт ва бо мушт як зарбаи сабуки бепарвоёна ба рӯи Кабиров задани ӯ, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ оқибатҳои фаро расидани марги ҷабрдидаро пешбинӣ намекард, аммо дар сурати бодиққат ва дурандешии зарурӣ мебоист ва метавонист пешбинӣ кунад.

Бояд зикр кард, ки марҳум Кабиров дар натиҷаи зарбаи Атахонов ягон ҷароҳат, аз он ҷумла зарари вазнин нагирифта буд, бинобар ин қисми маводҳои парвандаи ҷиноятӣ нисбати ӯ бо моддаи 110 қисми 3 банди "в" дар тафтишоти пешакӣ қатъ карда шуда буд.

Прокуратураи шаҳри Ваҳдат кирдори Атахановро бо моддаи 108 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст намуда, парвандаро бо тасдиқи фикри айбдоркунӣ ба суд ирсол намуд.

Бо ҳукми суди шаҳри Ваҳдат аз Атахонов К.А. бо моддаи 108 кисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати 2-сол аз озодӣ маҳрум карда шуд.

Дар асоси шикояти кассатсионӣ, коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятиро баррасӣ карда, ҳукмро бекор ва парвандаро ба тафтишоти иловагӣ баргардонидааст.

Ваҷҳи асосии суди марҳилаи кассатсионӣ аз он иборат аст, ки Атаханов гӯё қасдан ҷабрдидаро як маротиба бо мушт зада, дар натиҷа охирин зарари вазнини ҷисмонӣ гирифта, ба ҳалокат расидааст.

Суди марҳилаи кассатсионӣ фақат ба оқибати ҷиноят, яъне марги ҷабрдида такя намуда, ба дигар аломатҳои асосии ҷиноят, яъне тарафи субъективии ҷиноят аз қабили гуноҳ ва шакли он, ангезаи ҷиноят эътибор надодааст. Онро ба назар нагирифтааст, ки дар натиҷаи зарбаи мушти гунаҳгор ҷабрдида на фақат зарари вазнин ба саломатӣ, балки ҳеҷ гуна ҷароҳат нагирифтааст. Марги ҷабрдида бошад, дар натиҷаи кирдори беэҳтиётонаи гунаҳгор ба вуқӯъ омадааст.

Бо ҳамин асосҳо, муовини якуми Прокурори генералӣ ба Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирози назоратӣ оварда, масъалаи бекор намудани таъиноти коллегия ва бетағйир мондани ҳукми авваларо гузоштааст. Аммо, Раёсати Суди Олӣ эътирози назоратиро аз нуқтаи назари мо беасосҳои кофӣ рад кардааст.

Яке аз сабабҳои асосии дар таҷрибаи тафтишотию судӣ фарқ карда натавонистани ҷинояти аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан аз қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки боиси аз беэҳтиётӣ ба фавти ҷабрдида гардидааст аз он иборат аст, ки марҳилаи аввали ин ду ҷинояти номбаршуда қасдан расонидани зарари ҷисмонӣ мебошад, инчунин оқибати дигари ин ҷиноятҳо низ якхела, яъне марги ҷабрдида мебошад.

Дар таҷриба маҳз бештар баҳои ҳалкунанда ба он медиҳанд, ки марҳилаи аввалини аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан дар шакли гуноҳи қасдона содир карда мешавад. Аммо дар вақти бандубасти кирдори субъект фаромӯш карда мешавад, ки яке аз элементҳои асосии тарафи объективии ҷинояти дар моддаи 110 қисми 3 банди "в" пешбинӣ шуда ин қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ мебошад. Агар

зарари ба саломатӣ расонидашуда вазнин набошад, дар бораи бандубасти кирдори шахс бо моддаи 110 қисми 3 банди "в" сухан гуфтан бе мантиқ аст.

Масалан: К. бо моддаи 108 қисми 1 ва моддаи 206 қисми 1 КҶ ФР барои он маҳкум шудааст, ки аз ҳиссиёти авбошӣ бо мушташ ба рӯи В. мезанад, дар натиҷа охирон бо тахтапушт ба болои қираи тахтасангги бетонӣ афтида, зарари сабуки ҷисмонӣ, ки боиси ба мӯҳлати кӯтоҳ хароб шудани саломатӣ гардидааст, мегирад. Дар вақти афтидан косахонаи пушти сараш шикаста, сабаби марги В. мегардад. Раёсати Суди вилояти Воронеж эътирози ҷонишини Раиси Суди Олии ФР-ро дар бораи аз моддаи 108 қисми 2 бо моддаи 106 кисми 1 КҶ ФР (одамкушӣ аз беэҳтиётӣ) бандубаст намудани кирдори В.-ро қаноатбахш намуда, ҳамзамон таъкид намуд, ки К. бо мушт ба рӯи В. якто зада имконияти фаро расидани зарари вазнини ҷисмонӣ ва ба ҳалокат расидани В.-ро надошт, гарчанде мебоист ва метавонист он оқибатҳоро пешбинӣ кунад. (Комментарий к УК РФ-Издательство НОРМА-Москва 2010).

Дар ин мисоли овардашуда ҷиноят бо ду шакли гуноҳ, яъне қасди бевосита ва аз беэҳтиётӣ (хунукназарии бепарвоёна) содир шудааст. Қасди бевосита дар он ифода меёбад, ки К... қасдан бо мушт ба рӯи В... мезанад. Гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ бошад дар муносибати хунукназаронаи К..., ки дар натиҷаи зарбаи ӯ ҷабрдида В... ба пушт афтида косахонаи сараш шикаста, сабаби марги охирин мегардад, ифода меёбад.

Аз сабаби он, ки ҷабрдида В... зарари вазнини ҷисмонӣ намегирад, суд кирдори гунаҳгорро бо моддаи 106 КҶ ФР (одамкушӣ аз беэҳтиётӣ) бандубаст мекунад.

Ҳамин тариқ, яке аз аломатҳои ҳатмии тарафи объективии ҷинояти моддаи 110 қисми 3 банди "В" қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ мебошад, ки маҳз ин кирдори қасдона минбаъд боиси аз беэҳтиётӣ марги ҷабрдида мегардад.

Чӣ тавре, ки дар боло қайд карда шуд, дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судии Ҷумҳурӣ дар бисёр мавридҳо дар ин ҷода хатогиҳои ҷиддӣ роҳ дода мешавад ва то имрӯз ин масъала аз тарафи ягон мақомоти босалоҳият мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор нагирифтааст. Маҳз бо ҳамин сабаб дар Ҷумҳурӣ таҷрибаи ягонаи тафтишотӣ ва судӣ дида намешавад, ки ин нофаҳмиҳо боиси ғайриқонунӣ ҳабс намудан, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидану маҳкум намудани шаҳрвандон мегардад. Чунончӣ, рӯзи 30 июли соли 2009 дар деҳаи Селбури ноҳияи Шаҳринав бо сабаби баҳси замини чарогоҳ байни Тоҷиддинов Р.Ш. ва Тошев Г. ҷанҷол пайдо шуда, ҳангоми кашмокашӣ ҳар ду ба замин меафтанд, дар натиҷа сари Тошев Г. аз сангпораҳо ва замини сахт зарба хӯрда, баъди 15-20 дақиқа аз ҳуш рафта, ба беморхона оварда мешавад.

Мувофиқи хулосаи ташхиси судӣ-тиббӣ ҷабрдида ҷароҳати вазнин ба саломатӣ бо аломатҳои ба ҳаёти инсон хавфнок гирифт, вафот мекунад.

Мақомоти тафтишотии ШКД ноҳияи Шаҳринав оиди ин ҳодиса нисбати Тоҷиддинов Р.С. бо моддаи 118 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз беэҳтиётӣ расонидани зарари вазнин ба саломатӣ) парвандаи ҷиноятӣ оғоз намуда, баъди ба охир расидани тафтишоти пешакӣ ба суд ирсол карда мешавад. Суди ноҳияи Шаҳринав Тоҷиддинов-ро бо моддаи 118 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкум менамояд. Ҷонишини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳукми суд розӣ нашуда, ба Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ эътирози назоратӣ оварда, масъалаи нодуруст бандубаст кардани кирдори Тоҷиддиновро бо моддаи 118 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта, ҳамзамон пешниҳод карда мешавад, ки Тоҷиддинов бояд бо моддаи 110 қисми 3 банди "в" ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

Коллегияи судӣ оид бо парвандаҳои ҷиноятӣ эътирозро қаноатбахш намуда, парвандаро ба тафтишоти иловагӣ мегардонад.

Раёсати тафтишотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди гузаронидани як қатор ҳаракатҳои тафтишотӣ ба Тоҷиддинов бо моддаи 110 қисми 3 банди "в" айб эълон намуда, парвандаро барои тасдиқи фикри айбдорӣ ба Прокуратураи генералӣ ирсол менамояд. Муовини аввали Прокурори генералӣ фикри айбдориро бо моддаи номбаршуда тасдиқ намуда, барои баррасӣ ба суди ноҳияи Шаҳринав равон менамояд.

Дар мурофиаи судӣ ба таври қатъӣ исбот карда шуд, ки судшаванда Тоҷиддиновро қасдан зарари вазнин ба саломатӣ нарасонидааст. Инчунин муқаррар карда шуд, ки дар ҳаракатҳои Тоҷиддинов аломатҳои аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан мебошад. Суд кирдори судшавандаро аз моддаи 110 қисми 3 банди "в" ба моддаи 108 қисми 1 бандубаст карда, парвандаи ҷиноятиро бо дастрасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф" қатъ менамояд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи дуруст сарфаҳм нарафтан ба фарқияти моддаи 110 қисми 3 банди "в" аз моддаи108, инчунин аз моддаи 118 КҶ ҶТ дар тафтишоти парвандаи мазкур кашолакориҳои зиёди беасос роҳ дода шудааст, ҳамзамон шаҳрванд Тоҷиддинов ба ҷои он ки барои кирдори беэҳтиётиаш дар содир намудани ҷинояти моддаи 108 қисми 1 КҶ ҶТ, ки ба категорияҳои ҷиноятҳои начандон вазнин дохил мешавад ва ҷазои ҷиноятӣ то ду сол аз озодӣ маҳрум намуданро пешбинӣ менамояд, кашида шавад, ӯ ғайриқонунӣ бо моддаи 110 қисми 3 банди "в", ки яке аз ҷиноятҳои махсусан вазнин мебошад ва ҷазои маҳрумӣ аз озодиро ба мӯҳлати аз 12 то 15 сол пешбинӣ намудааст, кашида мешавад.

Ё ин ки 20 феврали соли 2005, тахминан соати 14.00 Фахриев Ф.О. дар мағозаи шахсии шаҳрванд Султонов М., воқеъ дар кӯчаи Навободи шаҳри Панҷакент ҳангоми машғул будан ба бозии биллиард бо шаҳрванд Ортиқов Т. ҷанҷол намуда, ӯро тела дода ба замин меафтонад, ки дар натиҷа охирин аз сараш чароҳат бардошта, пас аз якчанд рӯз вафот мекунад.

26 марти соли 2005 прокуратураи шаҳри Панҷакент нисбати Фахриев Ф. бо қисми 3, банди "в" моддаи 110 (қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардидааст) КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз намуда, баъди гузаронидани ҳаракатҳои тафтишотӣ 25 майи соли 2005 истеҳсолоти онро тибки банди 1-и моддаи 195 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1961) боздошта, кофтукови Фахриевро эълон намудааст.

28 декабри соли 2009 Фахриев Ф.О. дар шаҳри Москваи ФР дастгир ва ба шаҳри Панҷакент оварда, тафтишоти пешакии парвандаи ҷиноятӣ нисбати ӯ аз нав сар карда шудааст.

Дар рафти тафтиши пешакӣ амалҳои Фахриев Ф.О. бо моддаи 108 қисми 1-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан) бандубаст карда, истеҳсолоти парванда бо татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф" қатъ карда шудааст.

Аммо қарори мазкур аз тарафи прокурори вилояти Суғд ба тариқи назоратӣ бекор карда, парванда барои тафтиши иловагӣ ба ШКД-и шаҳри Панҷакент фиристода шудааст.

Бори дуюм истеҳсолоти парванда дар ШКД-и шаҳри Панҷакент бо асосҳои дар боло овардашуда қатъ карда шудааст, ки он ба тариқи назоратӣ дар прокуратураи вилоят омӯхта, асоснок ҳисобида шудааст.

Аз мисолҳои дар боло овардашуда дида мешавад, ки дар таҷрибаи тафтишотию судии Ҷумҳурӣ барои кирдорҳои ҷиноятии ҳаммазмуну якхела дар як ҳолат шахси ҷиноят содиркарда аз ҷавобгарӣ озод карда мешавад, дар дигар ҳолат аз тарафи суд маҳкум мешавад. Ё ин ки дар як минтақа барои чунин кирдорҳои якхела гунаҳгорон бо моддаи108 дар дигар минтақа бо моддаи 118 ва дар сеюм ҳолат бо моддаи 110 қисми 3 банди "в" ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Омӯзиши интихобии парвандаҳои

ҷиноятии чунин категорияҳо, инчунин сӯҳбатҳои алоҳида бо кормандони прокурорию тафтишотӣ ва судӣ ба таври дақиқ муқаррар намуд, ки сабабҳои асосии ба чунин хатогиҳои ҷиддӣ роҳ додан инҳо мебошад:

1. Дониши назариявии кормандони тафтишотӣ, прокурорӣ ва судӣ дар самтҳои асосии назарияи ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ, аз қабили асосҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, гуноҳ ва шаклҳои он, назарияи далелҳо, хусусиятҳои хоси тафтиши чиноятҳои муқобили ҳаёт ва саломатӣ, бандубасти ин ҷиноятҳо, тафовут ва умумияти ҷиноятҳои одамкушӣ (моддаи 104) аз ҷинояти аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан (моддаи 108) ва қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардидааст, инчунин пурра сарфаҳм нарафтан ба ҷиноятҳое, ки бо ду шакли гуноҳ содир мешавад ва амсоли онҳо мебошад.

Дигар сабаби хатогиҳои тафтишотию судӣ аз он иборат ҳаст, ки солҳои тӯлонӣ таҷрибаи тафтишотию судӣ оиди ин масъала омӯхта ва камбудиҳои чойдошта сари вақт ошкору бартараф карда нашудааст.

- Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гарчанде дар масъалаи куштори қасдона ба тавсиб расида бошад ҳам, аммо дар он дар масъалаи фарқияти одамкушӣ аз ҷинояти қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардидааст (моддаи 110 қ.3 банди "в") ва ҷинояти аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан (моддаи 108) дақиқу фаҳмо маънидод карда нашудааст.

Бояд зикр кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди пошхӯрии Иттифоқи Шӯравӣ олимони пурқуввати соҳаи илми ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ Ҷумҳуриро тарк намуданд. Кадрҳои маҳаллӣ бошанд, дар ин ҷода хеле камшумор буданд ва муддати қариб 20-сол ба тайёр намудани олимон ва мутахассисони варзида дар ин соҳаи муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ аҳамияти ҷиддӣ дода нашуд.

Кормандони макомоти тафтишотӣ ба адабиётхо ва таҷрибаи тафтишотии дигар давлатхои собиқ шӯравӣ, аллалхусус Русия, ки дар он ҷо чунин адабиётҳо бештаранд кам мароқ зоҳир менамоянд.

Масъалаи бозомӯзӣ ва баланд бардоштани тахассуси касбии кормандони тафтишотӣ ва судӣ дар ин самт дар сатҳи паст қарор дорад.

Номукаммалии қонунгузорӣ низ боиси дар таҷрибаи тафтишотию судӣ ба душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ шудани кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ гардидааст. Аллалхусус номукаммалии қонунгузорӣ оиди ҷиноятҳое, ки бо ду шакли гуноҳ содир карда мешавад, бештар ба чашм мерасад.

Чунончӣ, диспозитсияи моддаи 110 қисми 3 банди "в" КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо дар мавриди қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардидааст дарбар мегирад. Дар дигар ҳолатҳо бошад, ба монанди қасдан расонидани зарари миёна, сабук, тела додан, зарба задан, ки боиси аз беэҳтиётӣ фавти ҷабрдида гардидааст моддаи махсус дар Кодекси ҷиноятии ҳозир амалкунанда вучуд надорад. Бинобар ин, дар таҷриба чӣ тавре ки дар боло қайд карда шуд, чунин кирдорҳоро баъзан бо мод.108 КҶ ҶТ, дар дигар ҳолатҳо бошад, саҳв карда бо моддаи 110 қисми 3 банди "в" ё 118 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст менамоянд.

Ҳамзамон, диспозитсияи моддаи 108 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, бо як шакли гуноҳ, яъне аз беэҳтиётӣ ба марг расониданро дар бар мегираду халос. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки дар таҷриба дар вақти банду басти чунин амалҳои ҷиноятӣ нофаҳмиҳо пайдо мешавад, ки дар натиҷа қонуни ҷиноятӣ нодуруст тадбиқ карда мешавад, ки он боиси поймол кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон мегардад.

Ҳолатҳои дар боло овардашударо ба инобат гирифта, таклиф менамоям, ки моддаҳои 111,112,116 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав таҳия карда, ба он қисми махсуси вазнинкунанда вобаста ба ҷиноятҳое, ки бо ду шакли гуноҳ содир меша-

вад, ворид карда шавад.

Аз ҷумла, моддаи 111 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин мазмун таҳия карда шавад:

"Қасдан ба саломатӣ расонидани зарари миёна, ки барои ҳаёт хавфнок набуда, боиси харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувору назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ шудааст". Сипас бо ҳамин модда қисми 3 ворид карда, он дар шакли зайл таҳия карда шавад.

"Кирдорҳои пешбининамудаи қисми якум ё дуюми ҳамин модда, ки аз беэҳтиётӣ боиси ба саломатӣ расонидани зарари вазнин ё фавти ҷабрдида гардидааст; ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то ҳашт сол".

Бояд зикр кард, ки дар таҷрибаи бисёр давлатҳои собиқ Шӯравӣ кирдорҳои ҷиноятии бо ду шакли гуноҳ содир шуда, ба монанди қасдан тела, зарб додан ё ин ки расонидани зарари миёна ва сабук ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардидааст, бо моддаи 108 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан) бандубаст карда мешавад.

Чӣ тавре, ки дар боло қайд карда шуд, диспозитсияи моддаи мазкур танҳо ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ боиси марги чабрдида гардидаро дарбар мегирад. Инчунин санксияи ин модда (қисми 1) то ду сол маҳрум сохтан аз озодиро пешбинӣ намудааст.

Аз нуқтаи назари мо ҷазои ҷиноятҳое, ки бо ду шакли гуноҳ содир мешаванд ва оқибати онхо ба марги ҷабрдида мусоидат кардааст, хеле сабук буда, боиси норозигии шаҳрвандон мегардад. Аз ҳамин сабаб муфаттишон дар вақти тафтишот баъзан кирдори шахси ҷиноят содиркардаро бо баҳонаи нисбаташон пайдо нашудани шубҳаю гумонҳои бадномкунанда, дидаю дониста нодуруст бо моддаҳое, ки ҷазои вазнинтар доранд, бандубаст мекунанд.

Айнан бо ҳамин мазмун ба моддаи 112 (қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ) моддаи 116 (латукуб) КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот дароварда шавад.

Дар сурати дохил кардани чунин тағйиротҳо ба КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон боварӣ дорам, ки хатогиҳои дар боло овардашуда дар таҷрибаи тафтишотию судии Ҷумҳурӣ бартараф шуда, душвориҳое, ки кормандони мақомоти хифзи ҳуқуқ дар ҷараёни тафтиши ин категорияи ҷиноятҳо вақтҳои охир рӯ ба рӯ мешаванд, аз байн рафта, адолати судӣ қавитару ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон онро арзиши Олӣ эътироф кардааст, дар рафти таъқиби ҷиноятӣ хубтар риоя карда мешавад.

ҚОНУНГУЗОРӢ ВА АМАЛИЯИ ПЕШГИРИИ ШИКАНҶА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Халифазода М. Н.
сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва назорати маводи нашъаовар мушовири адлияи дараҷаи 1

Афкори ҷамъиятӣ сол аз сол нисбати риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳассостар шуда, ҳар як ҳодисаи поймолкунии ин ҳуқуқ ва озодиҳо боиси вокуниши фаврӣ ва шадиди ҷомеаи ҷаҳонӣ мегардад.

Вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба омили муайянкунандаи обрӯю нуфузи кишварҳо, қабулпазирии онҳо ба созмонҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ, эминӣ аз ҳар гуна таҳрим ва дахолати беруна табдил ёфта истодааст.

Аз ин лиҳоз, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро ҳамчун ҷавҳари асосии сиёсати давлатӣ арзёбӣ намуда, аз ҳама мақомоти давлатӣ риояи қатъии онҳоро талаб намуд.

Яке аз шаклҳои зоҳиршавии поймолкунии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ин истифодаи азобу шиканҷа, дигар намуд муомила ва ҷазои бераҳмона ва ғайриинсонии таҳқиркунандаи шаъну шарафи шахс мебошад.

Ҳолатҳои истифодаи азобу шиканҷа дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ ангуштшумор бошанд ҳам, аз ҷониби баъзе созмонҳо, ҳомиёни ҳуқуқ ва васоити ахбори умум ҷиҳати ангезиши афкори омма истифода шуда, ин ҳолат ба обрӯи кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ таъсири манфӣ расонида истодааст.

Аз ин лиҳоз, ба вуҷуд овардани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тарҳрезӣ ва амалӣ намудани барномаҳо, дастурҳо оид ба тарзу усулҳои ошкор ва пешгирӣ намудани азобу шиканҷа, ташаккули донишҳои касбии кормандон дар ин самт аз муҳимтарин вазифаҳои мақомоти дахлдори кишвар маҳсуб меёбанд.

Заминаҳои ҳуқуқии пешгирии шиканҷа. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъи азобу шиканҷа ба сатҳи меъёри конститутсионӣ бароварда шудааст. Дар банди 3 моддаи 18 Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ оварда шудааст, ки "ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад".

Кодекси ҷиноятии ҶТ

истифодаи азобу шиканҷаро манъ намуда, барои содиркунии он ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст.

Чунончи, дар қисми 2 моддаи 9 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки "ҷазо ё чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноӣ, ки нисбати шахси ҷиноятсодиркунанда истифода мешавад, мақсади озори ҷисмонӣ, таҳқири шаъну эътибори инсонро надорад".

Дар моддаи 117 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои додани азобу уқубати ҷисмонӣ ё рӯҳӣ ҷавобгарӣ муқаррар намудааст, истифодаи шиканҷа ё муносибати бераҳмона (банди "ж") ҳамчун аломати вазнинкунанда эътироф карда шудааст.

Моддаи 316 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз ҷониби шахси мансабдор анҷом додани ҳаракате, ки аз ҳадди ваколатҳои ӯ бараъло берун мебарояд ва боиси ба таври ҷиддӣ поймол гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд шудааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст.

Ҳамин гуна, моддаи 354 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бо роҳи таҳдид, иҷбор (шантаж) ё кирдорҳои дигари ғайриқонунӣ гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҷабрдида ё шоҳидро маҷбур кардан ба додани нишондод, инчунин коршиносро барои пешниҳоди хулоса маҷбур намудан нисбати шахсе, ки таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ мегузаронад ё адолати судиро татбиқ мекунад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст. Дар ин маврид истифода бурдани таҳқир, шиканҷа ва зӯроварӣ нисбати шахс ҳамчун ҳолати вазнинкунанда (қ.2 банди "а") арзёбӣ мегардад.

Дар моддаи 391 КҶ ҶТ ҳамин гуна ҷавобгарии ҷиноятӣ барои баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ нисбати шахсони мансабдори Қувваҳои Мусаллаҳ пешбинӣ шудааст.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истифодаи зӯроварӣ ва шиканҷаро нисбати иштирокчиёни мурофиа манъ намуда (қ.2 моддаи 10 ва моддаи 171), далелҳои дар натиҷаи истифодаи шиканҷа ва зӯроварӣ ҷамъовардашуда бе эътибор эълон менамояд (моддаи 88).

Чораҳои муҳими манъ ва пешгирӣ намудани азобу шиканҷа инчунин дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (моддаи 12 қ.2), Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (моддаи 10), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиб ва шароитҳои дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршудагон, айбдоршавандагон ва судшавандагон" (моддаи 3) пешбинӣ шудаанд.

Мафҳум ва моҳияти шиканҷа. Шарти муҳими расидан ба ҳадафҳои қонунгузорӣ оид ба манъ ва пешгирии азобу шиканҷа ин қабл аз ҳама шинохти моҳият ва шаклҳои зоҳиршавии азобу шиканҷа, дарки дуруст ва корбасти дақиқи қонунҳо дар ин соҳа мебошад.

Шиканҷа чист?

Мафҳуми расмӣ ва аз ҳама комили шиканҷа дар моддаи 1 Конвенсияи СММ бар зидди шиканҷа оварда шудааст.

Тибқи ин мафҳум шиканҷа - ин қасдан ба ягон шахс расонидани дарду азоби сахти ҷисмонӣ ё маънавӣ мебошад, ки бо мақсади аз ӯ ё шахси сеюм гирифтани маълумот (баёнот) ё маҷбур намудани ӯ ба худиқрорӣ ё ҷазо додани ӯ барои амале, ки ӯ ё шахси сеюм содир кардааст ё дар содир кардани он гумонбар дониста мешавад, инчунин ӯ ё шахси сеюмро тарсонидан ё бо ҳар гуна дигар сабабе, ки ба ҳама гуна таъбиз асос ёфтааст, агар чунин дард ё азоб аз ҷониби шахси мансабдори давлатӣ, ё шахси дигари расмӣ, ё бо шӯрангезии онҳо ё бо огоҳии онҳо ё розигии хомӯшонаи онон расонида шуда бошад.

Чуноне, ки аз матни овардашуда дида мешавад, шиканҷа ин амали қасдона буда, дар расонидани дарду азоби сахти ҷисмонӣ ё маънавӣ ба ягон шахс зоҳир мегардад.

Мақсади шиканҷа инҳо мебошад:

-аз шахси шиканҷаша-

ванда ё шахси сеюм гирифтани маълумот (баёнот);

- маҷбур намудани ӯ ё шахси сеюм ба худиқрорӣ;

- ҷазо додани шахс барои амале, ки ӯ ё шахси сеюм содир кардааст ё дар содир кардани он гумонбар дониста мешавад;

- шахси шиканҷашаванда ё шахси сеюмро тарсонидан;

- таъбиз (дискриминатсия), яъне ҳар гуна тафриқа гузоштан, истисно кардан, маҳдуд кардан ё бартарӣ додан, ки мақсад ё оқибаташон паст задан ё поймол кардани ҳуқуқу манфиатҳо вобаста ба миллат, нажод, ҷинс, эътиқодот, мазҳаб ва ғайра мебошад.

Барои шиканҷа эътироф кардани кирдор мавҷудияти ҳама мақсадҳои дар матни мафҳуми Шиканҷа овардашуда ҳатмӣ набуда, кофист, ки шахси шиканҷадиҳанда яке аз мақсадҳои дар боло гузошташударо пайгирӣ намояд.

Субъекти шиканҷа шахсони мансабдори давлатӣ ва дигар шахсоне мебошанд, ки ба сифати симои расмӣ амал мекунанд. Аз ҷониби дигари шахсон расонидани дарду азоби сахт танҳо дар ҳолате шиканҷа ҳисобида мешавад, ки агар онҳо бо шӯрангезӣ, огоҳӣ ё ризояти хомӯшонаи шахсони масабдори давлатӣ ё дигар шахсони ба сифати симои расмӣ баромадкунанда содир шуда бошанд.

Дарду азобе, ки дар натиҷаи муҷозоти қонунӣ расонида шудаанд, ба ин ҷазо алоқаи ногусастанӣ доранд ё ҳангоми татбиқи ин муҷозот тасодуфан рух додаанд, ба мафҳуми Шиканҷа дохил намешаванд.

Шаклҳои зоҳиршавии шиканҷа. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки азобу шиканҷа дар амалҳои мухталиф зоҳир шуда, дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон хусусиятҳои худро доранд.

Шаклҳои нисбатан паҳншудаи шиканҷа инҳо мебошанд:

- расонидани осебҳои ҷисмонии кунд (бо зарби мушт, лагад, шаппотӣ, чӯбдасти резинӣ ба замин афтонидан ва ғайра);

- шиканҷа бо роҳи нигаҳ доштан дар ҳолати нобоб (овезон кардан, ҷағонидани пойҳо ва ангуштон, дуру дароз рост мондан, ба зону нишондан, бо як пой истодан ва ғ.);

- сӯзонидан бо сигарета, дарзмол, лампаҳои кафшергарӣ, дигар таҷҳизоти тафсон ё оби ҷӯш;

- пайвастан бо ҷараёни барқ (чун қоида ба воситаи гирифтани барқ аз розетка, генератори махсуси дастӣ ё муҳаррикдор, дигар таҷҳизоти барқӣ ба амал бароварда, электродҳо ба андомҳои ниҳоии инсон - бештар ба кафи даст, кафи пой, панҷаҳои дасту пой, гӯшҳо, даҳон, лабҳо ва узвҳои ҷинсӣ расонида мешаванд. Дар натиҷа барқ аз байни ду электрод гузашта, боиси пайдоиши дарди ҷонкоҳ азиятовар, кашишхурии мушакҳо, раг кашидани онҳо, нафасгиршавӣ, беҳушшавӣ ва баъзан боиси марг шуда метавонад);

- бӯғикунонӣ (асфиксия), ки дар шакли "хушк" (ба сари одам кашидани пакети селофанӣ ё резинӣ, бастани даҳону бинӣ, хафакунонӣ бо ресмон, сим, ноқил ё дигар мавод, маҷбур кардан ба нафас кашидани чангу ғубор, чанги семент, қаланфур ва ғайра) ва шакли "тар" (ба об ё дигар маҳлул ғутонидани сари одам) ба амал бароварда мешавад;

- шикастани устухон, бӯғумҳои дасту пой, сутунмӯҳра ва дигар узвҳои бадан тавассути зарбарасонӣ бо ашёи вазнин, канда партофтан ё шикастани нохун, дандонҳо ва ғайра;

- расонидани зарбаҳои сӯрохкунанда ба воситаи корд ва тир, ба зери нохунҳо халонидани сӯзан;

- истифодаи хусусиятҳои химиёвии намак, қаланфури сӯзон, бензин ва ғайра (дар даҳон рехтан ё пошидан дар ҷароҳатҳо);

- зӯроварии шаҳвонӣ, таҷовуз ба номус, истифодаи предметҳои гуногун барои маъюбкунии узвҳои ҷинсӣ;

- ба тариқи ҷарроҳии тиббӣ буридани ангуштон, гӯшҳо, дигар андомҳо;

Несмотря на то, что применение заключения под стражу допускается только по решению суда с согласия прокурора полностью избежать случаев незаконных и необоснованных арестов обвиняемых и подозреваемых трудно. Но не каждый случай освобождения из-под стражи подсудимых в связи с оправданием или прекращением уголовного дела по реабилитирующему основанию означает, что заключение под стражу было незаконным и необоснованным.

Мера пресечения в виде заключения под стражу применяется с точки зрения закона не к преступнику, а к лицу, подозреваемому или обвиняемому в совершении преступления, за которое может быть назначено наказание в виде лишения свободы на срок свыше двух лет. Нельзя исключить случаи, при которых применение заключения под стражу на стадии предварительного расследования отвечало всем требованиям закона, но в дальнейшем появились какие-то обстоятельства, повлекшие реабилитацию арестованного,

предвидеть которые было невозможно. Сделать вывод о том, имелись ли на момент избрания меры пресечения все необходимые основания, соответствующие требованиям закона, можно лишь посредством изучения материалов уголовного дела. Поэтому своевременное изучение уголовных дел в отношении лиц, которым в качестве меры пресечения избиралось заключение под стражу, а затем производство по делу было прекращено в стадии следствия или судом, и дел, по которым вынесены оправдательные приговоры, помогут прокурорам в дальнейшем особо обратить внимание на ранее принятые процессуальные решения и разработать меры по устранению причин и условий, способствующих к принятию незаконных и необоснованных процессуальных решений.

Подводя итог всему вышеизложенному, следует необходимо отметить, Мировая практика применения заключения под стражу судом показывает, что все государства, в том числе и Таджикистан, ориентированные на построение правового и гражданского общества приняли правило судебного санкционирования, так как санкционирование судом выступает в качестве гарантии обеспечения прав и свобод человека и гражданина.

Литература

Конституция Республики Таджикистан –Душанбе.2003;
Конституционный закон Республики Таджикистан «Об органах прокуратуры Республики Таджикистан» //Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2005 год, №7, ст. 398; 2006 год, №3, ст. 141; 2007год, №5, ст.350; №7, ст. 652; 2008г, №12, часть 1, ст.981; 2009 год, № 5, ст.314);
Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан. - Душанбе.2009.(гл.);
Сангинов А.Б.Совершенствование прокурорского надзора в Республике Таджикистан // В сб.науч.работ «Обеспечение верховенства закона – основа укрепления государственной независимости».Вып.3.-Худжанд.2010.С.132.;.Кобилов Б.К.Некоторые проблемы применения мер пресечения в уголовном процессе Республики Таджикистан.-Худжанд.,2010. 118с.; Он же: Некоторые вопросы защиты пав и свобод человека и гражданина в уголовном процессе // В сб.науч.работ «Обеспечение верховенства закона –основа укрепления государственной независимости».Вып.4.-Худжанд.2010.С.36-40.;Рахматулоев А.Э., Рузиев Ю.Ё. Некоторые аспекты применения мер пресечения по новому уголовно-процессуальному кодексу Республики Таджикистан. // В сб.науч.работ «Обеспечение верховенства закона –основа укрепления государственной независимости».Вып.3.-Худжанд.2010.С.36-41. и др.;
См.: Сангинов А.Б. Доир ба объект ва предмети (мавзуъи) назорати прокурори дар мархилаи тафтиши пешаки // В сб.науч.работ «Обеспечение верховенства закона –основа укрепления государственной независимости».Вып.4.-Худжанд.2010.С.116.

Мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва масоили дурнамои инкишофи он

Маҳмудов И.Т., муовини аввали декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Хоҷаева Н. Б., ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ

Асоси мавқеи ҳуқуқии ҳар як мақомоти давлатиро меъёрҳои ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки мақсад, вазифа, функсия ва ваколатҳои онро дар низоми мақомоти давлатӣ муайян мекунанд. Вале бояд қайд намуд, ки миёни меъёрҳои ҳуқуқие, ки мавқеи расмии мақомоти давлатиро муайян мекунанд пеш аз ҳама афзалият ба меъёрҳои ҳуқуқии дар Конститутсияи(Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шуда, дода мешавад. Зеро онҳо қоидаҳои умумиро мустаҳкам намуда, мавқеи ҳуқуқӣ-конститутсионии мақомоти давлатиро равшан мекунанд. Аз ин рӯ, мавқеи умумии ҳуқуқии прокуратура ҳамчун мақомоти давлатӣ пеш аз ҳама бо меъёрҳои қонуни асосии кишвар - Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Ҳар як давлат новобаста аз сохтори сиёсии худ низоми кафолатҳоеро муайян месозад, ки ҷиҳати таъмини қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои қонунии ҷомеаву давлат равона шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин низом мавқеи муҳимро мақомоти прокуратура ишғол менамояд. Прокуратура аз рӯи ваколатҳои конститутсионии худ дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавқеи хосае дорад. Шаҳодати он дар боби алоҳидаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (боби нӯҳум, моддаҳои 93-97) мустаҳкам намудани ҳолати ҳуқуқии прокуратура аст. Мувофиқи моддаи 93-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд. Бо мақсади таъмини волоияти қонун, ягонагӣ ва мустаҳкам намудани реҷаи қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва инчунин манфиатҳои ҷомеаву давлат мақомоти прокуратура фаъолияти худро дар соҳаҳои алоҳидаи назоратӣ ба роҳ мемонад. Мустақилиятӣ аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, нораво будани дахолат ба фаъолияти хоҷагӣ ва дохилии онҳо аз он муқарраротҳоеанд, ки ҳолати давлатӣ-ҳуқуқии прокуратура ва мавқеи махсуси онро дар низоми механизмҳои давлатӣ муайян намудаанд. Мувофиқи моддаи 9-уми Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақсимияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ карда мешавад. Бо назардошти таъиноти прокуратура, доираи вазифаҳои аз ҷониби он иҷро мешуда ва махсусияти ваколатхои он наметавон прокуратураро ба шохаи ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ мансуб донист. Бояд қайд намуд, ки прокуратура яке аз механизмҳои муҳими амалишавии ҳокимияти давлатӣ буда, таъ-

мини волоияти конун, ягонагӣ ва мустаҳкам намудани қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати ҷомеаву давлатро таъмин менамояд. Тамоми шохаҳои ҳокимият дар маҷмӯъ ҳамчун ҳокимияти ягонаи давлатӣ барои нигоҳдорӣ ва пойдории қонуният, ки асосан аз ҷониби прокуратура таъмин мешавад, манфиатдор мебошанд. Бе таъмини реҷаи ягонаи қонуният дар кишвар ҳокимияти давлатӣ наметавонад пурзӯр бошад ва самарабахш вазифаҳои худро иҷро намояд. Яке за фарқиятхои асосиву махсуси прокуратура он аст, ки фаъолияти худро бо назардошти таъиноти дар Конститутсия ва дигар қонунхои амалкунандаи мустаҳкамшуда ба роҳ мемонад. Прокуратура ҳамчун низоми ягонаи марказонидашуда назорати иҷроиши якхелаи қонунҳоро дар қаламрави кишвар таъмин менамояд.

Таҳлили меъёрҳои Конститутсия дар бораи мавқеъ, функсияҳо ва ҷойи он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ бозгӯи онанд, ки мақомоти прокуратура дар низоми давлатӣ мавқеи хосса дошта ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ мансуб нест.

Дар саҳифаҳои адабиётҳои ҳуқуқӣ, мақолаҳои илмӣ, монографияҳо ва васоити таълимӣ нуқтаҳои назари мухталифи олимон, давлатшиносон ва кормандони амалӣ дар хусуси мавқеи ҳуқуқӣ ва ҳамчунин ба ин ва ё он шохаи ҳокимияти давлатӣ мансуб донистани прокуратура ҷой дорад. Бахусус кӯшишҳои олимони ватанӣ ва кормандони амалии мақомоти прокуратура тайи солҳои охир бобати таҳқиқи масоили марбут ба мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатӣ ва ҳамчунин нақш ва вазифаҳои он дар ҷодаи таъмини қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон қобили дастирӣ ва қайд аст. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ кайҳост, ки дар хусуси ба сифати шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф намудани фаъолияти назоратии прокуратура ақидаҳо ҷой доранд. Чунин ақидаро асосан олимони рус Ю.Е. Винокуров, К. Амирбеков, Н.В. Мельников ва В.В. Черников ҷонибдоранд.

Тарафдорони ақидаи ба шохаи ҳокимияти қонунгузор мансуб будани прокуратура мавқеи худро чунин асоснок мекунанд: мақомоти қонунгузор қонун кабул менамоянд ва иҷроиши онҳоро дар каламрави кишвар прокуратура назорат мебарад. Бинобар ҳамин, онҳо ба он акидаанд, ки назорати прокурорӣ ҳамчун шакли мустақили фаъолияти давлатӣ маҳз аз ҷониби ҳокимияти конунгузор соҳиби ваколат мегардад, ташаккул меёбад ва ба он бояд тобеъ бошад. Ҳамчунин мансубияти прокуратураро ба ҳокимияти қонунгузор бо назардошти таҷрибаи замони шӯравӣ асоснок мекунанд. Зеро дар гузаштаи начандон дур дар асоси Конститутсияи соли 1977 ИҶШС Прокурори генералии ИҶШС аз ҷониби макомоти олии ҳокимияти давлатӣ - Шӯрои олии ИҶШС ба мӯҳлати панҷ сол таъин мешуд (моддахои 164, 165 Конститутсияи ИҶШС). Прокурори генералӣ ба Шӯрои олӣ масъул ва ҳисоботдиҳанда буд. Дар давраи байни иҷлосияҳо бошад, ба Раёсати Шӯрои олии ИҶШС масъул ва ҳисоботдиҳанда буд. Ба Прокурори генералии ИҶШС танҳо Шӯрои олӣ барои иҷрои амали муайян нишондодҳо медод. Шӯрои олӣ метавонист Прокурори генералиро пеш аз мӯҳлат аз иҷрои вазифааш бо қарори худ озод кунад. Раёсати Шӯрои олии ИҶШС сохтори марказии дастгоҳи прокуратураи иттифоқиро тасдиқ менамуд. Хамин тариқ, то андозае Шӯрои олии ИҶШС ва раёсати он дар ташаккули прокуратура саҳми калон бозида, фаъолияти онро зери назорат қарор медоданд. Маҳз аз хамин чиҳат, дар хусуси мақомоти назоратии ҳокимияти олии қонунгузорӣ будани прокуратура хулосабарорӣ карда мешуд. Ҳамин тариқ, то замони қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон прокуратура то адозае зери назорати ҳокимияти қонунгузор қарор дошт. Ба назари мо прокуратура наметавонад қисмати шохаи ҳокимияти конунгузор бошад, зеро ки функсияҳои ин сохторҳои муҳими давлатӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳоки-

мияти конунгузорро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ карда, чун дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ мустақилона амал мекунад.

Айни замон баъзе муаллифон бо назардошти равандҳои таърихии таъсиси мақомоти прокуратура, таҷрибаи як қатор давлатҳои хориҷӣ ва таҳлили функсияҳои он бар он акидаанд, ки прокуратура вобаста ба табиати ҳуқуқии худ ба шохаи ҳокимияти иҷроия мансуб аст. Профессор И.Л. Петрухин прокуратураро ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатӣ эътироф намуда, ҳамзамон чунин менигорад, ки дар давлатҳои мутамаддини муосир прокуратура мақомоти ҳокимияти иҷроия ба ҳисоб рафта, тобеи Вазорати адлия аст.

Ба ақидаи А.М. Диноршоев, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мақомоти давлатие арзи ҳастӣ доранд, ки дар низоми шохаҳои ҳокимият мавқеи онҳо норавшан мондааст. Ба ин мақомотҳо ӯ прокуратура ва бонки миллиро шомил намудааст. Аз ин рӯ, дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунанда ба хулосае омадааст, ки прокуратура ва бонки миллӣ ба шохаи ҳокимияти иҷроия мансуб мебошанд.

Бояд кайд сохт, ки прокуратура ба шохаи ҳокимияти иҷроия алоқамандии зич дорад. Ба прокуратура ягон нишонаи ҳокимияти иҷроия хос набуда, гузашта аз ин, фаъолияти ин шохаи ҳокимият зери назорати прокурорӣ қарор дорад. Мақомоти прокуратура назорати иҷроиши қонунҳоро ба амал бароварда, ба мақомоти ҳокимияти иҷроия дар бобати ба амал бароварданӣ вазифаҳои онҳо дар доираи қонун мусоидат менамояд. Фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия хислати идоракуниро дорад. Покуратура бошад, идоракунии корҳои давлатиро ба роҳ намонда, қарорҳои идоракунии характери ҳокимиятӣ доштаро қабул намекунад. Дар муносибат ба мақомоти ҳокимияти иҷроия таъиноти прокуратура ҳамчун мақомоти назоратӣ дар назорати риояи қонунҳо аз ҷониби ин мақомот ва шахсони мансабдори онҳо ва ба қонун мувофиқат намудани санадҳои ҳуқуқии онхо ифода мегардад. Тамоми фаъолияти макомоти идоракунии давлатӣ тобеи назорати прокурор мебошад.

Тарафдорони ба шохаи ҳокимияти судӣ нисбат доштани макомоти прокуратура аз он бармеояд, ки прокуратура вобаста бо самтҳои фаъолият ва иҷроиши функсияҳои худ ба ҳокимияти судӣ наздикӣ дорад. Масалан, мувофиқи Конститутсияи Федератсияи Россия прокуратура дар боби 7, ки ба ҳокимияти судӣ бахшида шудааст, дар доираи як модда (моддаи 129) мустаҳкам шудааст . Ба андешаи олими давлатшиноси тоҷик А. Имомов прокуратура мувофиқи усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба шохаи ҳокимияти судӣ мансуб мебошад. Мутаассифона, омилҳое, ки устоди мӯхтарамро ба чунин андешаронӣ овардааст, асоснок нашудаанд. Воқеияти имрӯзаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад, ки прокуратура мансуби шохаи ҳокимияти судӣ нест. Прокурорҳо мувофиқи конунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии парвандаҳо дар суд иштирок намуда, нисбати санадҳои ғайриқонунӣ ва беасоси судҳо эътироз меоранд.

Ба ақидаи П. Кулагин, мақомоти прокуратура бояд зери қаноти ҳокимияти президентӣ қарор дошта бошад. Ба ҳокимияти президентӣ мансуб донистани прокуратура чандон мувофиқи мақсад нест, ҳарчанд ки Президент ҳамчун сардори давлат, кафили риояи Конститутсия ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни ташкил ва фаъолияти макомоти прокуратура нақши босазо дорад.

Ҷой ва мавкеи мақомоти прокуратура дар он ифода меёбад, ки он элементи низоми худнигоҳдорӣ ва мувозинат на танҳо шохаҳои алоҳидаи ҳокимиятро аз амалҳои ғайриконунӣ ва беасос боз медорад, инчунин ҳамкориҳои онҳоро ба мақсади таъмини конуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин менамояд. Ба мавкеи макомоти прокуратура дар низоми макомоти давлатӣ Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормадони мақомоти ҳифзи

прокуратураро бо назардошти воқеияти имрӯзи низоми қонунгузорӣ ва саҳми назарраси он дар ҷодаи таъмини фазои ягонаи ҳуқуқии кишвар интихоб намояд. Табиист, ки гузариш ба сохти нави давлатдорӣ ва низоми хоҷагидорӣ зарурияти таъсиси ниҳоду сохторҳои навро дар бахшҳои мухталиф, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқ ба миён меорад. Таъсиси сохторҳои нав дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, ки мувофиқи талаботи замон сурат гирифтаанд ба ҳеҷ ваҷҳ боиси маҳдуд гаштани ваколатҳои назоратии прокурорҳо нагашта, баръакс онҳо якдигарро дар ҷодаи ба даст овардани вазифаву мақсадҳои ягона пурра месозанд. Феълан бояд зикр намуд, ки ахиран паҳн намудани ҳамагуна андешаву афкор дар хусуси заиф гардидани иқтидору ваколати чунин як ниҳоди муҳими давлатӣ чун прокуратура бо таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пурзӯр гаштани фаъолияти ҳокимияти судии мустақил (дар назар дошта шудааст замони амали қонуни нави мурофиаи ҷиноятӣ) сирф ғалат аст. Чунин дигаргунӣ ва навовариҳо, ки воқеан дар марҳилаи имрӯзаи таърихӣ барои кишвари мо заруранд, моҳияти таъиноти конститутсионии мақомоти прокуратураро, ки дар ба амал баровардани назорати иҷрои қонунҳо дар қалamрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад, халалдор намесозанд. Фаъолияти мақомоти прокуратура ҳамеша дар асоси риояи ҳурмату эҳтироми принсипи мустақилияти судяҳо ва арҷгузорӣ ба мустақилияти идоравии дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ асос ёфта буд ва дар ҳамин рӯҳия боқӣ хоҳад монд.

Ҳамин тариқ, дар асоси истифодаи андешоти назариявии олимони соҳаи мухталифи илми ҳуқуқшиносӣ, омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории ҷорӣ ва таҳлили муқоисавии қонунгузории кишварҳои хориҷ чунин хулоса намудан мумкин аст: прокуратура дар Тоҷикистон мақомоти мустақили давлатӣ буда, дар сохтори давлатӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Бо назардошти муайян намудани мавқеъ ва нақши мақомоти прокуратура дар ҷодаи таъмини волоияти қонун ва таъмини қонуният дар кишвар, тобиши миллӣ додан ба он ба мақсад мувофиқ аст, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ барномаи ислоҳот ва ё консепсияи инкишофи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад. Аз лиҳози дурнамо, он бояд чун мақомоти назорати иҷрои қонунҳо дар давлат нигоҳ дошта шуда, функсияҳои ҳуқуқмуҳофизавии он бояд густариш дода шавад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки мазмуни консепсия фарогири масъалаҳои зайл бошад:

1) муайян намудани мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, алоқамандӣ ва муносибати ӯ бо дигар шохаҳои ҳокимият ба хотири муҳайё намудани низоми самарабахши "мувозинат ва худнигоҳдорӣ";

2) такмили минбаъдаи назорати прокурорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ ва соҳавии инсон ва шаҳрванд;

3) муайян намудани ҳудуди ба амал баровардани функсияи назоратӣ ва таъқиботи ҷиноятӣ аз ҷониби прокурор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ;

4) густариши ҳамаҷонибаи функсияи ҳуқуқмуҳофизавии мақомоти прокуратура ва дар ин замина такмили танзими ҳуқуқии соҳахои назорати прокурорӣ оид ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки арзиши олӣ эътироф гардидаанд, иҷрои қонунҳо дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва таъсиси сохторҳои дахлдор доир ба ин соҳахои назоратӣ дар низоми мақомоти прокуратура;

5) такмили минбаъдаи функсияҳои иштирок дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо ҷиноятқорӣ ва дар ин замина эҳё намудани ҳуқуқи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташаббуси қонунгузорӣ.

Прокуророн дар баъзе мавридҳо вазифаҳои хизматии худро ба таври дахлдор иҷро накарда, иштироки онҳо дар мурофиаҳои судӣ, омӯзиши парвандаҳои ҷиноятии дар суд баррасишуда ҳолати рӯякӣ дошта, на ҳама вақт иштироки онҳо барои баровардани ҳукмҳои қонунӣ ва асоснок, сари вақт бартараф намудани камбудию норасогиҳои тафтишоти пешакӣ ва судӣ мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, прокуроронро зарур аст, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, фармонҳои дахлдори Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи ҳуқуқҳои конститутсионии инсону шаҳрванд, дар бораи иштироки прокурор ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятиро аз худ намуда, риояи онҳоро таъмин намоянд.

1. Вазифа ва салоҳиятҳои мурофиавии прокурор дар муҳокимаи судии парвандаои ҷиноятӣ

Иштироки айбдоркунандаи давлатӣ дар муҳокимаи судӣ танҳо бо таъқиби ҷиноятӣ маҳдуд нашуда, ӯ бояд кафили таъмини ҳуқуқу манфиатҳои шахс, ки нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ дар суд баррасӣ мешавад, инчунин ҷабрдида бошад.

Мутобиқи фармони дахлдори Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии ин соҳаи назорати прокурорӣ - дастгирӣ намудани айбдоркунии давлатӣ ва дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун овардани эътироз нисбати ҳукм, таъинот ва қарорҳои ғайриқонунии судҳо мебошанд.

Мутобиқи моддаи 279 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мурофиаи судӣ иштироки айбдоркунандаи давлатӣ ба ғайр аз парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, ки дар онҳо айбдоркуниро худи ҷабрдида дастгирӣ мекунад, ҳатмӣ мебошад.

Прокурор ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ дар суд бо парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии умумӣ ва хусусӣ-умумӣ айбдоркунии давлатиро дастгирӣ мекунад ва бо парвандаҳои мураккаб ва бисёрлаҳза айбдоркуниро якчанд айбдоркунандаи давлатӣ дастгирӣ менамоянд.

Ворид шудани айбдоркунандаи давлатӣ ба баррасии парванда боиси такрори амалҳое намегардад, ки то ин лаҳза дар суд анҷом дода шуда буданд, вале бо дархости ӯ барои шиносоӣ бо маводи парванда ва далелҳои дар тафтиши судӣ баррасишуда суд ба ӯ вақт ҷудо мекунад.

Прокурор ҳангоми дастгирӣ намудани айбдоркунӣ, аз рӯи талаботи қонун ва эътиқоди ботинии худ амал намуда, дорои салоҳиятҳои зерин мебошад.

Салоҳиятҳои прокурор

- бо омӯзиши маводҳои парвандаи ҷиноятӣ асоснокии айби эълоншударо баррасӣ намояд;
- дар муҳокимаи судӣ моҳияти айбдоркуниро баён намояд;
- дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки ба тарзи мубоҳисавӣ сурат мегирад, иштирок намояд;
- дар тафтиш ва таҳлили далелҳо фаъолона ширкат варзад;
- далелҳои нав ва дархост пешниҳод намояд;

- асоснокии банду басти кирдори судшавандаро муайян намояд;
- дар сурати рух додани қонунвайронкунӣ ба раисикунандаи маҷлиси судӣ оиди бартараф намудани он ва чора андешидан дархост пешниҳод намояд;
- сабаб ва шароитҳое, ки ба содир намудани ҷиноят мусоидат кардаанд, таҳлил намуда, барои бартараф намудани онҳо чораандешӣ намояд;
- ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазоро шарҳ диҳад;
- хулосаи худро дар бораи асоснок намудани айби эълоншуда баён намуда, ба кирдори судшаванда баҳои ҳуқуқӣ ӯ қонунӣ диҳад;
- оиди гунаҳгор донистани судшаванда бо моддаи мушаххаси Кодекси ҷиноятӣ, намуд ва андозаи ҷазоҳои асосӣ ва иловагии нисбати судшаванда таъиншаванда ва намуди муассисаи ислоҳиро баён намояд;
- даъвои граждании ҷабрдидаро пешниҳод ё дасгирӣ мекунад, ба шарте, ки онро ҳифзи манфиати давлат, ҷамъият ё ҳуқуқи шаҳрвандон талаб намояд;
- барои барқарор намудани маблағи зарар чораандешӣ намояд;
- Ҳангоми дар мурофиаи судӣ ошкор шудани ҷиноят, баҳри оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ чораандешӣ намояд;
- роҳҳои ҳалли масъалаи тартиби нигоҳдорӣ ва тақдири минбаъдаи далелҳои шайъиро изҳор намояд;
- метавонад дар ҷавоби нутқи намояндагони тарафҳо бо эродҳо (норизоии ҷавобӣ, луқмапартоӣ) баромад кунад;
- дар бораи сабук кардани айбдоркунӣ таклиф пешниҳод намояд, пурра ё қисман аз айбдоркунӣ даст кашад;
- дар мӯҳлати дар қонун пешбинигардида бо протоколи маҷлиси судӣ пурра шинос шуда, протоколро бо қайдҳои дар мурофиаи судӣ намудаи худ муқоиса намуда, дар сурати ҷой доштани фарқият, бо пуррагӣ қайд накардан ё нодуруст қайд кардани нишондодҳои судшавандаҳо, шоҳидон, ҷабрдида ва ғайра, сари вақт ба протокол мулоҳизаҳои худро пешниҳод намояд;
- дар мӯҳлати кассатсионӣ нусхаи ҳукмро дастрас намуда, пурра омӯзад;
- ба санадҳои ғайриқонунии судӣ дар мӯҳлати кассатсионӣ эътироз оварад;
- дар сурати аз ҷониби коллегияи судӣ беасос рад намудани эътирозҳои кассатсионию хусусӣ бо пешниҳод ба прокурори болоӣ оиди овардани эътироз ба тариқи назоратӣ муроҷиат намояд;
- дар марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратии судӣ иштирок намояд.

Оид ба масъалаҳои дар рафти мурофиаи судӣ ба миёномада, хулосаҳо дода, дархостҳо пешниҳод менамояд. Барои ошкор намудани сабаб ва шароитҳои содиршавии ҷиноят чораҳо меандешад.

Боиси қайд аст, ки тафтишоти судӣ - қисми асосии мурофиаи судӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он суд бо иштироки айбдоркунандаи давлатӣ, судшаванда, ҳимоятгари ӯ ва дигар иштирокчиёни мурофиа далелҳое, ки дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ ҷамъ оварда шудаанд ва далелҳое, ки аз ҷониби иштирокчиёни мурофиаи судӣ пешниҳод карда шудаанд, санҷида мешаванд.

Ҳангоми тақвияти айбдоркунии давлатӣ, прокурор мавқеи худро оид ба масъалаҳои татбиқи қонуни ҷиноятӣ, таъин намудани ҷазо нисбат ба судшаванда, тибқи талаботи қонун ва эътимоди ботинии хеш, ки бо натиҷаи таҳқиқи ҳолатҳои парванда асоснок шудаанд, изҳор менамояд.

Агар прокурор бо қарори қабулнамудаи суд розӣ набошад, ҳуқуқ дорад дар доираи салоҳияти худ оид ба бекор ва ё тағйир додани он ба суди болоӣ эътироз баён намояд.

Дар як вақт прокурор ҳуқуқ дорад бо тартиби пешбининамудаи Кодекс то лаҳзаи ба хонаи машваратӣ даромадани суд аз таъқиби ҷиноятӣ ва айбдоркунӣ даст кашад.

2. Тайёрӣ ба иштирок дар муҳокимаи судӣ

Мурофиаи судии ҷиноятӣ ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад. Аз ин рӯ, прокурор ҳангоми ба амал баровардани айбдоркунӣ бояд холисона, бо тайёрии хуби касбӣ, дар таҳқиқи далелҳо иштирок намуда, ба таъмини ногузирии ҷазо барои ҷинояти содиршуда, мусоидат кунад.

Мутаассифона, санҷишҳо дар фаъолияти прокурорҳои зинаҳои поёнӣ нишон медиҳад, ки айбдоркунандаи давлатӣ дар баъзе ҳолатҳо бе тайёрии пешакӣ дар мурофиа иштирок намуда, танҳо бо фикри айбдоркунӣ шинос мешавад, ки ин комилан нокифоя буда, ба ин таҷрибаи номатлуб хотима бахшидан лозим аст.

Тайёрии айбдоркунандаи давлатӣ ба мурофиаи судӣ, пеш аз ҳама, бо омӯзиши ҷиддии маводҳои парвандаи ҷиноятӣ оғоз мегардад, ки ин талабот ба айбдоркунанда шароит фароҳам меоварад, ки мавқеи худро ба ҳалли масъалаҳое, ки дар рафти мурофиаи судӣ ба вуҷуд меоянд муайян, намояд. Нишондоди иштирокчиёни мурофиаро, ки ҳангоми пешбурди тафтишоти пешакӣ пурсида шудаанд, бо иштироки онҳо дигар амалҳои тафтишотӣ гузаронида шудааст муқоиса намуда, барои тарзи пурсиши онҳо дар мурофиаи судӣ тайёрӣ бинад.

Омӯзиши пурраи маводҳои парвандаи ҷиноятӣ ва ба тариқи хаттӣ қайд намудани ҳолати кор ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ (протоколҳои пурсиш, рӯбарукунӣ, кофтукоб, ёфта гирифтан ва ғайра) ба тавре, ки ҳангоми иштирок дар мурофиаи судӣ истифода намудани он ва тайёрӣ дидан ба баромад ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ осон шавад, сурат мегирад.

Дар ин раванд омӯзиши қонунгузории амалкунанда ва тағйиру иловаҳо ба он, ки кирдорҳои судшаванда дар парвандаи ҷиноятӣ банду баст карда шудааст, инчунин шинос шудан бо таҷрибаи судии ин қабил парвандаҳои ҷиноятӣ хеле муҳим аст.

Айбдоркунандаи давлатиро зарур аст, ки ҳангоми иштирок дар мурофиаи судӣ бо парвандаи ҷиноятӣ, ба хотираи худ такя накунад, чунки мумкин аст судшаванда, ҷабрдида ва шоҳидон нишондодҳои худро пурра ё қисман иваз намоянд. Нишондодҳои ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ додаи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро ба пуррагӣ нишон диҳад, зеро муқоисаи нишондодҳои дар рафти тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ додаи онҳо осон мегардад.

Ғайр аз ин, айбдоркунандаи давлатӣ бояд ба тартибу талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ оиди аз ҷониби муфаттиш ҷамъ овардани далелҳо, асоснокии қарорҳои қабулнамудаи муфаттиш аҳамият дода, дар ҳама ҳолат ба камбудиҳои тафтишоти пешакӣ, вайронкунии қонун аз ҷониби муфаттиш диққат дода, баҳри бартараф намудани онҳо чораандешӣ намояд.

Қайдҳои пешакии айбдоркунандаи давлатӣ, аз ҷумла, нишондоди судшаванда, ҷабрдида ва шоҳидон, хулосаи коршинос ва дигар далелҳои муҳим бояд дар варақаҳои алоҳида бо нишон додани варақи кор ва саҳифаи парвандаи ҷиноятӣ қайд карда шуда, дар мурофиаи судӣ нишондоди онҳо дар дигар тарафи варақ навишта шаванд, ки муқоисаи онҳо осон мегардад.

Аз натиҷаи омӯзиши пешакӣ, тайёр намудани таклифу дархостҳо оид ба масъалаҳое, ки дар қисми оғозкунии мурофиа ва тафтишоти судӣ ба миён меоянд, ба мақсад мувофиқ аст.

3. Дастгирии айбдоркунӣ дар суд

Айбдоркунандаи давлатӣ дар санҷиши (таҳлили) далелҳо фаъолона иштирок намуда, ба суд ақидаҳои худро дар бораи моҳияти айбдоркунӣ ва дигар масъалаҳое, ки ҳангоми муҳокимаи судӣ ба миён омадаанд, иброз менамояд, инчунин дар суд дар бораи татбиқи қонуни ҷиноятӣ ва ба судшаванда таъин намудани ҷазои асосӣ, иловагӣ, татбиқи чораҳои маҷбурии тиббӣ, низоми адои ҷазо, рӯёнидани маблағи зарар, қабули қарори дахлдор нисбати молу мулке, ки дар давраи тафтишоти пешакӣ ба онҳо ҳабс гузошта шудааст ва тақдири далелҳои шайъӣ, фикри худро возеҳу равшан изҳор менамояд.

Аҳамияти музокираи судӣ пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки ақидаҳои ботинии ҳайати судро дар асоси баҳодиҳии ҳаматарафа дақиқи ҳолатҳои парванда ба вуҷуд меорад. Ғайр аз ин, музокираи тарафҳо ба иштирокчиёни мурофиа таъсири тарбиявӣ расонида, онҳо оиди ҳолат, хатарнокии ҷинояти содиршуда ва оқибатҳои он огоҳ мегарданд. Инчунин ба судшаванда таъсир мерасонад, ки ӯ маҷбур мегардад, нисбати кирдорҳои худ андеша намуда, хулосаи зарурӣ барорад.

Айбдоркунандаи давлатӣ ҳангоми баромад намудан вазифадор аст, ки гуноҳи судшавандаро тасдиқ намояд. Ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ баромад карда, мавқеи ишғолнамудаи худро оиди масъалаҳое, ки суд тибқи талаботи моддаи 335 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳал намояд, асоснок мекунад.

Заминаи асосии нутқи айбдоркунандаи давлатӣ дар суд бояд аз ҳолатҳои зерин иборат бошад:

1. Хусусияти ҷамъиятӣ- сиёсӣ ва баҳодиҳии хатари ба ҷамъияту давлат доштаи ҷинояти содиршуда.
2. Таҳлили сабаб ва шароитҳое, ки боиси содиршавии ҷиноят гардидаанд ва пешниҳоди таклиф оиди рафъи онҳо.
3. Тафсири ҳолатҳои кор.
4. Таҳлил ва баҳодиҳии далелҳо, сарчашмаҳои онҳо, ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ ва судӣ.
5. Аз нуқтаи назари қонун асоснок намудани банду басти кирдори судшаванда.
6. Шахсияти судшаванда, (ҷиҳати мусбӣ ва манфӣ).
7. Баён намудани нуқтаи назар ва хулоса оиди қабул намудани қарори дахлдор бо парвандаи ҷиноятӣ, (намуд, андозаи ҷазо, ҷазои асосӣ, иловагӣ ва ғайра).
8. Тақдири далелҳои шайъӣ, таъиноти хусусӣ ва дигар ҳолатҳо.

Нутқи айбдоркунандаи давлатӣ бояд асоснок, боварибахшанда, аз нуқтаи назари қонун дақиқ ва барои шунавандагон фаҳмо бошад.

Айбдоркунандаи давлатӣ мутобиқи талаботи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвои граждании ҷабрдидаро дастгирӣ менамояд, ба шарте, ки онро ҳифзи манфиати давлат, ҷамъият ё ҳуқуқи шахрвандон талаб намояд.

Айбдоркунандаи давлатӣ ҳуқуқ дорад дар бораи сабук кардани айбдоркунӣ таклиф пешниҳод намояд, пурра ё қисман аз айбдоркунӣ даст кашад, дар сурати аз ҷониби ҷабрдида низ аз айбдорӣ даст кашидан асос барои аз ҷониби суд қабул кардани таъинот (қарор)-и қатъ намудани парванда шуда метавонад.

Агар ҷабрдида аз айбдоркунӣ даст накашида бошад, суд муҳокимаи парвандаро

идома дода, масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳ будани судшавандаро бо тартиби умумӣ ҳал мекунад.

Айбдоркунандаи давлатӣ вазифадор аст, ки ба Прокурори генералӣ, муовинони ӯ, Сарпрокурори ҳарбӣ, прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, наклиёти Тоҷикистон, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва прокурорҳои ба онҳо баробаркардашуда ё муовинони онҳо, ки иҷрои назорат аз рӯи баррасии парвандаи ҷиноятӣ ба зиммаашон гузошта шудааст, аз натиҷаи мурофиаи судии ҳар як парванда, мавқеи худ дар суд, хулоса дар бораи қонунӣ будани санади суд ва дар ҳолати зарурӣ оиди баён намудани эътироз дар шакли хаттӣ гузориш диҳад.

Агар баъди тасдиқ намудани фикри айбдоркунӣ бо парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби роҳбарият, дастгирӣ намудани айбдоркунии давлатӣ дар суд ба зиммаи кормандони Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ нею ба кормандони дигар Раёсату шӯъбаҳои дастгоҳи Прокуратураи генералӣ вогузошта шавад, истеҳсоли назоратӣ бо ин парвандаи ҷиноятӣ сараввал дар бахши коргузории Раёсати номбурда ба қайд гирифта мешавад. Баъди анҷоми мурофиаи суд ва қабули қарори ниҳоӣ истеҳсолоти назоратӣ бо парвандаи ҷиноятӣ ба ин Раёсат барои нигоҳдорӣ ба таври дахлдор супорида мешавад.

Дар ин бора Раёсат мавқеи худро баён мекунад.

Бо ҳамин тартиб масъалаи мазкур дар Сарпрокуратураи ҳарбӣ, прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва наклиёти Тоҷикистон вобаста ба сохтори худ амалӣ карда мешавад.

Мувофиқи талаботи моддаи 294 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тарафҳо ҳуқуқ доранд дар давоми панҷ шабонарӯзи баъди имзои протоколи маҷлиси суд эродҳои худро доир ба протокол пешниҳод намоянд. Ин мӯҳлат аз ҷониби раисикунанда, мумкин аст бо дархости тарафҳо то даҳ шабонарӯз дароз карда шавад.

Аз ин рӯ, айбдоркунандаи давлатиро дар баробари дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ зарур аст, ки рафти мурофиаи судиро аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ мунтазам қайд намояд.

Ин ҳолат барои минбаъд овардани эрод нисбати протоколи маҷлиси судӣ зарур буда, ҳамчун омили исбот пешниҳод карда мешавад.

Мувофиқи моддаи 374 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз асосҳои бекоршавии ҳукм ин ба ҳолатҳои воқеии кор мувофиқат накардани хулосаи суд, ки дар ҳукм баён шудаанд, ба ҳолатҳои воқеии парванда мебошад.

Хулосаи суд бошад, аз маводу далелҳои дар парвандаи ҷиноятӣ ҷамъовардашуда, нишондоди иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки дар протоколи маҷлиси судӣ сабт гардидаанд, асоснок карда мешавад.

Ин ҳолатҳо бори дигар аз прокуророн тақозо менамояд, ки ҷараёни рафти мурофиаи судиро ҳамчун навиштаҷот қайд намоянд.

Дар баробари ин, прокуроронро зарур аст, ки бо риояи талаботи моддаҳои 36, 279 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар инҷо зарурияти пурра аз худ кардани талаботи ин моддаҳо ба айбдоркунандаи давлатӣ ҳатмӣ мебошад) дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо маҳорати баланди касбӣ ва маданияти шахсӣ фаъолона иштирок намуда, аз ҳуқуқу вазифаҳои мурофиавии худ устокорона истифода намуда, ба айби эълоншуда ҳаматарафа баҳои ҳуқуқӣ дода, баҳри ба амалбарории адолати судӣ мусоидат намоянд.

4. Пешниҳоди эътироз аз ҷониби прокурор.

Баъди ба охир расидани мурофиаи судӣ ва қабул шудани санади суд (ҳукм, таъинот) бо парвандаи ҷиноятӣ прокурор вазифадор аст, ки дар мӯҳлати кассатсионӣ қарорҳои судиро мавриди омӯзиш қарор дода, дар сурати ғайриқонунӣ будани онҳо сари вақт бе гузаронидани мӯҳлати кассатсионӣ тавассути пешниҳод намудани эътирозҳои хусусию кассатсионӣ чораҷӯӣ намоянд.

Дар эътироз нисбати санади судие, ки бо он прокурор розӣ нест, бояд қонуни мурофиавиро ба роҳбарӣ гирифта, ваҷҳҳои асосноку боэътимодро нишон диҳад.

Эътирози хусусӣ ва кассатсионии прокурор бар замми асоснок ва дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешниҳод шуданаш, бояд ҷавобгӯи талаботи моддаҳои 357, 358, 363 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

Прокурор дар эътирози худ бояд он асосҳоеро дарҷ намояд, ки бо онҳо қарорҳои судиро нодуруст меҳисобад.

Дар сурати барои гузаштани мӯҳлат аз ҷониби суд, судя баргардонидани эътироз прокурор мутобиқи талаботи моддаи 360 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барқарор намудани мӯҳлати мурофиавӣ бояд ба суд дархост пешниҳод намояд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар суди марҳилаи кассатсионӣ низ дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ мутобиқи қонунгузории мурофиавӣ иштироки прокурор ҳатмӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, прокурори дар суди марҳилаи кассатсионӣ иштироккунандаро зарур аст, ки маводҳои парвандаи ҷиноятиро ба пуррагӣ омӯхта, нисбати шикояту эътирозҳои кассатсионию хусусии пешниҳодшуда, хулосаи асоснок баён намуда, ҳангоми ибрози хулоса ба ҳар як ваҷҳи дар шикоят ва ё эътироз овардашуда, баҳои дурусти ҳуқуқӣ диҳад.

Агар эътироз беасос оварда шуда бошад, прокурори салоҳиятдор вазифадор аст, ба таври дахлдор масъалаи бозхонди онро баррасӣ намояд.

Дар сурати рад шудани эътирози кассатсионию хусусӣ прокурор дар доираи ваколати худ метавонад ба тариқи назоратӣ эътироз баён намояд ва ё бо пешниҳод оиди овардани эътирози назоратӣ ба прокурори болоӣ муроҷиат намояд.

Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони ӯ, прокурори ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон ба санадҳои суд, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, дар доираи салоҳияташон метавонанд, эътироз баён намоянд.

Тартиби пешниҳод намудани эътирози назоратӣ ва мӯҳтавои он бояд ҷавобгӯи талаботи моддаҳои дахлдори боби 42 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (Пешбурд дар суди марҳилаи назоратӣ) бошад.

Дар судҳои марҳилаи назоратӣ, яъне дар ҷаласаҳои Раёсати Суди Олӣ, коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, ки парвандаҳоро ба тариқи назоратӣ баррасӣ менамоянд, иштироки прокурор ҳатмӣ мебошад.

Барои иштирок дар ҷаласаи суди назоратӣ прокурор бояд пешакӣ тайёрии ҳаматарафа дида, дар кори ҷаласа соҳибкасбии худро нишон дода, дар доираи қонунгузории ҷорӣ ба суд хулосаи асоснок пешниҳод намояд.

Ҳангоми омӯзиши маводи парвандаи ҷиноятӣ ба тариқи назоратӣ прокурор бояд санадҳои судҳои марҳилаҳои якум ва кассатсиониро оиди дуруст банду баст шудани кирдори маҳкумшудагон, асоснокии таъини низоми адои ҷазо, дуруст татбиқ намудани

қонуни ҷиноятӣ диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, нисбати ҳар як қарори беасос ва ғайриқонунӣ дар доираи пешбининамудаи қонун, чораандешӣ намояд.

Ҳамин тариқ, прокурор вазифадор аст, ки дар доираи ваколатҳои худ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи судии ҷиноятӣ баҳри ҳимояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, барқароркунии адолати судӣ саҳмгузор бошад.

Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

"ТАСДИҚ МЕКУНАМ"

Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3

_ _____Салимзода Ш.О.

" 12 " апрели соли 2010

ДАСТУРАМАЛ

оид ба тарзу усулҳои санҷиши ҳолати риояву иҷрои талаботи қонунгузорӣ ойиди ҳифзи меҳнат

Ҳифзи меҳнат маҷмӯи чорабинӣ ва воситаҳои чорабинӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ, техникӣ-гигиенӣ, муолиҷавӣ ва пешгирикунандае мебошад, ки бехатарӣ, ҳифзи саломатӣ ва қобилияти кории инсонро дар ҷараёни меҳнат таъмин менамояд.

Тибқи моддаи 35 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳақ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад. Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад. Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст.

Мувофиқи муқаррароти моддаи 144 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо шароити меҳнат ба талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ бояд ҷавобгӯ ва муҳайё кардани он вазифаи корфармо мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи меҳнат" ҷавобгарии пурраи корфарморо барои таъмини шароити солим ва бехатарии меҳнат, тартиб ва назорати тафтиши ҳатмии ҳар як ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот ва бемории касбӣ, имтиёзҳо ва ҷуброн барои кор дар шароити хатарнок ё зараровари меҳнат, ҳифзи иҷтимоии кормандон, ҷуброни пурраи зарар ба шахсони аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ зарардида муқаррар намудааст.

Таҳлилҳои оморӣ ва маълумотҳои мавҷуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки солҳои охир ҳолати иҷрои қонунгузории амалкунанда дар бораи ҳифзи меҳнат то андозае аз мадди назорат дур монда, боиси дар ин соҳа содиршавии қонунвайронкуниҳои зиёд, аз қабили риоя нагаштани қоидаҳои бехатарии меҳнат, рух додани ҳодисаҳои нохуш ва дигар қонунвайронкуниҳо дар корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо гардида, ба поймол шудани ҳуқуқҳои кормандон оварда расонидааст.

Аз ҳамин лиҳоз, назорати иҷрои қонунгузорӣ оиди ҳифзи меҳнат яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти прокуратура эътироф гардида, бояд ба он муваффақ гашт, ки аз тарафи корфармоён риояи дақиқи талаботи қонунгузории амалкунанда, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон равона карда шудааст, таъмин карда шавад.

Ҳолати иҷрои қонунгузории номбурда дар ҳамаи корхонаву ташкилотҳо ва муасси-

саҳо, новобаста аз шакли фаъолияту моликияташон ба таври мукаммал мавриди санҷиш қарор дода, дар рафти он ба масъалаҳои зерин эътибори ҷиддӣ дода шавад:

1. Риояи талаботи қонунгузорӣ оиди таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии кормандон барои ҳифзи меҳнат ва ҳифзи саломатӣ дар корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз тобеияту шакли моликият, мавҷудияти дастурамал ё дигар санадҳои меъёрӣ оиди риояи қоидаҳои бехатарии меҳнат ва ҳолати иҷрои онҳо.

Барои муайян кардани ҳолати мазкур дастурамал ё дигар санадҳои меъёрӣ оиди риояи қоидаҳои бехатарии меҳнат қабулгардида талаб ва омӯхта, ба ҳолати иҷрои онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода шавад. Чунки аз ҷониби вазорату идораҳо ва дигар ташкилотҳо вобаста ба риояи қоидаҳои бехатарии меҳнат санадҳои зиёди меъёрӣ дар шакли дастур, дастурамал, низомнома, шартномаи коллективӣ, қоида, фармон қабул ва тасдиқ гардида, ба зиммаи ҳар як корманд вазифаҳои мушаххас гузошта бошанд ҳам, дар аксар мавридҳо иҷрои воқеии талаботи ин санадҳо амалӣ карда намешаванд.

Дар аксарияти корхонаву ташкилотҳо шартномаҳои коллективӣ хусусияти қалбакию рӯякӣ дошта, дар мақомоти меҳнат ба қайд гирифта нашудаанд, ки чунин шартномаҳо эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Дар баробари ин, дар баъзе коллективҳои меҳнатӣ умуман ба танзими шартномавии муносибатҳои меҳнатӣ то ҳол замина гузошта нашуда, масъулин аҳамияту зарурати бастани шартномаҳои коллективиро ҳанӯз дарк накардаанд.

Аз ин рӯ, ҳар як банди ин аснодро дар алоҳидагӣ таҳлил ва муайян кардан зарур аст, ки талаботи ин бандҳо аз тарафи шахсони масъул воқеан иҷро мегарданд ё не.

2. Риояи талаботи Қонун дар самти таъсиси хадамот, кумитаҳо (комиссияҳо) оид ба ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо.

Тибқи талаботи моддаҳои 16, 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи меҳнат" ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон ташкил намудани Хадамоти ҳифзи меҳнат ва Кумитаҳо (комиссияҳо) оид ба ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо пешбинӣ гардидааст. Аммо дар аксарияти мавридҳо аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо талаботи мазкур риоя ва иҷро карда намешавад. Барои ошкор кардани чунин қонунвайронкунӣ низомномаи намунавии хадамоти ҳифзи меҳнат дар ташкилот, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат тасдиқ карда шудааст, талаб карда, дар як вақт ба ҳолати иҷрои вазифаҳои ба зиммаи хадамот ва кумитаҳо гузошташуда аҳамият дода шавад.

3. Поймол кардани ҳуқуқи корманд оид ба гирифтани маълумот дар бораи ҳифзи меҳнат.

Мутобиқи талаботи моддаҳои 145 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи меҳнат" корфармо вазифадор аст, ки дар вақти бастани шартномаи меҳнатӣ ба корманд дар бораи шароити меҳнат, аз ҷумла имтиёз ва ҷуброни шароити меҳнати хатарнок ва зараровар, воситаҳои муҳофизати инфиродӣ, имкони сар задани бемориҳои касбӣ маълумот дода, онро дар шартномаи (қарордоди) меҳнатии басташуда дарҷ намояд.

Аз ҳамин лиҳоз, барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ бояд пеш аз ҳама шартномаҳои меҳнатии байни корфармо ва кормандон басташуда талаб карда, ҳангоми

омӯзиш диққати асосӣ ба ҳар як банди шартнома ва дар он дарҷ гардидани маълумотҳои зикргардида дода шавад.

4. Ғайриқонунӣ аз муоинаи тиббӣ нагузаронидани кормандон.

Кормандоне, ки шароити корашон вазнин, зарарнок ва ё хатарнок аст, аз ҷумла, дар зери замин ва шабона, ҳамчунин дар воситаҳои нақлиёт кор мекунанд, ба мақсади муайян кардани мутобиқати кори иҷрошаванда ба саломатии онҳо ва пешгирии бемориҳои касбӣ ба таври ройгон аз ҷониби корфармо, инчунин кормандоне, ки дар саноати хӯрокворӣ, соҳаи хӯроки умумӣ, савдо ва дигар соҳаҳое, ки бевосита бо адои хизмати аҳолӣ машғуланд, бо мақсади ҳифзи саломатии аҳолӣ, пешгирӣ аз пайдоиш ва паҳншавии бемориҳо аз муоинаи тиббӣ мегузаранд. Дар корҳои шароиташон махсусан хатарнок низ кормандон пеш аз оғози кор аз муоинаи тиббӣ гузаронида мешаванд. Вале баръакси талаботи мазкур на ҳамаи корфармоён ҷиҳати аз муоинаи саривақтии тиббӣ гузаронидани кормандон мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, барои муайян кардани чунин ҳолатҳо, дафтарчаҳои тиббии кормандон мавриди омӯзиш қарор дода, ба таври воқеӣ аз муоинаи тиббии пешакӣ ва даврӣ гузаронида шудани кормандон аниқ карда шавад.

5. Муқаррар накардани имтиёзот ва ҷубронҳо барои кормандоне, ки шароити корашон зарарнок аст.

Моддаҳои 147 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи меҳнат" додани имтиёз ва ҷубронҳоро барои кормандоне, ки шароити корашон зарарнок аст, пешбинӣ намудаанд, ки мувофиқи он дар корҳои шароиташон зарарнок ба кормандон мувофиқи меъёрҳои муқарраргардида бепул шир ё дигар маҳсулоти ба он баробар дода мешавад.

Меъёрҳои додани шир ё дигар маҳсулоти ба он баробар, тартиби додани онҳо, номгӯи моддаҳои химиявие, ки ҳангоми кор кардан бо онҳо ба мақсадҳои профилактикӣ истеъмоли шир ё дигар маҳсулоти ба он баробар тавсия мешавад, бо санади меъёрӣ муқаррар мегарданд. Дар корҳои шароиташон махсусан хатарнок мувофиқи меъёрҳои муқарраршуда бепул хӯроки табобатию профилактикӣ дода мешавад. Кормандоне, ки дар корҳои бо шароити меҳнати хатарнок ё зараровар машғуланд, ба таъминоти ройгони хӯроки табобатию профилактикӣ ва дигар маводи озуқаворию мувофиқ, рӯзи кӯтоҳи корӣ, рухсатии иловагии меҳнатии пардохтшаванда ва дигар имтиёзҳову ҷубронҳо ҳуқуқ доранд. Ба ғайр аз ин, корфармо ӯҳдадор аст ба корманд ба ғайр аз ин имтиёзоту ҷубронҳо дигар имтиёзоту ҷубронҳои пешбиникардаи қонунҳоро диҳад.

Барои ошкор кардани қонунвайронкунӣ дар ин самт аз корхонаву ташкилотҳои мавриди санҷиш қароргирифта ҳуҷҷатҳои қабул ва хароҷоти маҳсулоти ба кормандон ҳамчун имтиёз додашуда, рӯйхати кормандоне, ки аз чунин имтиёзҳо барҳӯрдор шудаанд, талаб карда, дар як вақт ба риоя гардидани реҷаи додани маҳсулот ва миқдори он аҳамият дода шавад. Ҳамчунин, бо ҷалби мутахассисон сифатнокӣ ва мӯҳлати истеъмоли маҳсулоти ба кормандон додашаванда ташхис карда, ба таври санҷиши мутақобила бо баъзе кормандон аниқ карда шавад, ки оё дар ҳақиқат чунин имтиёзҳо ба онҳо дода шудааст ё не?

Дар мавриди риоя гардидани талабот оиди дигар имтиёзҳои ба кормандон пешбинишуда, аз қабили рӯзи кӯтоҳи корӣ, рухсатии иловагии пардохташаванда бошад, реҷаи кории корхонаҳои дорои шароити зарарноки меҳнатро санҷида, муайян карда шавад,

ки риояи талаботи моддаи 62 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Давомнокии кӯтоҳи вақти кор барои кормандоне, ки бо корҳои дорои шароити зарарноки меҳнат машғуланд) дар кадом сатҳ қарор дорад. Зеро тибқи талаботи моддаи мазкур давомнокии кӯтоҳи вақти кор на зиёда аз 35 соат дар як ҳафта барои кормандоне, ки дар ҷараёни меҳнат ба таъсири барои саломатӣ зарарноки омилҳои физикӣ, химиявӣ, биологӣ ва дигар омилҳои истеҳсолӣ дучор мешаванд, муқаррар карда мешавад. Инчунин, мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №521 аз 31 декабри соли 2002 номгӯи истеҳсолот, сеҳҳо, корҳо, касбу вазифаҳое, ки шароити меҳнати зарарнок ва вазнини кор дар онҳо барои рӯзи кӯтоҳи кор ва рухсатии иловагии ҳарсола ҳуқуқ медиҳад, тасдиқ гардида, тибқи замимаҳои қарори мазкур давомнокии рухсатии иловагӣ ва вақти кӯтоҳи кори ҳар як гурӯҳи чунин кормандон дар алоҳидагӣ нишон дода шудааст.

Бинобар ҳамин, ҳолати додани рухсатиҳои иловагии пардохташаванда ва рӯзи кутоҳи кориро дар ин корхонаҳо баррасӣ намуда, фармонҳои маъмурияти корхонаро оиди додани рухсатӣ ва муроҷиатҳои кормандонро оиди гирифтани рухсатиҳои иловагӣ омӯхта, ба ҳалли ниҳоии онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода, дар як вақт муайян карда шавад, ки рухсатиҳои иловагии додашуда ва рӯзҳои кӯтоҳи кории муқарраркардаи маъмурияти ин гуна корхонаҳо ба талаботи қарори зикршудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунанд ё не?

Бо ҳамин тарз, ҳолати иҷрои талаботи моддаи 63 Кодекси мазкурро, ки барои гурӯҳи алоҳидаи кормандон (духтурон, муаллимон ва дигарон), ки кори онҳо бо шиддати баланди эҳсосотӣ, зеҳнӣ, асабӣ алоқаманд буда, давомнокии вақти корашон дар як ҳафта на бештар аз 35 соат муқаррар карда мешавад, мавриди санҷиш қарор дода шавад.

6. Таъмин накардани кормандон бо либоси махсус ва дигар воситаҳои ҳифозати фардӣ ва гигиенӣ.

Корфармо вазифадор аст ба кормандоне, ки бо корҳои шароиташон зарарнок ва хатарнок, ҳамчунин дар шароити номусоиди ҳароратӣ ё бо ифлосӣ вобаста машғуланд, мувофиқи меъёрҳои муқарраршуда бепул либосу пойафзоли махсус ва дигар воситаҳои ҳифозати фардӣ ва гигиенӣ диҳад. Либосу пойафзоли махсус ва дигар воситаҳои ҳифозати фардии ба кормандон додашуда аз тарафи корфармо нигоҳдорӣ, шустушӯй, дезинфексия, дезактиватсия ва таъмир карда мешаванд.

Аммо ҳолатҳое ҷой доранд, ки корфармоён бархилофи талаботи мазкур кормандонро бо либосу пойафзоли махсус ва дигар воситаҳои муҳофизатӣ таъмин намекунанд ва кормандон бо либосҳои оддӣ ё бо пули худ харидаашон ба кор мебароянд. Корфармо бошад, дар ин ҳолат низ, ба корманд харочоти харидории воситаҳои мазкурро ҷуброн намекунад, ки чунин амал ғайриқонунӣ мебошад.

Барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ пеш аз ҳама бо ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ шинос шуда, муайян кардан зарур аст, ки барои харидорӣ кардани либоси махсус ва дигар ҷиҳози кормандон маблағ пешбинӣ шудааст ё не? Дар сурати ҷудо гардидани маблағ сарфи мақсадноки онҳоро санҷида, оиди ин ҳолат бо кормандон сӯҳбат гузаронида шавад. Зеро дар бештари мавридҳо гарчанде аз ҷониби корфармоён бо мақсади харидани либоси махсус ва дигар таҷҳизоти зарурӣ ба кормандон маблағҳои зиёд пешбинӣ карда шаванд ҳам, аммо ин маблағҳо на ҳама вақт мувофиқи мақсад истифода бурда мешаванд ва дар баъзе ҳолатҳо маблағҳои мазкур аз ҷониби шахсони алоҳида азонихуд карда мешаванд. Дар баробари ин, ба сифат, талабот ва шароити кори корхона

ҷавобгӯ будани либоси махсус ва дигар воситаҳои ҳифозати фардӣ ва гигиении ба кормандон додашуда, ҷойи нигоҳдорӣ, тартиби шустушӯй, дезинфексия кардани онҳо аҳамияти зарурӣ дода шавад.

7. Ҳолатҳои ба кор роҳ додани шахсоне, ки тибқи тартиби муқарраргардида аз таълим, дастурдиҳӣ, таҷрибаомӯзӣ ва санҷиши донишҳо оид ба талаботи ҳифзи меҳнат нагузаштаанд.

Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи меҳнат" ба кор иҷозат додани шахсоне манъ аст, ки омодагии зарурии касбӣ надошта, мувофиқи тартиби муқарраршуда аз омӯзиш ва аттестатсия оиди муҳофизати меҳнат нагузаштаанд. Барои ҳамаи шахсони нав ба кор шурӯънамуда, инчунин кормандоне, ки ба кори дигар гузаронида мешаванд, маъмурияти корхона, ташкилот вазифадор аст, ки оид ба масъалаҳои муҳофизати меҳнат ва техникаи бехатарӣ, яъне бехатар иҷро кардани кор дастурамал гузаронида, омӯзиши бехатарии онҳоро дар ҷойҳои корашон ташкил намоянд. Барои ошкор кардани ҷой доштани ҳолатҳои ғайриқонунӣ, бидуни тартиби муқарраргардида ба кор ҷалб намудани кормандон, пеш аз ҳама аз шӯъбаи кадрҳо варақаи назоратии "техникаи бехатарӣ", пешниҳодҳои маъмурияти корхона барои гузаштани дастури аввалин ва дастур дар ҷойи кор ба корманд омӯхта шавад. Ҳамзамон, ба талабот ҷавобгӯ будани омӯзишҳои касбӣ, ба таври шогирдӣ, дастурҳои коргарӣ ва барномаҳои барои ба омӯзиш фаро гирифтани кормандон қабулшуда баррасӣ карда шавад.

8. Қонунвайронкуниҳо оид ба суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот, бемориҳои касбӣ ё дигар сабабҳои носолимии вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ фаро нагирифтани кормандон.

Яке аз қонунвайронкуниҳое, ки дар муносибатҳои байни корфармо ва корманд ҷой дорад, ин ба суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот, бемориҳои касбӣ ё дигар сабабҳои носолимии вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ фаро нагирифтани корманд мебошад. Ҳол он ки, тибқи талаботи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ" ва "Дар бораи ҳифзи меҳнат" суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ҳатмӣ буда, ҳамаи кормандон аз ҷониби корфармо тибқи тартиб ва шартҳое, ки дар қонунгузорӣ ва шартномаи коллективӣ пешбинӣ гардидаанд, ба суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ ё дигар сабабҳои носолимии вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ бояд фаро гирифта шаванд. Барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ бояд рӯйхати кормандон талаб карда, шартномаҳои суғуртаи бо онҳо басташуда мавриди омӯзиш қарор дода, дар як вақт иҷрои талаботи суғуртавӣ, аз қабили пардохти ҳаққи суғурта ва дигар ҳолатҳо санҷида шаванд. Инчунин, дар ҳамин маврид муайян карда шавад, ки ҳамаи кормандон ба суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ фаро гирифта шудаанд ё не?

9. Ҷуброн накардани зарари дар истеҳсолот ба саломатии корманд расонидашуда.

Тибқи муқаррароти моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи меҳнат" корманде, ки маъюбӣ, бемории касбӣ ё дигар иллати саломатии ба фаъолияти меҳнатӣ алоқамандбударо гирифтааст, (инчунин аъзои оилаи ҷабрдида дар ҳолати фавти ӯ) ба гирифтани ҷуброни зарари расида ҳуқуқ дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд,

ки дар аксарияти ҳолатҳо корфармоён бархилофи талаботи мазкур зарари дар истеҳсолот ба саломатии корманд расидаро ҷуброн накарда, ба поймол гардидани ҳуқуқҳои кормандон мусоидат мекунанд.

Барои муайян кардани ин ҳолат аз хадамот ва кумитаҳо оиди ҳифзи меҳнат, иттифоқҳои касаба ва маъмурияти ташкилот маълумотҳоро оид ба рух додани ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот талаб карда, (санади шакли "Н-1") мавҷуд будани хулосаҳои дахлдори нозирони меҳнатӣ бояд аниқ карда шаванд. Дар баъзе ҳолатҳо ҳодисаҳои рухдода бе ҷалби мутахассисон ва гирифтани хулосаҳои дахлдор баррасӣ карда мешаванд, ки дар ин маврид нисбати ашхоси гунаҳкор чорабинӣ кардан зарур аст. Инчунин ҷиҳати муайян намудани асоснокии хулосаҳои мавҷудбуда зарур аст, ки баёноти ҷабрдида ва дигар шоҳидони ҳодиса гирифта, дар сурати ҷой доштани зарурият ҷои рух додани ҳодиса аз назар гузаронида, шахсони гунаҳкор муайян карда шаванд. Дар ҳамин раванд ба масъалаи ҷуброни зарари ба саломатии корманд расида аҳамияти махсус дода, сабабҳои напардохтани он аниқ карда шавад.

10. Риоя накардани талаботи қонунгузорӣ вобаста ба низоми меҳнат ва истироҳати кормандон.

Қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон як қатор имтиёзҳо, аз қабили танаффусҳо дар вақти корӣ, рӯзҳои истироҳат, рӯзҳои ид ва рухсатиҳо пешбинӣ карда, дар рӯзҳои истироҳатӣ ба кор ҷалб намудани кормандонро манъ намудааст. Инчунин давомнокии мӯътадили вақти кор дар ташкилотҳо дар як ҳафта на бештар аз 40 соат муқаррар карда шудааст. Аммо ҳолатҳое ҷой доранд, ки корфармоён бо дағалона вайрон намудани талаботи мазкур аз вақти муқарраршуда зиёд кормандонро ба кор ҷалб намуда, дар баъзе маврид кормандон ҳатто дар рӯзҳои истироҳат ва ид низ, ба кор фаро гирифта мешаванд. Дар баробари ин, дар ташкилоту корхонаҳо ҳолатҳои бе асосҳои кофӣ кормандонро аз рухсатиҳои меҳнатӣ ба кор бозхонд намудан ва дар оянда давраи боқимондаи рухсатиро ҷуброн накардан ва дигар қонунвайронкуниҳои хислатноки соҳа ба таври васеъ доман паҳн кардааст. Аз ин рӯ, баҳри пешгирӣ ва бартараф намудани чунин қонунвайронкуниҳо танҳо ба муроҷиатҳои аз ҷониби кормандон оиди поймол шудани ҳуқуқҳои меҳнатиашон воридшуда маҳдуд нашуда, дар ҳудудҳои зериназоратӣ масъалаи мазкурро мунтазам мавриди санҷиш қарор додан зарур аст.

11. Риоя накардани ӯҳдадориҳо оиди таъмин намудани кормандон бо хизматрасонии санитарию маишӣ ва муолиҷавию профилактикӣ.

Мувофиқи муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон корфармо вазифадор гардидааст, ки вобаста ба навъи фаъолияти ташкилот ва бо назардошти талаботи кормандон онҳоро бо оби нӯшиданӣ ва хӯрок таъмин намуда, дар ташкилот утоқҳои санитарию маишӣ, ҷои либоскашӣ, оббозӣ, утоқҳои махсус (ҷойҳои махсус барои рафъи хастагии зиёди ҷисмонӣ ва рӯҳӣ), утоқи гигиенаи шахсӣ барои занҳо, нуқтаҳои ёрии аввалияи тиббиро дар мавриди фалокат ва ё бемор шудани кас дар ҷои кор, муҷаҳҳаз созад. Бинобар ҳамин, дар рафти санҷиш ба ин масъала низ, диққат дода, муҳайё кардани шароитҳои зарурӣ барои кормандон талаб карда шавад.

12. Риояи талабот дар самти ҳифзи меҳнати занон.

Оиди кафолатҳои иловагии меҳнати занон дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии

Тоҷикистон боби махсус (боби 12) бахшида шудааст.

Мувофиқи моддаи 159 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор қабул накардани занон ва кам кардани музди меҳнати онҳо бо сабаби ҳомиладорӣ ё фарзанддории онҳо манъ аст. Ҳангоми ба кор қабул накардани зани ҳомила ё зане, ки тифли то сесола дорад ва модарони яккаву танҳо, ки фарзандони то 14 сола (фарзанди маъюби то 16 сола) доранд, корфармо вазифадор аст, ки сабабҳои ба кор қабул накарданашро ба таври хаттӣ хабар диҳад.

Корфармо вазифадор аст занонеро, ки хадамоти шуғли аҳолӣ бо мақсади ба кор таъмин кардани онҳо мефиристад, ба ҳисоби квотаи муқарраршуда ба кор қабул намояд. Талаботи зикргардидаи қонун танҳо дар доираи асосии ҳомиладорӣ ва фарзанддории зан, ки сабаби ба кор қабул накардани онҳо шудаанд, амал менамояд.

Вазифаҳое ҳастанд, ки маълумоти муайяни касбӣ, собиқаи муайяни кории касбӣ ва монанди онро талаб менамоянд. Дар ҳолати ҷой доштани чунин асосҳо ва ба талаботҳо ҷавобгӯ набудани занони дар боло зикргардида табиист, ки беасос ба кор қабул накардани онҳо ҷой надорад. Пас, дар ин мавриди татбиқи талаботи қисми 1 моддаи 159 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз имкон берун аст.

Дар баробари ин, мувофиқи талаботи қисми 4 моддаи 35 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити мехнаташон зарарнок истифодаи мехнати занон манъ карда шудааст. Чунин ҳуқуқи конститутсионии занҳоро моддаи 160 Кодекси мехнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровардааст. Аз ҷумла, дар моддаи мазкур омадааст, ки занонро дар корҳои зеризаминӣ, дар корҳои вазнин ва корҳои шароиташон зарарнок, ҳамчунин дар корҳои борбардорию боркашии дастӣ аз меъёри барои онҳо қабулшуда зиёд кор фармудан манъ аст.

Кафолати иловагии дигаре, ки қонунгузор барои занҳо муқаррар кардааст, ин мутобиқи талаботи моддаи 161 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ будани ба корҳои шабона ҷалб кардани занон, ба истиснои он соҳаи хоҷагии халқ, ки хеле зарур аст, мебошад.

Ҳангоми ташкили корҳои наздикихтисос ба заноне, ки кӯдакони то 14 сола доранд, бо назардошти имконияти истеҳсолот имтиёз дода мешавад то ки онҳо рӯзона кор кунанд.

Баъзе роҳбарони корхонаву муассисаҳо занонро ба корҳои шабона, рӯзхои истироҳату ид ҷалб карда, ғайриқонунӣ ба сафарҳои хизматӣ мефиристанд. Ҳол он ки, тибқи талаботи моддаи 162 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корҳои шабона, изофакориҳо ва ба корҳои рӯзҳои истироҳату ид ҷалб кардан, ба сафари хизматӣ фиристонидани занони ҳомила ва заноне, ки тифли то сесола доранд, иҷозат дода намешавад.

Занони фарзандонашон аз 3 то 14 сола (фарзандони маъюбашон то 16 сола)-ро танҳо бо розигии худашон ба изофакориҳо ҷалб кардан ё ба сафари хизматӣ фиристонидан мумкин аст.

Пас дар мавриди иҷро накардани амри корфармо аз тарафи занҳои дар қисми якуми моддаи номбурда нишон додашуда, нисбати онҳо муҷозоти интизомӣ татбиқ намегардад.

Моддаи 163 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон корфарморо ӯҳдадор мекунад, ки занони ҳомила ва ё заноне, ки тифли то якунимсола доранд, ба кори сабуктар гузаронад.

Меъёри коркард, меъёри хизматрасонии занони ҳомила мутобиқи хулосаи тиббӣ кам карда мешавад ё онҳо ба кори сабуктари бе омилҳои номусоиди истеҳсолӣ гузаронида, моҳонаи миёнаашон аз рӯи кори пешинаашон дода мешавад.

То ҳалли масъалаи гузаронидани зани ҳомила ба кори дигари сабуктари бе оми-

лҳои номусоиди истеҳсолӣ ӯ бояд аз кор озод карда, моҳонаи миёнааш барои тамоми рӯзҳои корӣ бо ин сабаб кор накарданаш дода шавад.

Мувофиқи моддаи 164 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба занони ҳомила пеш аз таваллуд ҳафтод (дар ҳолати таваллуди мушкил ҳаштоду шаш ва таваллуди ду ва ё зиёда тифл як саду даҳ) рӯзи тақвимӣ ва баъди таваллуд ҳам ҳафтод рӯзи тақвимӣ рухсатӣ дода, барояшон кӯмакпулӣ аз рӯи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ пардохта мешавад.

Барои корфармо варақаи корношоямӣ, ки аз ҷониби муассисаи тиббӣ навишта шудааст, асоси додани чунин рухсатӣ мегардад.

Бо хоҳиши зан ҳамчунин барои нигоҳубини тифл то ба синни сесола расиданаш рухсатии бепули иловагӣ дода мешавад. Дар ин давра ҷои кор нигоҳ дошта мешавад.

Инчунин, қонунгузор дар моддаи 167 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба заноне, ки кӯдаки то якунимсола доранд, ба ғайр аз танаффус барои истироҳат ва хӯрокхӯрӣ барои маконидани кӯдакашон танаффуси иловагӣ муқаррар намудааст.

Ин гуна танаффусҳо камаш баъди ҳар се соат ва ба муддати на камтар аз сӣ дақиқа барои ҳар як танаффус дода мешаванд. Ҳангоми ду ё зиёда аз ин будани кӯдаки то якунимсола муддати танаффус на камтар аз як соат муқаррар карда мешавад.

Имтиёзҳои дигаре, ки қонунгузор барои занон муқаррар кардааст (моддаи 170 Кодекси меҳнат) ин ба заноне, ки ду ва зиёда фарзанди то чордаҳсола ва ё фарзанди маъюби то шонздаҳсола доранд, инчунин ба модарони яккаву танҳое, ки фарзанди то чордаҳсола доранд, рухсатии ҳарсола бо хоҳиши онҳо дар фасли тобистон ё дигар вақти барояшон мувофиқ дода мешавад.

Барои ошкор кардани қонунвайронкуниҳо дар ин самт, бояд фармонҳои корфармо дар хусуси ба кор қабул ва ба кори дигар гузаронидани корманд, фармонҳо оиди рухсатии меҳнатӣ, рухсатии даврaи то таваллуд ва баъди таваллуд, варақаҳои пардохти музди меҳнат, ҷубронпулӣ, варақаҳои корношоямии муваққатӣ ва китоби бақайдгирии аризаҳо мавриди омӯзиш қарор дода шаванд.

13. Риояи талабот дар самти ҳифзи меҳнати ҷавонон ва маъюбон.

Имтиёзҳои меҳнатии ноболиғон барои ҳифзи организми аз ҷиҳати физикӣ ва рӯҳию маънавӣ мустаҳкамнашудаи онҳо аз зарари истеҳсолӣ равона шудааст. Мутобиқи талаботи моддаи 174 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони аз понздаҳсола хурд ба кор қабул карда намешаванд. Ғайр аз ин, моддаи мазкур мавриди ба кор қабул кардан муоинаи ҳатмии тиббиро муқаррар намуда, ба кор қабул кардани шахсони аз 18-сола хурдро бе муоинаи тиббӣ манъ кардааст. Муоинаи ҳатмии тиббии чунин шахсон бо мақсади муайян намудани коршоямӣ, ҳолати саломатии ноболиғон, ки қабулашон дар назар аст, гузаронида мешавад.

Ҳамаи шаҳрвандон дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ баробаранд (моддаи 7 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон). Модаи 176 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, барои роҳ надодан ба маҳдудсозии ҳуқуқҳои ашхоси аз ҳаждаҳсола хурд нигаронида шудааст. Аз рӯи қоидаи умумӣ ноболиғон дар муносибатҳои ҳукуқи меҳнатӣ баробаранд. Яъне онҳо дорои ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои баробар мебошанд. Вале ноболиғон дар ҳолатҳои муқаррар кардаи қонун, дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дорои имтиёзҳои муайян мебошанд. Моддаҳои 176-183 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои муайянеро номбар кардаанд, ба монанди, ҳифзи меҳнат вақти кор, музди меҳнат, рухсатиҳо ва ғайра, ки ноболиғон аз имтиёзоти дар ин соҳа мавҷуд буда истифода мебаранд.

Ба корҳои вазнин, корҳои шароиташон зарарноку хатарнок, корҳои зеризаминӣ ва корҳое, ки ба саломатӣ ва рушди маънавии ноболиғон зиён расониданаш мумкин аст, ҷалб намудани ноболиғон манъ аст.

Инчунин, тибқи талаботи моддаи 178 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон давомнокии вақти кори кормандони синни аз понздаҳ то ҳаждаҳсола ҳафтае на зиёда аз сиюпанҷ соат ва ашхоси аз чордаҳ то понздаҳсола ҳафтае на зиёда аз бисту чор соат муқаррар карда мешавад.

Музди кори кормандони аз ҳаждаҳсола хурде, ки муддати кори ҳаррӯзаашон кӯтоҳ аст, ба андозаи музди меҳнати кормандони категорияҳои дахлдори муддати кори ҳаррӯзаашон пурра дода мешавад.

Ҳамчунин, ба ба кормандони аз ҳаждаҳсола хурд ҳар сол на камтар аз сӣ рӯзи тақвимӣ рухсатии пулакии меҳнатӣ дар фасли тобистон ё ҳар вақти дигари барои онҳо мувофиқ дода мешавад.

Аз кор озодкунии ноболиғон танҳо дар сурати розигии мақомоти маҳаллии меҳнат, шуғли аҳолӣ ва комиссияи кор бо ноболиғи ҳукумати шаҳру ноҳия сурат мегирад.

Масалан, агар коргари аз ҳаждаҳсола хурд бо сабаби ихтисори штат, шумора аз кор озод шавад, (банди 1 моддаи 146 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои аз кор озодкунии ӯ розигии се мақомот, яъне розигии иттифоқи касабаи корхона, мақомоти маҳаллии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва комиссияи кор бо ноболиғони ноҳия талаб карда мешавад.

Бокортаъминкунии коркунони маъюбшуда мутобиқи барномаи офияти фардии ба маъюбони гурӯҳи 1,2,3 додашуда, чун қоида аз ҷониби роҳбари ташкилоте, ки дар он корманд қисман қобилияти меҳнатии худро аз даст додааст, ба амал бароварда мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани шароит барои давом додани кор дар ин ташкилот, мусоидат намудан ҷиҳати бокортаъминкунии маъюбон ба зиммаи мақомоти дахлдори шуғли аҳолӣ гузошта мешавад.

Мувофиқи талаботи моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо мақсади таъмини шуғлмандии маъюбон барои тамоми ташкилотҳои шумораи кормандонашон на камтар аз 20 нафар квота дар ҳаҷми 3 фоизи шумораи умумии кормандони ташкилот пешбинӣ шудааст.

Бокортаъминкунии самараноки маъюбон мутобиқи барномаи офияти фардӣ, ки аз ҷониби Комиссияи ташхиси тиббии меҳнатӣ мураттаб шуда, ичроишаш ҳатмист, рӯзи нопурраи кории шашсоата ё ҳафтаи кории сисоата, бидуни кам кардани музди меҳнат муқаррар карда мешавад.

Ҳангоми санҷиши масъалаи мазкур бояд дафтарчаҳои меҳнатии кормандон, фармонҳои корфармо оиди ба кор қабул ва аз кор озод кардан, додани рухсатии меҳнатӣ, табелҳои рӯзи кории кормандон мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Муайян карда шавад, ки оё ҳангоми ба кор қабул ва аз кор озод кардани ноболиғону маъюбон он имтиёзҳои барои онҳо муқарраршуда риоя карда шудаанд ё не?

14. Риояи ӯҳдадориҳо аз ҷониби кормандон дар соҳаи ҳифзи меҳнат.

Қонунгузории амалкунанда дар баробари корфармо, инчунин, кормандро низ дар мавриди риояи меъёру қоидаҳо ва дастурамалҳои ҳифзи меҳнат ӯҳдадор намудааст. Аз ин рӯ, ба масъалаи мазкур диққати ҷиддӣ дода, ҳолати риояву иҷрои талаботи вазифаҳои ба зиммаи корманд гузошташуда низ мавриди санҷиш қарор дода шавад.

Мавриди зикр аст, ки Дастурамали мазкур танҳо қонунвайронкуниҳои хислатноки дар самти иҷрои қонунгузорӣ вобаста ба ҳифзи меҳнатро дар бар гирифта, ҳангоми

санҷиш ба миён омадани масъалаҳои дигар низ аз эҳтимол дур нест. Бинобар ҳамин, санҷишгарро зарур аст, ки танҳо ба масъалаҳои дар Дастурамал дарҷгардида маҳдуд нагардида, паҳлӯҳои дигари онро низ мавриди баррасии пурра ва ҳаматарафа қарор диҳад.

Баҳодиҳӣ ба қонунвайронкуниҳои аз натиҷаи санҷиши ҳолати иҷрои қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи меҳнат ошкоршуда

Аз натиҷаи санҷиш зимни ошкор кардани қонунвайронкуниҳо зарур аст, ки вобаста ба хусусият ва дараҷаи аҳамиятнокии кирдорҳои содиршуда баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.

Аз ҷумла, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи меҳнат (моддаи 94), беасос ба кор қабул накардан (моддаи 95), ғайриқонунӣ аз кор озод намудани корманд (моддаи 98), риоя накардани ҳуқуқи маъюбон ҳангоми ба кор қабул кардан (моддаи 108), пинҳон доштани ҳолати суғуртавӣ (моддаи 109), риоя накардани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва теникаи бехатарӣ (моддаи 133), сари вақт напардохтани музди меҳнат, нафақа, идрорпулӣ, кӯмакпулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ (моддаи 134), аз тарафи корфармо риоя накардани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат (моддаи 135), напардохтани маблағи суғурта ё ёрдампулӣ ба шахсони дар истеҳсолот ҷабрдида (моддаи 136), иҷро накардани амрномаи мақомоти давлатӣ оид ба назорати риояи қонунгузорӣ дар бораи меҳнат (моддаи 139), дидаю дониста додани маълумоти нодуруст ҳангоми таъин намудани кӯмакпулии иҷтимоии давлатӣ (моддаи 140) ҷавобгарии маъмуриро пешбинӣ намудааст.

Ба ғайр аз ин, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ оиди ҳифзи меҳнат ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст.

Чунончӣ, тибқи моддаи 153 (вайрон кардани қонунҳои меҳнат) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дидаю дониста ғайриқонунӣ аз кор озод кардани шахс, иҷро накардани қарори суд дар хусуси ба ҷои кори пештара барқарор кардан, ҳамчунин дигар ҳаракатҳои қасдан ва моҳиятан вайронкунии қонунҳои меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар ин маврид, дар сурати хусусияти ошкоро ва қасдона доштани кирдори корфармо, саркашӣ намудани ӯ аз иҷрои қарори суд оиди ба ҷои кори пештара барқарор кардани корманд зарур аст, ки ҳолати мазкур пурра ва ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор дода, ҳангоми ошкор кардани аломатҳои таркиби ҷиноят дар кирдори корфармо нисбати номбурда парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шавад. Вале агар кирдори содирнамудаи корфармо дараҷаи хавфнокиаш ба ҷамъият камтар бошад ва барои он ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шуда бошад, оиди ҳолати мазкур дар доираи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинӣ кардан зарур аст.

Инчунин, моддаи 153.1 (напардохтани музди меҳнат, нафақа, стипендия, ёрдампулӣ ё дигар пардохтҳо) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз ҷониби корфармо, роҳбари корхона, муассиса ё ташкилот, новобаста аз шакли моликияташон зиёда аз ду моҳ напардохтани музди меҳнат, нафақа, стипендия, ёрдампулӣ ё дигар пардохтҳои бо қонун муқарраргардида, агар ин кирдор бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ содир шуда бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст.

Дар ин ҳолат низ, субъекти ҷиноят корфармо ба ҳисоб рафта, оқибатҳои кирдори аз рӯи ғараз ва манфиати шахсӣ (азонихудкунии маблағҳои ба ин мақсад ҷудогардида, ғайримақсаднок истифодабарии маблағҳои музди меҳнат, нафақа, стипендия, ёрдам-

пулӣ ё дигар пардохтҳои бо қонун муқарраргардида) содиркардаи ӯ боиси поймол гардидани ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон гардидааст.

Ҳамин тавр, мувофиқи моддаи 154 (вайрон кардани қоидаҳои муҳофизати меҳнат) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вайрон кардани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ё дигар қоидаҳои ҳифзи меҳнат аз ҷониби шахсе, ки ба риоя кардани он масъул мебошад, агар он аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ ё бемории касбӣ, марги инсон гардидааст ё ба саломатии чанд нафар зарари вазнин ворид намудааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст.

Дар ин маврид ба фарорасии оқибатҳои ҳодисаи содиршуда баҳои ҳуқуқӣ дода, пеш аз ҳама муайян карда шавад, ки шахсони масъули корхона ё духтурон оиди ин ҳодиса ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар додаанд ё не? Зеро шахсони зарардида пеш аз ҳама ба духтурон мурочиат мекунанд. Инчунин, бо ҷалби мутахассисон ҳолати риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва дигар қоидаҳои ҳифзи меҳнат санҷида, дар асоси хулосаи дахлдор қарори қонунӣ қабул карда шавад.

Дар моддаи 155 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беасос саркашӣ намудан аз қабул кардан ба кор ё беасос аз кор сабукдӯш намудани зан бинобар ҳомиладорӣ, ҳамчунин беасос саркашӣ намудан аз қабул кардан ба кор ё беасос аз кор сабукдӯш намудани зане, ки кӯдаки то сесола дорад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст.

Санадҳои таъсиррасонии прокурорӣ оиди натиҷаи санҷишҳои вобаста ба ҳолати иҷрои қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи меҳнат гузаронидашуда

Аз натиҷаи санҷишҳо баҳри бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ҷойдошта ва сабабу шароитҳои ба содиршавии онҳо мусоидаткарда пешниҳод, барои фавран бартараф намудани қонунвайронкунӣ амр ва барои бекор намудани санади ҳуқуқии ғайриқонунӣ эътироз оварда, дар бораи ба ҷавобгарии моддӣ, интизомӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашидан қарор қабул кардан зарур мебошад. Инчунин ба эътибор бояд гирифт, ки назорати прокурорӣ дар ин самт бояд ба таври воқеӣ таъмин гардида, санадҳои ҷиҳати бартараф намудани қонунвайронкуниҳо қабулгардида, таъсирбахш ва самаранок бошанд. Ҳамзамон, танҳо ба ҷавобҳои хаттии аз натиҷаи иҷрои талаботи санадҳои таъсиррасонии прокурорӣ ирсолнамудаи шахсони ваколатдор маҳдуд нашуда, интихобан оиди амалан иҷро гардидан ё нагардидани талаботи санадҳои прокурории қабулшуда, санҷишҳои иловагӣ гузаронидан зарур аст. Чунки, дар таҷриба ҳолатҳое вомехӯранд, ки новобаста аз мунтазам мавриди санҷиш қарор гирифтани як масъалаи мушаххас қонунвайронкунӣ дар ин самт хотима наёфта, проблемаҳои мавҷуда боқӣ мемонанд. Аз ҳамин лиҳоз, прокурорро зарур аст ба тартиби гузаронидани санҷиш диққати махсус дода, ба он муваффақ шавад, ки натиҷаи санҷиш фарогири ҳамаи камбудиву қонунвайронкуниҳои дар ин соҳа ҷойдошта буда, назорати масъаларо то лаҳзаи охирини бартараф гардидани қонунвайронкуниҳо идома диҳад.

Бо мақсади самарабахш гузаронидани санҷишҳо дар ин самт ва ноил шудан ба ошкору бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ҷойдошта зарур аст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин мавриди омӯзиш қарор дода шаванд:

-Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи меҳнат";
-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидеми ологии аҳолӣ";
-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ";
-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон";
-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғурта";
-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ";
-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳу рии Тоҷикитстон";
-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор";
-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии саноатии иншооти истеҳсо лии хатарнок";
-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шар тномаҳои коллективӣ";
-Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №521 аз 31.12.2002 "Дар бораи Номгӯи истеҳсолот, сеҳҳо, корҳо, касбу вазифаҳое, ки шароити меҳнати зарарнок ва ваз ни ни кор дар онҳо барои рӯзи кӯтоҳи кор ва рухсатии иловагии ҳарсола ҳуқуқ медиҳад";
-Низомнома "Оиди тафтиш ва баҳисобгирии ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот";
-Тартиби иттилоотонӣ, таблиғи дониш, таълими аҳолӣ ва мутахассисон дар соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №56 аз 12 фев рали соли 2010 тасдиқ шудааст.

Раёсати назорати умумии
Прокуратураи генералии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ОИДИ КАДРҲО

Каримов Файзимад аз 22 июни соли 2011 дар вазифаи сардори Раёсати кадрҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Каримов Файзимад соли 1953 таваллуд шуда, соли 1979 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм намудааст. Дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: коромӯзи прокуратураи шаҳри Орҷоникидзеобод, муфаттиши прокуратураи шаҳри Орҷоникидзеобод, прокурори Раёсати тафтишотии Прокуратураи РСС Тоҷикистон, прокурори Раёсати назорати қонунӣ будани қарорҳои судҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчии калони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба супоришҳои махсус, сардори Раёсати назорати тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқ дар Вазорати корҳои дохилӣ ва назорати таҳқиқ дар мақомоти Кумитаи давлатии гумруки прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати қонунӣ будани қарорҳои судҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини аввали прокурори шаҳри Душанбе, прокурори шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд, прокурори шаҳри Истаравшани вилояти Суғд, сардори Раёсати кадрҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Холмуродов Абдурасул аз 1 апрели соли 2011 дар вазифаи сардори Раёсати назорати тафтишоти пешакӣ дар мақомоти прокуратура кор мекунад.

Холмуродов Абдурасул соли 1949 таваллуд шуда, соли 1972 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм намудааст. Дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: коромӯз дар вазифаи муфаттиши прокуратураи ноҳияи Ленин, муфаттиши прокуратураи ноҳияи Куйбишев, муфаттиши прокуратураи ноҳияи Марказии шаҳри Душанбе, муфаттиши прокуратураи ноҳияи Фрунзеи шаҳри Душанбе, прокурори Раёсати тафтишотии Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини прокурори вилояти Кӯлоб, ёрдамчии калони прокурори ноҳияи Марказии шаҳри Душанбе, прокурори шӯъбаи назорати умумии Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори калони шӯъбаи назорати умумии Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори ноҳияи Ленин, прокурори шаҳри Душанбе, прокурори шаҳри Турсунзода, ёрдамчии калони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати муборизаи бар зидди коррупсияи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати тафтишоти пешакӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати тафтишоти пешакӣ дар мақомоти прокуратура.

Сафаров Саид Шарифович аз 1 апрели соли 2011 дар вазифаи сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва муборизаи бар зидди коррупсияи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Сафаров Саид Шарифович соли 1958 таваллуд шуда, соли 1985 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм намудааст. Дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: додситони калони гурӯҳи илмию методии додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, додситони калони шӯъбаи илмию методӣ ва техникию пайшиносии додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори калон-программисти шӯъбаи илмию методӣ ва техникӣ-криминалистии Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори шӯъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар Кумитаи гумру-

ки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори калони Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти гумрук ва нақлиёти Прокуратураи генералӣ, муовини прокурори шаҳри Турсунзода, муовини сардори Раёсати назорати умумии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори шӯъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Хайруллоев Муҳамадҷон аз 1 апрели соли 2011 дар вазифаи сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти амнияти миллии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Хайруллоев Муҳамадҷон соли 1950 таваллуд шуда, соли 1976 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм намудааст. Дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: коромӯзи прокуратураи ноҳияи Ашт, коромӯзи прокуратураи шаҳри Қайроққум, коромӯзи прокуратураи шаҳри Конибодом, муфаттиши калони прокуратураи шаҳри Конибодом, муовини прокурори шаҳри Конибодом, прокурори ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе, прокурори ноҳияи Ҳисор, сардори шӯъбаи назорати қонунӣ будани фаъолияти хоҷагӣ ва оиди ҳифзи табиати Прокуратураи РСС Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати умумии Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати қонунӣ будани қарорҳои судҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори шӯъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коргузории махсуси Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори шӯъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коргузории махсуси Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти амнияти миллии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Исоев Мадвалӣ Шайдуллоевич аз 1 апрели соли 2011 дар вазифаи сардори Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Исоев Мадвалӣ Шайдуллоевич соли 1962 таваллуд шуда, соли 1985 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм намудааст. Дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: коромӯзи прокуратураи ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе, ёрдамчии прокурори ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе, муфаттиши калони прокуратураи ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе, прокурори шӯъбаи назорат оиди баррасии парвандаҳои шаҳрвандӣ дар судҳои Прокуратураи РСС Тоҷикистон, прокурори Раёсати тафтишотии Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори калони Раёсати тафтишотии Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати тафтиши пешакӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе, сардори Раёсати назорати қонунӣ будани қарорҳои судҳо оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ ва хоҷагии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати кадрҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати кадрҳо ва коргузории Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати қонунӣ будани қарорҳои судҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мирзоев Искандаршо Ҷивоншоевич аз 1 апрели соли 2011 дар вазифаи сардори Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои иқтисодӣ, граждани, оилавӣ ва маъмурии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Мирзоев Искандаршо Ҷивоншоевич соли 1958 таваллуд шуда, соли 1991 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм намудааст. Дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин: коромӯз дар вазифаи ёрдамчии прокурори ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе кор кардааст, муфаттиши калони прокуратураи ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе, прокурори Раёсати назорати тафтиши пешакӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори калони Раёсати назорати тафтиши пешакӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини сардори Раёсати тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳими Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе, муовини сардори Раёсати назорати умумии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори ноҳияи Рӯдакӣ, прокурори шаҳри Турсунзода, сардори Раёсати назорати қонунӣ будани қарорҳои судҳо оид ба парвандаҳои граждани ва иқтисодии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои иқтисодӣ, граждани, оилавӣ ва маъмурии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Додобоев Абдусамӣ Содиқович аз 1 апрели соли 2011 дар вазифаи сардори Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ ва таблиғоти ҳуқуқии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Додобоев Абдусамӣ Содиқович соли 1959 таваллуд шуда, соли 1981 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм намудааст. Дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: коромӯз дар вазифаи муфаттиши калони прокуратураи ноҳияи Ленин, коромӯз дар вазифаи муфаттиши прокуратураи ноҳияи Ленин, муфаттиши прокуратураи ноҳияи Ленин, муфаттиши калони прокуратураи ноҳияи Ленин, муфаттиш оид ба корҳои махсусан муҳими Прокуратураи РСС Тоҷикистон, муовини прокурори ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе, сардори Раёсати назорати тафтиши пешакӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муфаттиш оид ба корҳои махсусан муҳими прокуратураи вилояти Ленинобод, сардори шӯъбаи назорати тафтиши пешакӣ дар мақомоти прокуратураи вилояти Суғд, муовини прокурори вилояти Суғд, муовини аввали Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчии калони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори шӯъбаи муносибатҳои байналмилалӣ, таъминоти ҳуқуқӣ ва маркази ахбори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ ва таблиғоти ҳуқуқии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Иззатуллоев Акобир Қурбонович аз 28 июни соли 2011 дар вазифаи сардори Раёсати молиявию хоҷагии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Иззатуллоев Акобир Қурбонович соли 1959 таваллуд шуда, соли 1987 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм намудааст. Дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: коромӯз дар вазифаи ёрдамчии прокурори шаҳри Орҷоникидзеобод, ёрдамчии прокурори шаҳри Орҷоникидзеобод, ёрдамчии калони прокурори шаҳри Кофарниҳон, ёрдамчии калони прокурори вилояти Хатлон оиди назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон, муовини прокурори шаҳри Кофарниҳон, муовини якуми прокурори шаҳри Кофарниҳон, прокурори шаҳри Ваҳдат, сардори Раёсати назорати тафтиши пешакӣ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, сардори Раёсати молиявию хоҷагии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Давлатов Сунавбар Анварович аз 14 августи соли 2001 дар вазифаи сардори шӯъбаи назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Давлатов Сунавбар Анварович соли 1962 таваллуд шуда, соли 1986 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм намудааст. Дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: коромӯз дар вазифаи ёрдамчии прокурори ноҳияи Хуҷанд, ёрдамчии прокурори ноҳияи Ғончӣ, ёрдамчии прокурори ноҳияи Зафаробод, ёрдамчии прокурори ноҳияи Ҳисор, ёрдамчии калони прокурори ноҳияи Ҳисор, прокурори Раёсати назорат аз болои баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳои Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори калони Раёсати назорат оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳои Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори шӯъбаи назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Пираков Раҷабалӣ Қурбонович аз 6 апрели соли 2011 дар вазифаи сардори шӯъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Пираков Раҷабалӣ Қурбонович соли 1959 таваллуд шуда, соли 1985 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм намудааст. Дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: коромӯз дар вазифаи муфаттиши прокуратураи ноҳияи Восеъ, иҷрокунандаи вазифаи ёрдамчии прокурори ноҳияи Фархор, ёрдамчии прокурори ноҳияи Фархор, прокурори шӯъбаи тафтишотии прокуратураи вилояти Кӯлоб, муфаттиши прокуратураи ноҳияи Москва, прокурори шӯъбаи назорати умумии прокуратураи вилояти Кӯлоб, прокурори Раёсати назорати умумии Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини прокурори ноҳияи Ховалинг, сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти Вазорати амният ва Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори шӯъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар Вазорати амнияти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ дар мақомоти Вазорати корҳои дохилӣ ва дар Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори ноҳияи Шаҳринав, сардори шӯъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ваҳобов Валӣ Маннонович аз 1 марти соли 2011 дар вазифаи сардори шӯъбаи омор ва таҳлили Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Ваҳобов Валӣ Маннонович соли 1963 таваллуд шуда, соли 1988 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм намудааст Дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст. : коромӯз дар вазифаи ёрдамчии калони прокурори ноҳияи Марказии шаҳри Душанбе, ёрдамчии прокурори ноҳияи Марказии шаҳри Душанбе, муфаттиши калони прокуратураи ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе, прокурори шӯъбаи назорати риояи қонунҳо дар мақомоти амният ва муносибатҳои байналмилалии прокуратураи РСС Тоҷикистон, муфаттиши калони прокуратураи ҳарбии гарнизони Душанбе, ёрдамчии калони прокурори ҳарбии гарнизони Душанбе, муовини сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон , сардори Раёсати прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати иҷрои қонунҳо дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини аввали Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори ҳарбии гарнизони Душанбе, прокурори калони ҳарбии шӯъбаи назорати қонунӣ будани қарорҳои судҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, граждани ва иқтисодии Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори шӯъбаи омор ва таҳлили Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мундариҷа

Салимзода Шерхони Одина
Баромади Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5

Воҳидов Ҳабибулло Сайдуллоевич
Замин - сарвати бебаҳо 11

Исоев Мадвали Шайдуллоевич
Некоторые вопросы совершенствования санкционирования меры пресечения судом 15

Муҳаббатов Қурбоналӣ
Фарқият ва умумияти одамкушӣ аз қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиёти боиси фавти ҷабрдида гардидааст ва ҷинояти аз беэҳтиёти ба марг расонидан (моддаҳои 104,108, 110 қисми 3 банди "в") Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24

Халифазода Муҳаммадризои Ниёз
Қонунгузорӣ ва амалияи пешгирии шиканҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 33

Рауфов Фарух
Отграничение насильственных действий сексуального характера от изнасилования 38

Урунова Шоира Абдувалиевна
Стратегия борьбы с коррупцией в РТ и проблемы определения "должностное лицо" в вопросах административно - правовых методов предупреждения и пресечения коррупции в системе государственной службы 42

Рузиев Юсуф Ёкубович
Вопросы прокурорского надзора за законностью и обоснованностью применения меры пресечения в виде заключения под стражу..... 50

Маҳмудов И.Т., Хоҷаева Н. Б.
Мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва масоили дурнамои инкишофи он 54

Дастурамал
оид ба иштироки прокурор дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ..... 59

Дастурамал
оид ба тарзу усулҳои санҷиши ҳолати риояву иҷрои талаботи қонунгузорӣ оиди ҳифзи меҳнат..... 67

ОИДИ КАДРҲО..... 79